МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОР
«ДАР БОРАИ ҲАМРОҲШАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА КОНВЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА СОДДАГАРДОНӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ»

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Замимаи асосӣ, замимаҳои махсуси А, В, С, В, Е (ба истиснои Боби 3 «Боркашонии каботажии молҳо»), F (ба истиснои Боби 3 «Баргардонидан»), G, Н, J, К Конвенсия оид ба соддагардонии ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ аз 18 майи соли 1973 (дар таҳрири нав), ки 26 июни соли 1999 дар шаҳри Брюссел ба имзо расидааст, ҳамроҳ шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2010, №255 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба соддагардонии хамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ аз 18 майи соли 1973 (дар таҳрири нав), ки 26 июни соли 1999 дар шаҳри Брюссел ба имзо расидааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида Котиботи генералии Шӯрои ҳамкориҳои гумрукии Созмони умумиҷаҳонии гумрукро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Зуҳуров
ш. Душанбе, 1 октябри соли 2015,
№127

КОНВЕНСИЯИ
БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА СОДДАГАРДОНӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ
(дар таҳрири нав аз 26 июни соли 1999)

Дебоча

Тарафҳои аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур, ки аз ҷониби Шӯрои ҳамкории гумрукӣ омода шудааст.

Бо мақсади аз байн бурдани ихтилофоти қоидаҳо ва расмиёти гумрукии тарафҳои Аҳдкунанда, ки ҷиҳати рушди хариду фурӯши байналмилалӣ ва дигар намудҳои мубодидаҳои байналмилалӣ монеагӣ мекунад,

Барои гузоштани саҳми арзанда дар рушди чунин хариду фурӯшҳо ва мубодила бо тариқи соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳо ва расмиёти гумрукӣ, инчунин ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои байналмилалӣ,

Қайд менамоянд, ки афзалияти муҳим дар натиҷаи соддагардонии шароитҳои хариду фурӯши байналмилалӣ ноил шудааст, метавонад бе ягон зарар ба қоидаҳои муносиб расонад.

Эътироф менамоянд, ки ба чунин соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар мавриди истифодабарии асосҳои зерин, ноил хоҳанд гашт:

татбиқи барномаҳое, ки барои такмил додан ва баланд бардоштани қоидаҳо ва расмиёти гумрукӣ равона карда мешаванд;

пешгӯи кардан, мантиқӣ ва кушода будан дар мавриди истифодабарии қоидаҳо ва расмиёти гумрукӣ;

ба ҷонибҳои дахлдор пешниҳод намудани ҳамаи маълумотҳои зарурӣ оид ба қонунҳо, санадаҳои ҳуқуқӣ ва маъмуриявӣ дар бораи масъалаҳои гумрукӣ, қоидаҳо ва расмиёти гумрукӣ;

истифодабарии методҳои кории муосир, ҳамчунин назорат бурдан дар асоси идоракунии хатарҳо ва методҳои аудитӣ ва дар ниҳоят истифодабарии амалии технологияҳои иттилоотӣ;

ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳои ҳокимияти миллӣ, хадамотҳои гумрукии дигар кишварҳо ва ҷомеаи тиҷоратӣ, дар ҳолатҳои ки ба он ниёз дорад; ҷорӣ намудани стандартҳои дахлдори байналмилалӣ;

бемамоният таъмин намудани дастрасии ҷонибҳои дахлдор ба мақомотҳои маъмуриявӣ ва судӣ барои баррасии масъалҳо.

Боварӣ доранд, ки ин ҳуҷҷати байналмилалӣ, ки дар асоси мақсаду принсипҳои дар боло зикргардида, ки тарафҳои Аҳдкунанда вазифадор мешаванд риоя кунанд, имконият медиҳад, дар сатҳи баланд соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳои гумрукиро таъмин намояд, ки яке аз мақсадҳои асосии Шӯрои ҳамкориҳои гумрукӣ буда барои шароити фароҳам овардан барои хариду фурӯши байналмилалӣ саҳми арзанда мегузорад, ба мувофиқаи зерин расиданд:

## БОБИ I. МАФҲУМҲО

Моддаи 1

Барои мақсадқои Конвенсияи мазкур:

а) «Стандарт» муқарраротеро мефаҳмонад, ки иҷрои он барои ноил шудан ба ҳамоҳангсозӣ ва соддагардонии расмиёт ва амалияи гумрукӣ зарур дониста мешавад;

б «Стандарти гузариш» стандарти Замимаи асосиро мефаҳмонад, ки барои ба мӯҳлати дарозтар дар амал ҷорӣ намудан иҷозат дода мешавад:

в) «Тавсия оид ба татбиқи амалӣ» муқаррароти Замимаи махсусро мефаҳмонад, ки ҳамчун пешравӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва соддагардонии расмиёт ва амалияи гумрукӣ дониста шуда, истифодаи васеи он бамаврид аст;

г) «Қонунгузории миллӣ» қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ва дигар тадбирҳоеро мефаҳмонад, ки аз ҷониби мақоми салоҳиятдори Тарафи Аҳдкунанда муайян карда шудааст ва дар тамоми қаламрави ин Тарафи Аҳдкунанда бояд татбиқ карда шавад, ё ин ки мавриди амал қарор додани шартномаҳои байналмилалӣ, ки ин Тараф ба худ ӯҳдадорӣ қабул кардааст;

д) «Замимаи асосӣ» маҷмӯи муқарраротеро мефаҳмонад, ки ба ҳамаи расмиёт ва амалияи гумрукӣ, ки дар Конвенсияи мазкур зикр гардидааст, истифода бурда мешавад;

е) «Замимаи махсус» маҷмӯи муқарраротеро мефаҳмонад, ки ба як ё зиёда аз он расмиёт ва амалияи гумрукӣ, ки дар Конвенсияи мазкур зикр гардидааст, истифода бурда мешавад;

ж) «Тавсияҳо» маҷмӯи тавзеҳот ба муқаррароти Замимаи асосӣ, Замимаи махсус ва Бобҳои онҳоро фаҳмонда, баъзе амалҳои имконпазирро барои мавриди амал қарор додани Стандартҳо, Стандартҳои гузариш ва Тавсияҳои татбиқи амалиро нишон медиҳад, аз ҷумла тавсифи намудҳои мувофиқи амалия ва мисолҳои тавсиявии шароитҳои мусоид;

з) «Кумитаи техникии доимӣ» маънои Кумитаи техникии доимии Шӯроро мефаҳмонад;

и) «Шӯро» ташкилотеро мефаҳмонад, ки онро Конвенсия оид ба ташкил кардани Шӯрои ҳамкориҳои гумрукӣ, ки 15 декабри соли 1950 дар Брюссел баргузор щудааст, таъсис додааст;

к) «иттиҳоди гумрукӣ ва ё нктисодӣ» иттиҳод, ки аз ҷониби давлатҳои аъзои он таъсис дода шуда, салоҳияти қабул кардани санадҳои меъёриро дорад ва барои ин давлатҳо аз рӯи масъалаҳое, ки Конвенсияи мазкур ба танзим медарорад, ҳатмӣ мебошад инчунин мутобиқи расмиёти дохилии худ дар бораи ба имзо расонидан, тасдиқ намудан ва ё ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи мазкур салоҳият дорад.

## БОБИ II. ДОИРАИ ТАТБИҚ ВА СОХТОР ДОИРАИ ТАТБИҚИ КОНВЕНСИЯ

Моддаи 2

Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, ки барои соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ мусоидат намоянд ва бо ин мақсад мутобиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур, ки дар Замимаҳои Конвенсияи мазкур омадаанд, Стандартҳо, Стандартҳои гузариш ва Тавсияҳоро оид ба татбиқи амалӣ риоя кунанд. Аммо ҳеҷ чиз ба Тарафи Аҳдкунанда ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид монеа шуда наметавонад, нисбат ба шароите, ки барои онҳо пешбинӣ шудааст ва ба ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҷиҳати пешниҳоди чунин шароити мусоид тавсия дода мешавад, агар ин имконпазир бошад.

Моддаи 3

Муқаррароти Конвенсияи мазкур ба татбиқ намудани қонунгузории миллӣ оид ба мамнӯъ ва маҳдудиятҳое, ки нисбат ба молҳои таҳти назорати гумрукӣ қарордошта, монеа намешаванд.

Сохтори Конвенсия

Моддаи 4

1. Конвенсия аз Матни асосӣ, Замимаи асосӣ ва Замимаи махсус иборат мебошад.

2. Замимаи асосӣ ва ҳар яке аз Замимаҳои махсуси Конвенсия, чун қоида, аз Бобҳое иборатанд, ки аз онҳо Замима тақсим мешавад ва дар бар мегирад:

а) мафҳумҳо;

й) Стандартҳое, ки баъзеи онҳо дар Замимаи асосӣ ҳамчун Стандарти гузариш маҳсуб меёбанд.

3. Дар ҳар як Замимаи махсус, инчунин Тавсияҳо оид ба татбиқи амалӣ мавҷуд мебошад.

4. Ҳар як Замима бо Тавсияҳо ҳамроҳӣ карда мешавад, ки матни онҳо барои Тарафҳои Аҳдкунанда ҳатмӣ нест.

Моддаи 5

Барои мақсадҳои Конвенсияи мазкур ҳар як (ҳама гуна) аз Замимаҳои махсуси ё Бобҳои онҳо, ки тибқи он Тарафи Аҳдкунанда ӯҳдадорӣ қабул намудааст, қисми ҷудонопазири Конвенсияи мазкур маҳсуб ёфта, нисбат ба ин Тарафи Аҳдкунанда ҳама гуна истинод ба Конвенсия, маънои истинод ба ин Замима(ҳо) ё Боб(ҳо) - ро дорад.

## БОБИ III. ИДОРАКУИИИ КОНВЕНСИЯ КУМИТАИ ИДОРАКУНАНДА

Моддаи 6

1. Ҷиҳати баррасии иҷрои Конвенсияи мазкур, ягон тадбир оид ба якхела тафсир намудан ва мавриди истифода қарор додан, инчунин барои ворид намудани тағйирот Комитети идоракунанда таъсис дода мешавад.

2. Аъзои Кумитаи идоракунанда Тарафҳои Аҳдкунанда мебошанд.

3. Маъмурияти салоҳиятдори ҳар кадоме аз тарафҳо мутобиқи талаботи Моддаи 8 Конвенсияи мазкур ҳуқуқ дорад Тарафи Аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур ё яке аз давлати аъзои Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо шавад, ҳуқуқ дорад дар ҷаласаҳои Кумитаи идоракунанда ба ҳайси мушоҳидакунанда ширкат намояд. Мақом ва ҳуқуқҳои чунин мушоҳидакунандагон бо қарори Шӯро муқаррар карда мешаванд. Ҳуқуқҳои дар боло зикргардида то эътибор пайдо кардани қарори дахлдори Шӯро дар амал татбиқ карда намешаванд.

4. Кумитаи идоракунанда намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро дар ҷаласаҳои худ ба ҳайси мушоҳидакунандагон метавонад даъват намояд.

5. Кумитаи идоракунанда:

(а) ба Тарафҳои Аҳдкунанда тавсияҳо медиҳад:

(i) оид ба ворид намудани ислоҳ ба Қисми асосии Конвенсияи мазкур;

(ii) оид ба ворид намудани ислоҳ ба Замимаи асосӣ, Замимаҳои махсус ва Бобҳои онҳо, инчунин оид ба ворид намудани Бобҳои нав ба Замимаи асосӣ;

(iii) оид ба ворид намудани Замимаҳои махсус ва Бобҳои нав ба Замимаҳои махсус.

й) оид ба ворид намудани ислоҳ ба Тавсияҳо ҷиҳати мавриди амал қарор додан ва ё ворид намудани Тавсияҳои нав оид ба мавриди амал қарор додан ба Замимаҳои махсус ё Бобҳои он мутобиқи Моддаи 16 метавонад қарорҳо қабул намояд;

с) тартиби иҷрои муқаррароти Конвенсияи мазкурро тибқи банди 4 Моддаи 13 баррасӣ менамояд;

d) матни Тавсияҳоро аз нав дида мебароянд ва таҳия менамояд;

е) ҳамаи масъалаҳоеро, ки ба Конвенсияи мазкур вобастагӣ доранд, баррасӣ менамояд;

f) оид ба қарорҳои худ Кумитаи техникии доимӣ ва Шӯроро огоҳ менамояд.

6. Маъмурияти садоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда пешниҳодоти худро мутобиқи зербандҳои (а), (й), (с), (d) банди 5 Моддаи мазкур ба унвонии Котиби генералии Шӯро ба таври асоснок, инчунин оид ба дохил намудани масъалаҳо ба рӯзномаи ҷаласаҳои Кумитаи идоракунанда пешниҳод ирсол менамояд. Котиби генералии Шӯро пешниҳодҳои воридшударо ба маълумоти маъмурияти салоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда ва мушоҳидакунандагон, ки дар бандҳои 2, 3 ва 4 Моддаи мазкур зикр ёфтааст, мерасонад.

7. Ҷаласаҳои Кумитаи идоракунанда дар як сол на камтар аз як маротиба гузаронида мешаванд. Комитет ҳар сол Раис ва ҷонишини Раисро интихоб мекунад. Котиби генералии Шӯро ба маъмурияти салоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда ва мушоҳидакунандагон, ки дар бандҳои 2, 3, 4 Моддаи мазкур зикр ёфтаанд, барои иштирок дар ҷаласа ва лоиҳаи рӯзномаи он на дертар аз шаш ҳафта қабл аз оғози ҷаласаи Кумитаи идоракунанда даъватнома мефиристад.

8. Дар ҳолатҳое, ки қарор бо роҳи консенсус (машварат) қабул намешаванд, масъалаҳое, ки ба баррасии Кумитаи идоракунанда гузошта шудаанд, аз ҷониби намояндагони Тарафҳои Аҳдкунанда тавассути овоздиҳӣ ҳал карда мешаванд. Пешниҳодҳо мутобиқи зербандҳои (а), (б) ё (с) банди 5 Моддаи мазкур ҳамон вақт қабул мешаванд, ки ба ҷонибдории он аз се ду ҳиссаи овозҳо дода шаванд. Доир ба масъалаҳои боқимонда Кумитаи идоракунанда қарорро бо роҳи гирифтани аксарияти овозҳо ҷаласа қабул менамояд.

9. Дар сурати татбиқ намудани банди 5 Моддаи 8 Конвенсияи мазкур иттиҳодияҳои гумрукӣ ё иқтисодӣ, ки Тарафҳои Аҳдкунанда маҳсуб мeёбанд, ҳангоми овоздиҳӣ ба ҳамон овозҳо соҳиб шуда метавонанд, ки ба миқдори умумии овозҳои давлатҳои аъзои Тарафҳои Аҳдкунанда баробар бошад.

10. Пеш аз пӯшида шудани ҷаласаҳои худ Кумитаи идоракунанда ҳисоботро тасдиқ мекунад. Ин ҳисобот ба Шӯро ва Тарафҳои Аҳдкунанда, инчунин мушоҳидакунандагон, ки дар бандҳои 2, 3 ва 4 Моддаи мазкур зикр ёфтаанд, фиристода мешавад.

11. Ҳангоми дар Моддаи мазкур мавҷуд набудани муқаррароти дахлдор, Тартиби (Регламенти) Шӯро қабул карда мсшавад, агар Кумитаи идоракунанда қарори дигар қабул накунад.

Моддаи 7

Овоздиҳӣ дар ҷаласаҳои Кумитаи идоракунанда аз рӯи ҳар як Замимаи махсус ва ҳар як Бобҳои Замимаи махсус ба таври алоҳида сурат мегирад.

а) Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда барои овоздиҳӣ оид ба масъалаҳои тафсир намудан, истифода ё ворид намудани ислоҳ ба Матни асосӣ ва Замимаи асосии Конвенсия ҳуқуқ дорад;

б) Оид ба масъалаҳои вобаста ба Замимаи махсус ё Боби Замимаи махсус, ки мавриди амал қарор дорад, ҳуқуқи овоздиҳиро танҳо Тарафҳои Аҳдкунанда, ки Замимаи махсус ё Боби онро қабул кардаанд, доранд;

с) Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ ба лоиҳаи нави Замимаҳои махсус ё Бобҳои нави Замимаи махсус мебошад.

БОБИ IV. ТАРАФИ АҲДКУНАНДА

Ба тасвиб расонидани Конвенсия

Моддаи 8

1. Ҳар як давлати аъзои Шӯро ва ҳар як давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид ё муассисаҳои махсусгардонидашудаи он метавонад бо роҳҳои зерин Тарафи Аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур шавад:

а) бе шарти пешакӣ оид ба тасвиб расонидан ба имзо расонидани он;

б) барои нигоҳдорӣ супоридани ҳуҷҷат оид ба тасвиб расонидан пас аз ба имзо расидани он бо шарти ба тасвиб расонидан;

с) ҳамроҳ шудан ба он.

2. Конвснсияи мазкур барои ба имзо расонидани давлатҳои аъзои дар банди 1 Моддаи мазкур зикршуда то 30 июни соли 1974 дар Қароргоҳи Шӯро дар Брюссел кушода аст. Пас аз ба анҷом расидани ин мӯҳлат Конвенсия барои ҳамроҳшавии давлатҳои аъзои дигар кушода мебошад.

3. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ҳангоми имзо намудан, ба тасвиб расонидан ё ба Конвенсия ҳамроҳ шудан нишон медиҳанд, ки кадоме аз Замимаҳои махсус ва Бобҳои онро қабул менамояд, агар умуман қабул кардани бошад. Дар натиҷа Тарафи Аҳдкунакда метавонад маҳфуздорандаро оид ба қабул намудани як ё зиёда Замимаҳои махсус ё Бобҳои он огоҳ намояд.

4. Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ягон Замимаи махсуси нав ё ягон Боби нави Замимаи махсусро қабул менамояд, оид ба ин маҳфуздорандаро мутобиқи банди 3 Моддаи мазкур огоҳ менамояд.

5. (а) Ҳама гуна иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодӣ метавонад мутобиқи бандҳои 1, 2 ва 3 Моддаи мазкур ҳамчун Тарафи Аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур маҳсуб ёбад. Чунин иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодӣ оид ба салоҳияти худ дар ҳалли масъалаҳое, ки Конвенсия ба танзим медарорад, ба маҳфуздорандаро огоҳ месозад. Чунин иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодӣ, инчунин маҳфуздорандаро оид ба ягон тағйироти ҷузъӣ дар доираи салоҳияти худ огоҳ месозад.

(б) Иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодӣ, ки Тарафи Аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур мебошад, оид ба масъалаҳои дар доираи салоҳияти ӯ қарордошта, аз номи худ дар асоси ҳуқуқҳое, ки Конвенсия ба вай додааст, дар доираи ӯҳдадориҳое, ки Конвенсия ба зиммаи давлатҳои аъзои ин иттиҳод вогузоштааст, иҷро менамояд. Дар ин сурат давлатҳои аъзои чунин иттиҳод ҳуқуқ надорад, ки ба таври инфиродӣ ҳуқуқҳои худро амалӣ созанд, аз он ҷумла ҳуқуқи овоздиҳиро.

Моддаи 9

1. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки Конвенсияи мазкурро ба тасвиб мерасонад ё ба он ҳамроҳ мешавад, ба зарурати ворид намудани ислоҳ ба Конвенсияи мазкур, аз он ҷумла ба Замимаи асосӣ розӣ мешавад, ки аз санаи супоридани ин Тарафи Аҳдкунанда ба маҳфуздоранда ҳамчун ҳуҷҷат оид ба тасвиб расонидан ё ҳамроҳ шудан мавриди амал қарор мегирад.

2. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки Замимаи махсус ё яке аз Бобҳои онро қабул намудааст, ба зарурати ворид намудани ягон ислоҳ ба Стандартҳои дар ин Замимаи махсус ё Боби он мавҷудбуда розигӣ медиҳад, ки аз санаи огоҳ намудани маҳфуздоранда оид ба чунин қабул намудан мавриди амал қарор мегирад. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ягон Замимаи махсус ё ягон Боби онро қабул кардаанд, ба зарурати ворид намудани ягон ислоҳ ба Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор додан, ки аз санаи огоҳ сохтани маҳфуздоранда қувваи қонунӣ пайдо мекунад, розигӣ медиҳад, агар ин Тарафи Аҳдкунанда шарти пешакӣ оид ба

истифода накардани як ё зиёда чунин Тавсияҳоро оид ба мавриди амал қарор додан мутобиқи Моддаи 12 Конвенсияи мазкур нагузошта бошад.

Татбиқи Конвенсия

Моддаи 10

1. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ҳангоми ба имзо расонидани Конвенсияи мазкур бе ягон шарҳи ба тасвиб расонидан ё барои нигоҳдорӣ супоридани ҳуҷҷат оид ба тасвиб расонидан ё ҳамроҳ шудан ё ба вақти дигар бо роҳи фиристодани огоҳнома ба маҳфуздоранда метавонад изҳор намояд, ки мӯҳлати эътибори Конвенсия дар тамоми қаламрав ё дар қаламрави алоҳида, ки барои муносибатҳои байналмилалӣ он Тараф масъул аст, тавсеа мегардад. Чунин огоҳнома пас аз гузаштани се моҳ, аз санаи гирифтани маҳфуздоранда мавриди амал қарор дода мешавад. Аммо Конвенсияи мазкур дар қаламрави дар огоҳинома нишондодашуда то қувваи қонунӣ пайдо кардан, барои Тарафҳои Аҳдкунанда мавриди истифода қарор намегирад.

2. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки мутобиқи банди 1 Моддаи мазкур дар бораи мавриди амал қарор гирифтани Конвенсияи мазкур, ки он барои муносибатҳои байналмилалӣ дар ягон қаламрав масъул мебошад, огоҳнома мефиристад, метавонад мутобиқи расмиёти муқаррарнамудаи Моддаи 19 Конвенсияи мазкур, маҳфуздорандаро дар хусуси он, ки дар қаламрави мазкур ҳамин Конвенсия минбаъд татбиқ намегардад, огоҳ созад.

Моддаи 11

Барои мақсадҳои татбиқ нашудани Конвенсияи мазкур ба ҳар як иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодие, ки Тарафи Аҳдкунанда маҳсуб меёбад, зарур аст Котиби генералии Шӯроро дар бораи қаламраве, ки дар онҳо иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодӣ таъсис ёфтааст ва ин қаламрав ҳамчун як каламрави ягона баррасӣ мегардад, огоҳ созад.

Қабули муқаррарот ва шартҳо

Моддаи 12

1. Ҳамаи Тарафҳои Аҳдкунанда ба ҳатмӣ будани Замимаи асосӣ ризоият медиҳанд.

2. Тарафи Аҳдкунанда метавонад як ё зиёда Замимаи махсус ё беш аз он ё як Боби он ё беш аз онро қабул намояд. Тарафи Аҳдкунанда, ки Замимаи махсус ё Боби онро қабул кардааст, ба ҳатмӣ будани ҳамаи Стандартҳое, ки дар онҳо мавҷуданд, розӣ мешавад. Тарафи Аҳдкунанда, ки Замимаи махсус ё Боби онро қабул кардааст, барои зарурияти дар онҳо мавҷуд будани ҳамаи Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор додан розӣ мешавад, агар танҳо дар лаҳзаи қабул ё дар дигар вақт пас аз ин, Тарафи Аҳдкунанда маҳфуздорандаро дар бораи Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор додан огоҳ насозад ва Тарафи Аҳдкунанда ихтилофоти мавҷударо миёни муқаррароти қонунгузории миллӣ ва Тавсияҳои дахлдор оид ба мавриди амал қарор додан нишон дода, онҳоро шарҳ диҳад. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад дар мавриди зарурӣ пурра ё қисман иҷрои ин ё он талаботро бо нишон додани санаи он тавассути огоҳ намудани маҳфуздоранда, боздорад.

3. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ба ҳатмӣ будани Замимаи махсус ва ё яке аз Бобҳои он розигӣ додаанд, бояд имконияти бекор кардани ҳама гуна шарҳҳоро ба Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор додан омӯзад, ки мутобиқи муқаррароти банди 2 дар охири ҳар давраи сесола, ки аз санаи мавриди амал қарор гирифтани Конвенсияи мазкур барои ин Тарафи Аҳдкунанда оғоз меёбад, Котиби генералии Шӯроро дар хусуси натиҷаҳои чунин омӯзиш хабар дода, вазъи Қонунгузории миллии худро, ки барои бекор намудани шарҳҳо имконият намедиҳанд.

Иҷрои муқаррарот

Моддаи 13

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда иҷрои стандартҳои Замимаи асосӣ, Замимаи махсус ва Бобҳоро дар муддати 36 моҳ пас аз қувваи қонунӣ пайдо намудани ин Замима(ҳо) ё Бобҳо барои ин Тарафи Аҳдкунанда таъмин менамояд.

2. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда иҷрои Стандартҳои гузариши Замимаи асосиро дар муддати 60 моҳ аз рӯзи мавриди амал қарор додани Замимаи асосӣ барои ин Тарафи Аҳдкунанда таъмин менамояд.

3. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда иҷрои Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор доданро, ки дар Замимаи махсус ё яке аз Бобҳои он қабул шудааст, дар муддати 36 моҳи пас аз қувваи қонунӣ пайдо кардан бояд барои ин тарафи Аҳдкунанда таъмин намояд, агар нисбат ба ягон Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор додан як ё беш аз он тавзеҳот нашуда бошад.

4. (а) Дар ҳолате, ки мӯҳлатҳои дар бандҳои 1 ва 2 Моддаи мазкур пешбинишуда барои таъмини иҷрои муқаррароти Замимаи асосии яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар амал нокифоя бошад, ин Тарафи Аҳдкунанда метавонад, то анҷом ёфтани мӯҳлати дар бандҳои 1 ва 2 Моддаи мазкур ба Кумитаи идоракунанда бо дархост дар бораи тамдид намудани мӯҳлат муроҷиат намояд. Дар дархости худ ин Тарафи Аҳдкунавда бояд ба таври мушаххас оид ба кадом муқаррароти Замимаи асосӣ тамдид додани мӯҳлат талаб карда мешавад, инчунин сабабҳои онро дарҷ кунад.

4. (б) Ба таври истисно, Кумитаи идоракунанда метавонад оид ба тамдиди мӯҳлат қарор қабул намояд. Ҳама гуна қарорҳои Кумитаи идоракунанда оид ба пешниҳоди тамдид бояд истинод ба ҳолатҳои мустасноро дар бар гирад, ки барои ин қарор чун асос хизмат мекунад, мӯҳлатро ҳатман зикр бояд кард, ва мӯҳлати тамдид набояд аз 1 сол зиёд бошад. Бо хотима ёфтани мӯҳлати тамдид Тарафи Аҳдкунанда ба маҳфуздоранда оид ба таъмини иҷрои муқаррароте, ки тамдид ёфтаанд, бояд маълумот диҳад.

## Ҳалли баҳсҳо

Моддаи 14

1. Ҳама гуна баҳсҳо байни ду ё зиёда Тарафҳои Аҳдкунанда оид ба тафсир ё татбиқи Конвенсияи мазкур бо роҳи гуфтушуниди тарафҳо ҳал карда мешаванд.

2. Ҳама гуна баҳсҳое, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳо ҳалли худро наёфтанд аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунандаи баҳскунанда ба Кумитаи идоракунанда фиристода мешаванд ва он сабабҳои баҳсро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онро тавсия медиҳад.

3. Тарафҳои Аҳдкунандаи баҳскунанда метавонанд тавсияҳои Кумитаи идоракунандаро ҳамчун ҳатмӣ пешакӣ қабул намоянд.

## Ворид намудани ислоҳ ба Конвенсия

Моддаи 15

1. Матни ҳамаи ислоҳҳое, ки Тарафҳои Аҳдкунанда ба Кумитаи идоракунанда тавсия кардаанд, мутобиқи зербандҳои (а) 0) ва (н) банди 5 Моддаи 6 аз ҷониби Котиби генералии Шӯро ба Тарафҳои Аҳдкунанда ва давлатҳои аъзои Шӯро, ки Тарафи Аҳдкунанда нестанд фиристода мешавад.

2. Ислоҳҳои ба Матни асосии Конвенсия воридшуда барои ҳамаи Тарафҳои Аҳдкунанда пас аз 12 моҳи барои нигоҳдорӣ ирсол шудани ҳуҷҷатҳо дар ҷаласаи Кумитаи идоракунанда, ки ин тавсияҳо пешниҳод шудаанд, бо шарти дар мӯҳлати 12 моҳ оид ба ин ислоҳҳои воридшуда аз Тарафҳои Аҳдкунанда эътироз наомада бошад, қабул карда мешавад.

3. Ислоҳҳое, ки барои ворид намудан ба Замимаи асосӣ ё Замимаи махсус ё Бобҳои он тавсия мешаванд, бо гузаштаии 6 моҳ аз рӯзи тавсия шудани ислоҳҳо аз Тарафи Аҳдкунанда қабулшуда ҳисоб меёбад, дар сурати агар:

а) аз Ҷониби Тарафи Аҳдкунанда эътироз наомадааст, ё дар ҳолати ворид намуданиислоҳ ба Замимаи махсус ё Бобҳои он аз Тарафи Аҳдкунанда барои зарурияти ин Замимаи махсус ё Бобҳо розигӣ гирифта шудааст;

й) Тарафи Аҳдкунанда Котиби генералии Шӯроро хабардор накардааст, ки қатъӣ назар аз мақсади қабули ислоҳи тавсияшуда, шартҳои зарурӣ барои қабули он ҳоло иҷро нагардидаанд.

4. Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ба Котиби генералии Шӯро дар асоси зербанди (б) банди 3 ҳамин Модда огоҳинома фиристад, он гоҳ то рӯзи ирсол шудани огоҳиномаи Котиби генералии Шӯро дар хусуси қабул шудани ислоҳи тавсияшуда, вай метавонад эътирози худро оид ба ислоҳи мазкур дар муддати 18 моҳ пас аз гузаштани мӯҳлати шашмоҳае, ки дар банди 3 Моддаи мазкур муқаррар шудааст, пешниҳод намояд.

5. Дар сурати мавҷуд будани эътироз нисбат ба ислоҳи пешниҳодшуда мутобиқи зербанди (а) банди 3 ё 4 Моддаи мазкур чунин ислоҳ қабулнашуда маҳсуб ёфта, мавриди амал қарор дода намешавад.

6. Агар ягон Тарафи Аҳдкунанда мутобиқи зербанди (й) банди 3 ҳамин Модда огоҳинома фиристода бошад, ислоҳ пештар пешниҳодшудаи он назар ба санаҳои зерин қабул карда мешавад:

а) санае, ки ҳамаи Тарафҳои Аҳдкунанда чунин огоҳинома фиристондаанд ва аллакай Котиби генералии Шӯроро дар хусуси қабул намудани ислоҳи тавсияшуда хабардор намудаанд, ба шарте, ки ин сана ҳамчун санаи анҷом ёфтани мӯҳлати шашмоҳа, ки дар банди 3 Моддаи мазкур муқаррар шудааст, қабул карда шавад, агар ҳамаи огоҳиномаҳо то мӯҳлати зикршуда ворид гардида бошанд;

б) санаи анҷом ёфтани мӯҳлати 18 моҳа дар банди 4 Моддаи мазкур муқаррар шудааст.

7. Ҳама гуна ислоҳ ба Замимаи асосӣ, Замимаҳои махсус ё Бобҳои он қабулшуда дониста мешавад ё пас аз гузаштани 6 моҳ пас аз санае, ки он қабулшуда ҳисоб меёбад ё агар дар ислоҳи тавсияшуда дигар мӯҳлат нишон дода шуда бошад, пас аз гузаштани ин мӯҳлат баъд аз санае, ки ислоҳ қабул мегардад ҳукми қонуни пайдо мекунад.

8. Котиби генералии Шӯро дар муддати кӯтоҳтарин ба Тарафҳои Аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур оид ба ҳама гуна эътирозе, ки мутобиқи зербанди (а) банди 3 ва оид ба ҳама гуна огоҳиномаҳое, ки мутобиқи зербанди (й) банди 3 ҳамин Модда гирифта шудааст, хабар медиҳад. Минбаъд Котиби генералии Шӯро Тарафҳои Аҳдкунандаро огоҳ месозад, ки оё Тарафҳои Аҳдкунандае, ки чунин огоҳинома фиристодаанд, эътироз нисбат ба ислоҳи тавсияшуда ё қабули он эътироз пешниҳод намудаанд.

Моддаи 16

1. Новобаста аз расмиёти дар Моддаи 15 Конвенсияи мазкур баёншуда ворид намудани ислоҳро Кумитаи идоракунанда мутобиқи Моддаи 6 оид ба ворид намудани ислоҳ ба ҳар як Тавсияҳо оид ба мавриди амал қарор додан, ё ворид намудани Тавсияҳои нав оид ба мавриди амал қарор додан ба ҳар як Замимаи махсус ё Бобҳои он қарор қабул мекунад. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда аз ҷониби Котиби генералии Шӯро барои иштирок намудан дар муҳокимаҳо ба Кумитаи идоракунанда даъват карда мешавад. Матни ҳар як чунин ислоҳ ё Тавсияҳои нави оид ба мавриди амал қарор додан, ки дар заминаи онҳо қарори мазкур қабул шудааст ба Котиби генералии Шӯрои Тарафҳои Аҳдкунанда ва давлатҳои аъзои Шӯро, ки Тарафҳои Аҳдкунандаи Конвенсияи мазкур маҳсуб намеёбанд, фиристода мешаванд.

2. Ҳама гуна ислоҳ ё ворид намудани Тавсияҳои нав оид ба мавриди амал ҳқарор додан, ки аз рӯи онҳо мутобиқи банди 1 Моддаи мазкур қарор қабул шудааст, ҳамон вакт мавриди истифода қарор мегирад, ки аз рӯзи ба Котиби генералии Шӯро фиристода шудани он 6 моҳ гузашта шуда бошад. Ҳар яке аз Тарафи Аҳдкунанда,ки барои зарурияти ба ягон Замимаи махсус ё Боби он ворид намудани ислоҳ ё Тавсияҳои нави оид ба мавриди амал қарор додан розигӣ медиҳад, ҳамчун Тарафи Аҳдкунандаи қабулкунандаи ин ислоҳ ё Тавсияҳои нав маҳсуб меёбад, ба Шарте, ки ин Тараф мутобиқи расмиёти дар Моддаи 12 Конвенсияи мазкур пешбинишуда тавзеҳот ворид насозад.

Мӯҳлати амал

Моддаи 17

1. Конвенсияи мазкур мӯҳлати амали номаҳдуд дорад, вале ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад онро ҳар вақт мутобиқи Моддаи 18 Конвенсияи мазкур пас аз санаи мавриди амал қарор гирифтани он аз эътибор соқит намояд.

2. Огоҳинома оид ба беэътибор донистан дар шакли хаттӣ ба маҳфуздоранда пешниҳод карда мешавад.

3. Аз эътибор соқит намудан пас аз гузаштани шаш моҳ аз санаи қабули ҳуҷҷат аз ҷониби маҳфуздоранда мавриди амал карор мегирад.

4. Муҳқаррароти бандҳои 2 ва 3 ҳамин Модда инчунин нисбат ба Замимаи махсус ё Бобҳои он истифода бурда мешаванд, ки ҳар кадоме аз Тарафи Аҳдкунанда метавонад розигии худро оид ба қабул намудани онҳо пас аз мавриди истифода қарор додани онҳо, бозпас гирад.

5. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда, ки розигии худро оид ба қабул намудани Замимаи асосӣ ба Конвенсия бозпас гирифтааст, Конвенсияи мазкурро аз эътибор соқитшуда мешуморад. Дар ин ҳолат бандҳои 2 ва 3 низ мавриди амал қарор дода мешаванд.

БОБИ V. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДАНИ КОНВЕНСИЯ

Моддаи 18

1. Конвенсияи мазкур пас аз гузаштани 3 моҳ баъд аз он ки панҷ субъектҳои дар бандҳои 1 ва 5 Моддаи 8 Конвенсияи мазкур зикршуда бе шарҳи ба тасвиб расонидан онро ба имзо мерасонад ё оид ба тасвиб расонидан ё ҳамроҳ шудан барои нигоҳдорӣ мефиристанд, мавриди амал қарор мегарад.

2. Конвенсияи мазкур барои ҳар як Тарафи Аҳкунанда пас аз гузаштани 3 моҳ аз рӯзе, ки мутобиқи талаботи моддаи 8 Конвенсияи мазкур Тарафи Аҳдкуканда ҳисоб мешавад, мавриди амал қарор мегирад.

3. Ҳар як Замимаи махсуси ҳамин Конвенсия ё Боби он пас аз гузаштани 3 моҳ аз лаҳзаи қабул шудани Замимаи махсус ё Боби он аз ҷониби панҷ Тарафи Аҳдкунанда, мавриди амал қарор мегирад.

4. Пас аз мавриди амал қарор додани ягон Замимаи махсус ё Бобҳои он мутобиқи банди 3 Моддаи мазкур ин Замимаи махсус ё Боби он барои ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бо гузаштани 3 моҳ аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома дар хусуси қабул шудани онҳо, мавриди амал қарор дода мешавад. Аммо ягон Замимаи махсус ё Боби он барои Тарафи Аҳкунанда то ҳукми қонунӣ пайдо кардани Конвенсияи мазкур мавриди истифода қарор дода намешавад.

Маҳфуздорандаи Конвенсия

Моддаи 19

1. Конвенсияи мазкур, ҳамаи имзоҳои зери шарт ё бе шарҳдиҳӣ оид ба тасвиб расонидан, инчунин ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба тасвиб расонидан ё ҳамроҳ шудан, барои нигоҳдорӣ ба Котиби генералии Шӯро супорида мешаванд.

2. Маҳфуздоранда вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

а) матнҳои аслии Конвенсияи мазкурро гирифта, нигоҳдории онҳоро таъмин менамояд;

ӣ) нусхаҳои тасдиқшудаи матнҳои аслии Конвенсияи мазкурро омода мекунад ва онҳоро ба Тарафҳои Аҳкунанда ва давлатҳои аъзои Шӯро, ки Тарафҳои Аҳкунанда нестанд, инчунин ба Котиби генералии Созмони Миллали Муттаҳид мефиристад;

c) Ҳама гуна имзоҳоро аз рӯи шарт ё бе шарҳдиҳӣ дар бораи тасдиқ намудан ё ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи мазкур мегирад, инчунин нигоҳдории ҳамаи навъҳои ҳуҷҷатҳо, огоҳиномаҳо ва маълумотеро, ки ба ин Конвенсия муносибат доранд, таъмин менамояд;

d) дар шакли зарурӣ иҷро шудан ё нашудани имзоҳо ё ҳуҷҷатҳо, огоҳиномаҳо ё маълумотро, ки ба Конвенсияи мазкур мансубанд, меомӯзад ва дар мавриди зарурат ин масъаларо ба маълумоти Тарафҳои Аҳдкунанда мерасонад.

e) тарафҳои Аҳкунанда давлатҳои аъзои Шӯро, ки Тарафҳои Аҳдкунанда нестанд ва Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳидро огоҳ мекунад, дар хусуси:

- ба имзо расидан, тасдиқ шудан, хамроҳ шудан ва қабули замимаҳо ё Бобҳо мутобиқи Моддаи 8 Конвенсияи мазкур;

- бобҳои нави Замимаи асосӣ ва Замимаҳои махсуси нав ё Бобҳои он, ки Кумитаи идоракунанда барои ба Конвенсияи мазкур ворид намудан тавсия кардааст;

- санаи мавриди амал қарор додани Конвенсияи мазкур, Замимаи асосӣ, ҳар як Замимаи махсус ё Бобҳои онро мутобиқи Моддаи 18 Конвенсияи мазкур муқаррар мекунад;

- огоҳиномаҳое, ки мутобиқи Моддаҳои 8, 10, 11, 12 ва 13 Конвенсияи мазкур қабул шудаанд;

- мулоҳизоти Тарафҳои Аҳдкунанда ва ризоияти онҳо оид ба қабул намудани Замимаҳо/Бобҳо;

- аз эътибор соқит намудан мутобиқи Моддаи 17 Конвенсияи мазкур;

- ҳамаи ислоҳҳо мутобиқи Моддаи 15 қабулшудаи Конвенсияи мазкур ва санаи мавриди амал қарор додани он.

3. Дар сурати пайдо шудани ихтилофот байни Тарафҳои Аҳдкунанда ва маҳфуздоранда оид ба иҷрои вазифаҳои маҳфуздоранда ё ин Тарафҳои Аҳдкунанда масъаларо ба маълумоти Тарафҳои Аҳдкунандаи дигар, тарафҳое, ки ин Конвенсияро ба имзо расонидаанд ё вобаста ба вазъият, ба маълумоти Кумитаи идоракунанда мерасонад.

Бақайдгирии Конвенсия ва шабоҳат доштани матнҳо

Моддаи 20

Мутобиқи Моддаи 102 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияи мазкур ҳангоми муроҷиати Котиби генералии Шӯро дар Котиботи Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта мешавад.

Барои тасдиқ, шахсони дар поён имзогузошта, ки ба кадри кофӣ ваколат доранд, Конвенсияи мазкурро ба имзо расониданд.

Дар шаҳри Киото, ҳаждаҳуми майи соли ҳазору нӯҳсаду ҳафтоду се бо забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ иҷро шуда, ҳар ду матн қувваи қонунии якхела доранд, дар ях нусха интишор ёфта, бояд ба Котиби генералии Шӯро барои нигоҳдорӣ супорида шавад, ки ӯ нусхаҳои тасдиқшударо ба ҳамаи субъектҳое, ки дар банди 1 Моддаи 8 Конвенсияи мазкур нишон дода шудаанд, ирсол менамояд.

ЗАМИМАИ АСОСӢ

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Стандарт

Мафҳумҳо, Стандартҳо ва Стандартҳои гузариши Замимаи мазкур ба расмиёт ва амалияи гумрукии дар ин Замима овардашуда, инчунин ба қадри имкон, ба расмиёту амалияи Замимаҳои махсус татбиқ карда мешаванд.

1.2. Стандарт

Шартҳое, ки бояд иҷро шаванд ва расмиёти гумрукие, ки бояд иҷро шаванд, барои истифодаи расмиёт ва амалияи Замимаи мазкур ва Замимаҳои махсус дар қонунгузории миллӣ муайян карда мешаванд ва бояд то ҳадди имкон содда бошанд.

1.3. Стандарт

Хадамоти гумрук муносибатҳои расмии хусусияти машваратӣ доштаро бо иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ бо мақсади вусъат додани ҳамкориҳо ва осон гардонидани иштирок дар таҳияи усулҳои самараноктари корҳо, ки ба муқарраროти қонунгузории миллӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунанд, муайян ва дастгирӣ менамояд.

## БОБИ 2. МАФҲУМҲО

Барои мақсадҳои Замимаҳо ба Конвенсияи мазкур:

E1./F23. «шикоят» санадеро ифода мекунад, ки тавассути он шахс бевосита бо қарори баровардашуда ё аз беамалии хадамоти гумрук зарар дида, дар натиҷаи он худро зарардида мешуморад ва ба мақомоти салоҳиятдор дар хусуси ҷуброни товони зарар муроҷиат менамояд.

E2./F19 «ҳисоб кардани боҷҳо ва андозҳо» маънои муайян намудани маблағи боҷҳо ва андозҳоро дорад, ки бояд пардохта шаванд;

E3./F4. «назорат дар асоси усулҳои аудитӣ» тадбирҳоеро ифода мекунад, ки имконияти бовар кунонидани хадамоти гумрук оид ба саҳеҳияти пур кардани декларатсияҳо ва дурустию эътиборнокии маълумот бо роҳи санҷиши мавҷуд будани дафтарҳои баҳисобгирӣ, ҳисобҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва иттилооти тиҷоратии шахсони манфиатдор мегарданд.

E4./F15. «санҷиши декларатсияи молҳо» амалеро мефаҳмонад, ки хадамоти гумрук барои боварӣ ҳосил намудан нисбат ба он ки декларатсияи мол дуруст пур карда шудааст ва ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиқкунанда ба талабот ҷавобгӯ мебошанд, мавриди амал қарор медиҳад;

E5./F9. «тоза намудан» иҷрои расмиёти гумрукиро мефаҳмонад, ки барои таҳти истеъмоли дохилӣ ҷойгир намудани молҳо, барои содироти онҳо ё ҷойгир намудан таҳти дигар расмиёти гумрукӣ заруранд;

E6./F10. «хадамоти гумрук» хадамоти давлатиеро мефаҳмонад, ки барои татбиқи қонунгузории гумрукӣ, ситонидани боҷҳо ва андозҳо, инчунин татбиқи қонунҳои дигар ва санадҳои меъёрие, ки ба воридот, содирот, интиқол ва нигоҳдории молҳо вобастаанд, масъул мебошад;

E7./F3. «назорати гумрукӣ»- тадбирҳое мебошанд, ки хадамоти гумрукӣ барои таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ мавриди амал қарор медиҳад;

E8./F11. «боҷҳои гумрукӣ» боҷҳоеро мефаҳмонад, ки тарифи гумрукӣ пешбинӣ намудааст ва ҳангоми расидани молҳо ба қаламрави гумрукӣ ва баровардани молҳо аз қаламрави гумрукӣ андозбандӣ мешаванд.

E9./F16. «расмиёти гумрукӣ» ҳамаи амалиётеро ифода мекунад, ки ашхоси манфиатдор ва хадамоти гумрукӣ бо мақсади риояи қонунгузории гумрукӣ бояд иҷро кунанд;

E10./F18. «қонунгузории гумрукӣ» - муқарраროти қонунҳо ва санадҳои зерқонунҳоро мефаҳмонад, ки воридот, содирот, интиқол ё нигоҳдории молро дар бар гирифта, татбиқ ва таъмини иҷро бевосита ба зиммаи хадамоти гумрук вогузор карда шудааст, инчунин ҳама гуна санадҳои меъёрие, ки хадамоти гумрук дар доираи салоҳиятҳое, ки қонунҳои амалкунанда муқаррар намудаанд, интишор кардааст;

E11.F2. «мақоми гумрукӣ» воҳиди маъмурии хадамоти гумрукро мефаҳмонад, ки барои иҷрои расмиёти гумрукӣ ваколатдоранд, инчунин биноҳо, иншоот ва дигар минтақаҳое, ки мақомоти салоҳиятдор барои ин мақсадҳо муқаррар намудаанд;

E12./F25. «қаламрави гумрукӣ» қаламраверо мефаҳмонад, ки дар он қонунгузории гумрукии Тарафи Аҳдкунанда мавриди амал қарор дода мешавад;

E13./F6. «қарор» санади хусусияти инфиродӣ доштаест, ки аз рӯи масъалаи дар қонунгузории гумрукӣ пешбинишуда, хадамоти гумрук қарор қабул менамояд;

E14./F7. «декларант» шахсе мебошад, ки молҳоро декларатсия мекунад ё аз номи каси дигар молҳо декларатсия мешаванд;

E15./F5. «санаи пардохт» санаеро ифода мекунад, ки боҷҳо ва андозҳо бояд пардохт шаванд;

E16./F12. «боҷҳо ва андозҳо» боҷҳои воридотӣ ва андозҳоро ва/ё ин ки боҷҳои содиротӣ ва андозҳоро мефаҳмонад;

E17./F27. «санҷиши мол» маънои санҷиши воқеии молҳоро аз ҷониби хадамоти гумрук бо мақсади муайян намудани хусусияти мутобиқати мол, пайдоиш, ҳолат, миқдор ва арзиши мол аз рӯи маълумоте, ки дар декларатсияи мол нишон дода шудааст, ифода мекунад;

E18./F13. «боҷҳои содироти ва андозҳо» маънои боҷҳои гумрукӣ ва ҳамаи дигар боҷҳо, андозҳо ё хироҷҳоеро доранд, ки ҳангоми содироти мол ё дар робита бо он ситонида мешаванд, ба истиснои ҳама гуна хироҷҳое, ки андозаашон бо арзиши тақрибии хизматҳои расонидашуда маҳдуд мегардад ё онҳо аз тарафи хадамоти гумрук тибқи супориши мақомоти дигари давлатӣ ситонида мешаванд;

E19./F8. «декларатсияи молҳо» маънои аризаеро дорад, ки мувофиқи шакли аз тарафи хадамоти гумрук муқарраргардида тартиб дода шуда, дар он шахсони манфиатдор расмиёти гумрукии нисбати молҳо татбиқ шавандаро зикр мекунанд ва маълумоти барои хадамоти гумрук ҷиҳати татбиқи ин расмиёт зарурро арз менамоянд;

E 20./F14. «боҷҳои воридотӣ ва андозҳо» боҷҳои гумрукӣ ва ҳамаи дигар боҷҳо, андозҳо ё хироҷҳоеро мефаҳмонад, ки ҳангоми воридоти мол ё дар робита бо он ситонида мешаванд, ба истиснои ҳама гуна хироҷҳое, ки андозаашон ба арзиши тақрибии хизматҳои расонидашуда маҳдуд мегардад ё онҳо аз тарафи хадамоти гумрук тибқи супориши мақомоти дигари давлатӣ ситонида мешаванд;

E21./F1. «кӯмаки мутақобили маъмурӣ» маънои амалҳоеро дорад, ки аз тарафи як маъмурияти гумрукӣ бо супориши маъмурияти дигари гумрукӣ ё дар якҷоягӣ бо он бо мақсади татбиқи зарурии қонунгузории гумрукӣ ва барои огоҳонидан, тафтиш ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ анҷом дода мешаванд;

E227 F21. «беамалӣ» маънои иҷро накардани амал ё қабул накардани қарори бо қонунгузории гумрукӣ барои хадамоти гумрук таъйиншударо дар тӯли мӯҳлати маъқул оид ба масъалаи дар назди он ба таври мувофиқ гузашташударо дорад;

E23./F22. «шахс» маънои ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқиро дорад, агар дар матн шарҳи дигаре зикр нагардида бошад;

E24./F20. «иҷозати мол» маънои амали хадамоти гумрукро дорад, ки ба шахсони манфиатдор барои ихтиёрдории молҳое, ки нисбат ба онҳо тозакунӣ анҷом дода мешавад, иҷозат медиҳад;

E25./F24. «баргардонидани пардохт» маънои пурра ё қисман баргардондани боҷҳо ва андозҳоеро дорад, ки нисбати молҳо пардохта шудаанд, инчунин пурра ё қисман озод намудан аз боҷҳо ва андозҳо, агар онҳо ҳанӯз пардохт нашуда бошанд;

E26./F17. «кафолат» маънои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои аз тарафи хадамоти гумрук эътирофшударо дорад. Кафолат «асосӣ» ҳисоб мешавад, агар он иҷрои ӯҳдадориҳоро барои якчанд амалиёт таъмин намояд;

E27./F26. «тарафи сеюм» ба маънои шахсе омадааст, ки бевосита бо хадамоти гумрук аз номи ё бо супориши шахси дигар дар робита бо воридот, содирот, интиқол ё нигоҳдории мол ҳамкорӣ мекунад.

## БОБИ 3. ТОЗА НАМУДАН ВА ДИГАР РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ

### Мақомоти салоҳиятдори гумрукӣ

3.1. Стандарт

Хадамоти гумрук мақомоти гумрукеро муқаррар мекунад, ки дар онҳо молро пешниҳод намудан ё тозакунии онро анҷом додан мумкин аст. Ҳангоми муайян кардани салоҳият ва маҳали ҷойгиршавии чунин мақомот ва соатҳои кории онҳо дар қатори омилҳои мавриди таваҷҷӯҳ, хусусан, талаботи савдо ба назар гирифта мешаванд.

3.2. Стандарт

Мувофиқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук ҳамчун асоснок эътирофгардида, хадамоти гумрук, дар сурати мавҷуд будани имкониятҳо, вазифаҳои ба зиммааш гузошташудаеро, ки барои мақсадҳои расмиёт ва амалияи гумрукӣ пешбинӣ гардидаанд, берун аз соатҳои муқарраршуда ва ё маҳали ҷойгиршавии мақомоти гумрук иҷро менамояд. Ҳама гуна хироҷҳое, ки аз тарафи хадамоти гумрук ситонида мешаванд, бо арзиши тақрибии хизматҳои расонидашуда маҳдуд мегарданд.

3.3. Стандарт

Дар он ҳолатҳое, ки мақомоти гумрук дар маҳали умумии гузаргоҳ дар сарҳад ҷойгир шудаанд, маъмуриятҳои манфиатдори гумрукӣ соатҳои корӣ ва салоҳиятро бо ин мақомот мувофиқа мекунанд.

3.4. Стандарти гузариш

Дар маҳалҳои умумии гузаргоҳ дар сарҳад маъмуриятҳои манфиатдори гумрукӣ назорати муштаракро дар ҳамаи ҳолатҳое, ки ин имконпазир аст, амалӣ мекунанд.

3.5. Стандарти гузариш

Дар он ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук тасмим гирифтааст дар маҳали умумии гузаргоҳ дар сарҳад мақоми гумруки нав таъсис диҳад ё мақомоти мавҷудбударо аз нав ташкил кунад, он дар ҳама ҳолатҳое, ки имконпазир аст, бо хадамоти гумруки давлати ҳамсарҳад барои таъсиси мақоми гумруки ҳамсарҳад бо мақсади осон кардани назорати муштарак ҳамкорӣ мекунад.

Декларант

(а) Шахсоне, ки ҳуқуқи ба сифати декларант баромад карданро доранд

3.6. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шартҳое муайян карда мешаванд, ки ҳангоми онҳо шахс ҳуқуқи ба сифати декларант баромад карданро дорад.

3.7. Стандарт

Ҳар шахсе, ки дорои ҳуқуқи ихтиёрдории молҳо мебошад, ҳуқуқи ба сифати декларант баромад карданро дорад.

(в) Масъулияти декларант

3.8. Стандарт

Декларант дар назди хадамоти гумрук барои боэътимодии маълумоти дар декларатсияи мол зикршуда ва пардохти боҷҳо ва андозҳо масъул мебошад.

(с) Ҳуқуқҳои декларант

3.9. Стандарт

Пеш аз пешниҳоди декларатсияи мол ба декларант бо шартҳое, ки метавонанд аз тарафи хадамоти гумрук муайян карда шаванд, иҷозат дода мешавад, ки:

(а) санҷиши молро гузаронад; ва

(ӣ) намунаҳо гирад.

3.10. Стандарт

Хадамоти гумрук пешниҳоди декларатсияи алоҳидаи молро нисбат ба намунаҳои бо иҷозати хадамоти гумрук ва таҳти назорати он гирифташуда талаб намекунад, ба шарте ки ин намунаҳо ба декларатсияи моли мувофиқи мол ҳамроҳ гардида бошанд.

Декларатсияи мол

(а) Андоза ва мазмуни декларатсияи мол

3.11. Стандарт

Мазмуни декларатсияи мол аз тарафи хадамоти гумрук муайян карда мешавад. Андозаи коғази декларатсияи мол бояд ба Фармуляр-намунаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мувофиқат кунад.

Ҳангоми ба таври автоматӣ тоза намудани андозаи декларатсияи мол, ки дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешавад, аз стандартҳои байналмилалии мубодилаи электронии иттилоот асос меёбад, ки онҳо бо Тавсияҳо оид ба технологияҳои иттилоотии Шӯрои ҳамкории гумрукӣ муайян карда шудаанд.

3.12. Стандарт

Хадамоти гумрук номгӯи маълумотеро, ки бояд ба декларатсия дохил карда шавад, танҳо бо он маълумоте маҳдуд менамояд, ки барои ҳисоб ва ситонидани боҷҳо ва андозҳо, ташаккули омор ва татбиқи қонунгузории гумрук зарур эътироф гардидаанд.

3.13. Стандарт

Дар ҳолатҳои бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, декларант ҳамаи маълумоти барои пур кардани декларатсияи мол зарурбударо надошта бошад, пешниҳод кардани декларатсияи пешакӣ ё нопурраи мол иҷозат дода мешавад, ба шарте ки он маълумоти аз тарафи хадамоти гумрук зарур эътирофшударо дар бар гирифта бошад ва декларант ӯҳдадор шавад, ки онро дар мӯҳлати муқарраршуда пурра месозад.

3.14. Стандарт

Агар Хадамоти гумрук декларатсияи пешакӣ ё нопурраи молро ба қайд гирад, танзими тарифии ба ин мол татбиқшаванда набояд аз декларатсияи аз аввал пешниҳодгардидаи декларатсияи пурра ва ба таври мувофиқ пуркардашудаи мол фарқ кунад.

Иҷозати мол ба шарти пешниҳоди ҳамаи кафолатҳои матлуб, барои таъмини ситонидани ҳама гуна боҷҳо ва андозҳои татбиқшаванда боздошта намешавад.

3.15. Стандарт

Хадамоти гумрук пешниҳод намудани нусхаи аслии декларатсияи мол ва танҳо теъдоди ками нусхаҳои зарурии дигари онро талаб мекунад.

(й) Ҳуҷҷатҳое, ки декларатсияи молро тасдиқ мекунанд

3.16. Стандарт

Ҷиҳати тасдиқ намудани декларатсияи мол хадамоти гумрук танҳо он ҳуҷҷатҳоеро талаб мекунад, ки барои амалӣ намудани назорати амалиёт ва таъмини риояи ҳамаи талабот оид ба татбиқи қонунгузории гумрук заруранд.

3.17. Стандарт

Дар он ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳои муайяни тасдиқкунанда бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда якҷоя бо декларатсияи мол пешниҳод шуда наметавонад, он пешниҳоди ин ҳуҷҷатҳоро дар давраи муқарраргардида иҷозат медиҳад.

3.18. Стандарти гузариш

Хадамоти гумрук пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро бо ёрии воситаҳои электронии алоқа иҷозат медиҳад.

3.19. Стандарт

Хадамоти гумрук тарҷумаи маълумоти дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда сабтшударо талаб намекунад, ба истисноии ҳолатҳое, ки ин барои коркарди декларатсияи мол зарур бошад.

Пешниҳод, қайд ва тафтиши декларатсияи мол

3.20. Стандарт

Хадамоти гумрук пешниҳоди декларатсияи молро дар ҳар мақоми муқарраршудаи гумрук иҷозат медиҳад.

3.21. Стандарти гузариш

Хадамоти гумрук пешниҳоди декларатсияи молро бо ёрии воситаҳои электронии алоқа иҷозат медиҳад.

3.22. Стандарт

Декларатсияи мол дар соатҳои кории аз тарафи хадамоти гумрук муқарраршуда пешниҳод мешавад.

3.23. Стандарт

Дар он ҳолатҳое, ки бо қонунгузории миллӣ барои пешниҳоди декларатсияи мол мӯҳлат муқаррар карда мешавад, ин мӯҳлат бояд барои ба декларант додани имконияти пур кардани декларатсия ва гарифтани ҳуҷҷатҳои матлуби тасдиққунанда кифоя бошад.

3.24. Стандарт

Бо дархости декларант ва бо сабабҳое, ки аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътироф шудаанд, хадамоти гумрук мӯҳлати барои пешниҳоди декларатсияи мол муайяншударо тамдид мекунад.

3.25. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ муқаррароте пешбинӣ карда мешавад, ки пешниҳоду қайд ё тафтиши декларатсияи мол ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро то расидани мол танзим мекунад.

3.26. Стандарт

Вақте, ки хадамоти гумрук декларатсияи молро ба қайд гирифта наметавонад, он декларантро аз сабабҳои рад намудан огоҳ месозад.

3.27. Стандарт

Хадамоти гумрук ба декларант иҷозат медпҳад, ки ба декларатсияи аллакай пешниҳодшуда тағйирот ворид созад, ба шарте ки дар лаҳзаи гирифтани чунин дархост он ҳанӯз ба тафтиши декларатсияи мол ё тафтиши мол шурӯъ накарда бошад.

3.28. Стандарти гузариш

Хадамоти гумрук ба декларант иҷозат медиҳад, ки ба декларатсияи мол тағйирот ворид созад, агар дархост пас аз оғози тафтиши декларатсияи мол гирифта шавад ва ба шарте ки сабабҳои зикрнамудаи декларант аз тарафи хадамоти гумрук асоснок дониста шаванд.

3.29. Стандарти гузариш

Ба декларант иҷозат дода мешавад, ки декларатсияи молро бозхонад ва бо дархости татбиқи расмиёти дигари гумрукӣ муроҷиат намояд, ба шарте ки чунин дархост ба хадамоти гумрук то иҷозати мол пешниҳод гардад ва сабабҳои чунин дархост аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътироф шаванд.

3.30. Стандарт

Тафтиши декларатсияи мол бевосита ҳангоми бақайдгирии он ё дар мӯҳлати кӯтоҳтарини пас аз бақайдгирии он анҷом дода мешавад.

3.31. Стандарт

Бо мақсади тафтиши декларатсияи мол хадамоти гумрук танҳо он амалҳоеро анҷом медиҳад, ки онҳоро барои таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ зарур мешуморад.

Расмиёти махсус барои шахсони ваколатдор

3.32. Стандарти гузариш

Барои шахсони ваколатдор, ки ба меъёрҳои муқаррарнамудаи хадамоти гумрук ҷавобгӯ ҳастанд, аз ҷумла дорои маҷмӯи ҳуҷҷатҳои муносиби ба талаботи хадамоти гумрук мутобиқаткунанда ва системаи қаноатбахши пешбурди ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ мебошанд, хадамоти гумрук пешбинӣ мекунад:

- иҷозати мол бо пешниҳоди маълумоти камтарине, ки барои мушобеҳсозии мол зарур ва барои минбаъд пур кардани декларатсияи ниҳоии мол кофӣ мебошад;

- тоза кардани мол дар объектҳои декларант ва ё дар маҳали дигаре, ки хадамоти гумрук иҷозат додааст;

ва илова ба ин, ба кадри имкон, анҷом додани расмиёти дигари махсус, хусусан:

- иҷозати пешниҳоди декларатсияи ягона барои ҳамаи молҳои воридкардашуда ё содиркардашуда дар давраи муайяни вақт, ки тайи он мол якчанд маротиба аз тарафи ҳамон як шахс ворид ё содир карда шудааст;

- аз тарафи чунин шахсон истифода гардидани ҳуҷҷатҳои тиҷоратии онҳо барои мустақилона ҳисоб намудани боҷҳо ва андозҳои қобили пардохт ва дар ҳолатҳои зарур барои таъмини мувофиқат бо дигар талаботи хадамоти гумрук;

- иҷозати пешниҳоди декларатсияи мол бо роҳи ворид намудани маълумот ба ҳуҷҷатҳои шахси ваколатдор бо пешниҳоди минбаъдаи декларатсияи тасдиққунандаи иловагии мол.

Санҷиши мол

(а) Вақте, ки барои санҷиши мол зарур аст

3.33. Стандарт

Дар ҳолате, ки хадамоти гумрук дар бораи қобили санҷиш будани молҳои дар декларатсия зикршуца қарор қабул мекунад, чунин санҷиш дар мӯҳлати ба қадри имкон кӯтоҳи пас аз бақайдгирии декларатсияи мол анҷом дода мешавад.

3.34. Стандарт

Ҳангоми банақшагирии санҷишҳо, ба санҷиши ҳайвонҳои зинда ва молҳои тезвайроншаванда, инчунин молҳое, ки зарурати санҷиши фавриашонро хадамоти гумрук эътироф мекунад, афзалият дода мешавад.

3.35. Стандарти гузариш

Агар молҳо аз тарафи мақомоти дигари салоҳиятдор санҷида шаванд ва хадамоти гумрук низ тафтиши онҳоро ба нақша гирифта бошад, хадамоти гумрук ҳамоҳангсозии чунин санҷишҳо ва ба қадри имкон дар як вақт гузаронидани онҳоро таъмин менамояд.

(в) Ҳозир будани декларант ҳангоми санҷиши молҳо

3.36. Стандарт

Хадамоти гумрук дархостҳои декларантро оид ба ҳозир будани ӯ ё намояндаи ӯ ҳангоми санҷиши мол баррасӣ мекунад. Чунин дархостҳо қонеъ гардонида мешаванд, агар ҳолатҳои истисноӣ ҷой надошта бошанд.

3.37. Стандарт

Агар хадамоти гумрук инро мувофиқи мақсад шуморад, он ҳозир будани декларант ё намояндаи онро ҳангоми гузарондани санҷиши мол бо мақсади аз тарафи ӯ расонида шудани ҳама гуна кӯмаки зарурӣ барои осон кардани санҷиш талаб мекунад.

(с) Гирифтани намунаҳо аз тарафи хадамоти гумрук

3.38. Стандарт

Намунаҳо танҳо дар он ҳолатҳое, ки ин аз тарафи хадамоти гумрук барои муқаррар намудани тавсиф аз рӯи тариф ва/ё арзиши молҳои декларатсияшуда зарур эътироф шудааст, ё бо мақсади таъмини татбиқи муқаррароти дигари қонунгузории миллӣ, гирифта мешаванд. Андозаҳои намунаҳои гирифташуда бояд ҳарчӣ камтар бошанд.

Хатоҳо

3.39. Стандарт

Хадамоти гумрук муҷозоти ҷаримавии қатъиро барои хатоҳо дар он ҳолатҳое истифода намебарад, ки барқасдона набудани чунин хатоҳо муайян буда, бо мақсади қасдан ба иштибоҳ андохтан ё дар натиҷаи беэҳтиётии дағалона содир нашудаанд. Дар ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук пешгирии такрории чунин ҳолатҳоро зарур мешуморад, он метавонад муҷозоти ҷаримавиро ба андозаи на бештар аз он ки барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, татбиқ намояд.

Иҷозати молҳо

3.40. Стандарт

Молҳои дар декларатсия зикргардида бевосита баъд аз гузаронидани санҷиши он аз тарафи хадамоти гумрук ё баъди аз тарафи он қабул шудани қарор оид ба гузаронидани санҷиши он иҷозат дода мешавад, ба шарте ки:

- ҳеҷ ягон ҳуқуқвайронкуниҳо ошкор нашудаанд;
- рухсатномаҳо барои воридот ё содирот ва ё ҳама гуна ҳуҷҷатҳои дигари талабшаванда гирифта шудаанд;
- ҳама иҷозатномаҳои марбут ба иҷрои расмиёти дахлдор гирифта шудаанд; ва
- ҳама гуна боҷҳо ва андозҳо пардохт гардидаанд ё амалҳои барои ситонидани онҳо зарур, иҷро шуда бошанд.

3.41. Стандарт

Агар хадамоти гумрук эътироф кунад, ки декларант минбаъд ҳамаи расмиёти тоза намудани молро иҷро мекунад, он иҷозати молҳоро медиҳад, ба шарте, ки декларант ҳуҷҷати тиҷоратӣ ё расмиеро пешниҳод кунад, ки маълумоти асосиро дар бораи миқдори асосии мол дар бар гирад ва он аз тарафи хадамоти гумрук қабул шуда метавонад, дар ҳолати зарур будани кафолат бошад, кафолати таъмини ситонидани ҳамаи боҷҳо ва андозҳои татбиқшавандаро медиҳад.

3.42. Стандарт

Дар ҳолате, ки хадамоти гумрук дар хусуси зарурати гузаронидани таҳлили лабораторип намунаҳо, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои муфассали техникӣ ё хулосаи коршинос қарор қабул мекунад, он иҷозати молро то гирифтани натиҷаҳои чунин тадқиқот медиҳад, ба шарте

ки ҳама гуна кафолатҳои талабшаванда пешниҳод гарданд ва ба шарте ки он боварӣ ҳосил намояд, ки ин мол таҳти амали мамнӯъ ва маҳдудиятҳо қарор намегирад.

3.43. Стандарт

Дар сурати ошкор гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо хадамоти гумрук иҷозати молро то анҷом ёфтани расмиёти маъмурӣ ё судӣ медиҳад, ба шарте ки мол мусодира ё ҳабс набошад ё минбаъд ҳамчун далели мусодира ё ҳабс нагардад ё минбаъд ҳамчун далел зарур нашавад, инчунин ба шарти аз тарафи декларант пардохт гардидани боҷу андозҳо ва пешниҳод шудани кафолат, ки ситонидани ҳама гуна боҷҳо ва андозҳо, инчунин ҳама гуна муҷозоти ҷаримавӣ, ки метавонанд татбиқ шаванд, таъмин намояд.

Даст кашидан аз мол ё нобудкунии мол

3.44. Стандарт

Дар ҳолате, ки мол ҳанӯз барои истеъмоли дохилӣ иҷозат дода нашуда бошад ё таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир шуда бошад ва ба шарте ки ҳеҷ гуна ҳуқуқвайронкунӣ ошкор нагардида бошад, ба шахси манфиатдор талаботи пардохти боҷҳо ва андозҳо пешниҳод карда намешавад, ё боҷу андозҳои пардохтнамудаи ӯ дар чунин ҳолатҳо баргардонида мешаванд:

- агар бо дархости ӯ чунин мол таҳти назорати гумрукӣ ва бо қарори хадамоти гумрук ба давлат супорида ё нобуд карда шавад, ё то ҳолати аз байн рафтани арзиши тиҷоратиаш расонида шаванд. Бинобар ин, тамоми хароҷоти бо ин алоқаманд ба зиммаи шахси манфиатдор вогузашта мешавад;
- агар чунин мол дар натиҷаи ҳодисаи ноҳуш ё ҳолатҳои форс-мажор нобуд шавад ё бебозгашт аз байн равад, ба шарте, ки чунин нобудкунӣ ё аз байн рафтан ба таври зарурӣ аз ҷониби хадамоти гумрук муқаррар карда шавад;
- дар ҳолати нобудшавии табиӣ, вақте, ки ҳодисаи нобудшавии табиӣ аз тарафи хадамоти гумрук муқаррар карда шудааст.

Ҳамаи партовҳо ва шикастапорахои дар натиҷаи нобудкунӣ ба миён омада, дар сурати барои истеъмоли дохилӣ ё содирот қабул шудани онҳо, боҷу андозҳое ситонида мешаванд, ки бояд аз партовҳо ва шикастапораҳои дар ҳамин намуд содир ё воридшуда ситонида шаванд.

3.45. Стандарти гузариш

Дар сурати аз тарафи хадамоти гумрук фурӯхта шудани моле, ки дар мӯҳлати муқарраршуда декларатсия карда нашудааст, ё моле ки ба он иҷозат додан мумкин набуд, ҳарчанд ҳеҷ гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ошкор нагардида бошанд ҳам, маблағҳои аз фурӯши он бадастомада баъди ситонидани боҷу андозҳои дахлдор ва ҳамаи хироҷҳо ва хароҷоти дигар ба ҳисоби шахсоне интиқол дода мешаванд, ки ба гирифтани онҳо ҳуқуқ доранд ё дар он ҳолатҳое, ки ин имконнопазир аст, барои ин шахсон ба мӯҳлати муайян захира карда мешаванд.

## БОБИ 4. БОҶҲО ВА АНДОЗҲО

А. Ҳисобкунӣ, ситонидан ва пардохти боҷ ва андозҳо

4.1. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шартҳои ба миён омадани ӯҳдадориҳои пардохтани боҷ ва андозҳо муайян карда мешаванд.

4.2. Стандарт

Мӯҳлате, ки дар муддати он ҳисобкунии боҷҳо ва андозҳо гузаронида мешавад, дар қонунгузории миллӣ, муқаррар карда мешавад. Ҳисобкунӣ дар мӯҳлати ба қадри имкон кӯтоҳи пас аз пешниҳоди декларатсияи мол ё ба миён омадани ӯҳдадорихои дигар оид ба пардохтани боҷ ва андозҳо гузаронида мешавад.

4.3.Стандарт

Меъёрҳое, ки ҳисобкунии боҷ ва андозҳо ба онҳо асос меёбад, инчунин шартҳои муайян намудани онҳо дар қонунгузории миллӣ муқаррар карда мешаванд.

4.4. Стандарт

Миқдори боҷ ва андозҳо дар нашрияҳои расмӣ интишор мешаванд.

4.5. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ лаҳзаи вақте муайян карда мешавад, ки дар он миқдори боҷ ва андозҳо муқаррар гардидаанд.

4.6. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шаклҳои пардохти боҷ ва андозҳо муайян карда мешаванд.

4.7. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шахсе (шахсоне) муайян карда мешавад (мешаванд), ки барои пардохти боҷ ва андозҳо масъул мебошад (мебошанд).

4.8. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ санаи пардохт ва маҳали пардохтани боҷ ва андозҳо муайян карда мешавад.

4.9. Стандарт

Агар дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ гардад, ки санаи пардохт мумкин аст пас аз иҷозати мол таъин карда шавад, чунин сана бояд на барвақттар аз гузаштани 10 рӯз пас аз иҷозати мол таъин карда шавад. Фоизҳо дар муддати вақти аз санаи иҷозати мол ва то санаи пардохт ситонида намешаванд.

4.10. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ давраи мӯҳлате муқаррар карда мешавад, ки дар муддати он хадамоти гумрук метавонад амалҳои тибқи қонун муқарраршударо оид ба ситонидани боҷ ва андозҳое, ки дар санаи пардохт ситонида нашудаанд, анҷом диҳад.

4.11. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ миқдори фоизҳо барои ҳисоби намудани пардохтҳое, ки илова ба маблағи боҷ ва андозҳои дар санаи пардохт супориданашуда ситонида мешаванд ва шартҳои татбиқи чунин миқдорҳо муайян карда мешаванд.

4.12. Стандарт

Пас аз пардохти боҷ ва андозҳо ба пардохткунанда ҳуҷҷате дода мешавад, ки пардохтро тасдиқ мекунад, агар воситаи дигари тасдиқи пардохт мавҷуд набошад.

4.13. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ арзиши ҳадди ақал ва/ё маблағи ҳадди ақали боҷ ва андозҳо муайян мегардад, ки камтар аз он боҷ ва андозҳо ситонида намешаванд.

4.14. Стандарт

Агар хадамоти гумрук ошкор созад, ки хатоҳои дар декларатсияи мол ё ҳангоми ҳисобкунии боҷ ва андозҳо баамаломада ба он оварда мерасонанд ё расондаанд, ки маблағи ситонидашуда ё рӯёнидашудаи боҷ ва андозҳо аз он ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, камтар аст, он хатоҳоро ислоҳ намуда, маблағҳои пурра пардохтнашударо меситонад. Лекин, агар чунин маблағ камтар аз маблағи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бошад, хадамоти гумрук чунин маблағро намеситонад ва намерӯёнад.

## B. БА ТАЪХИР ГУЗОШТАНИ ПАРДОХТИ БОҶ ВА АНДОЗҲО

4.15. Стандарт

Дар он ҳолатҳое, ки қонунгузории миллӣ имконияти (ба таъхир гузоштани пардохти боҷ ва андозҳоро пешбинӣ менамояд, он шартҳои додани чунин имкониятро муқаррар мекунад.

4.16. Стандарт

Ҳангоми ба таъхир гузоштани пардохти боҷ ва андозҳо, фоизҳо то ҳадди имкон ситонида намешаванд.

4.17. Стандарт

Ба таъхир гузоштани пардохти боҷ ва андозҳо на камтар аз 14 рӯзро ташкил медиҳад.

## C. БАРГАРДОНИДАНИ БОҶ ВА АНДОЗҲО

4.18. Стандарт

Баргардонидани боҷ ва андозҳо дар ҳолатҳое амалӣ карда мешавад, ки барзиёд руёнидани боҷ ва андозҳо дар натиҷаи ҳисобкунии хато муқаррар карда шавад.

4.19. Стандарт

Баргардондани боҷ ва андозҳо ба молҳои воридотӣ ё содиротӣ амалӣ карда мешавад, агар дар лаҳзаи воридот ё содирот дар он нуқсонҳо ошкор шаванд ё онҳо ба таври дигар ба рӯйхати номгӯйҳои мувофиқашуда мутобиқ намуда, ба молрасон ё шахси дигари зикрнамудаи он бо риояи шартҳои зерин баргардонида мешаванд:

- мол коркард нашудааст, таъмир нагардидааст ё дар кишвари воридот истифода бурда нашудааст ва дар мӯҳлатҳои мувофиқ содироти такрорӣ мешавад;

- мол дар кишваре, ки ба он содир шуда истодааст, коркард нашудааст, таъмир нагардидааст ё истифода бурда нашудааст, ва дар мӯҳлатҳои мувофиқ воридоти такрорӣ мешавад.

Аммо истифода бурдани мол ба баргардондани боҷ ва андозҳо монеъ намешавад, агар чунин истифодабарӣ барои ошкорсозии нуқсонҳо ва ҳолатҳои дигари боиси содироти такрорӣ ё воридоти такрории мол гашта, ногузир эътироф шавад.

Ҳамчун алтернативаи содироти такрорӣ ё воридоти такрории мол метавонад таҳти назорати гумрукӣ ва бо қарори хадамоти гумрук ба давлат супорида ё нобуд карда ва ё ба ҳолати аз байн рафтани арзиши тиҷоратӣ расонида шавад. Чунин супоридаи ё нобуд кардан ягон хел хароҷотро аз тарафи давлат дар назар надорад.

4.20. Стандарти гузариш

Дар ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук барои таҳти расмиёти дигари гумруки ҷойгир намудани моли саравҷал таҳти расмиёт бо пардохти боҷ ва андозҳо ҷойгиршуда рухсат медиҳад, ҳама гуна боҷ ва андозҳое, ки аз маблағи мутобиқи расмиёти нав пардохтшаванда зиёданд, баргардонида мешаванд.

4.21. Стандарт

Қарорҳо оид ба аризаҳо дар бораи баргардонидан қабул гардида, ба шахсони манфиатдор дар шакли хаттӣ бидуни таъхири нодаркор расонида мешаванд, баргардонидани маблағҳои барзиёд рӯёнидашуда бошад, дар мӯҳлати ба қадри имкон кӯтоҳтар, пас аз санҷиши аризаҳо амалӣ мешавад.

4.22. Стандарт

Агар хадамоти гумрук муқаррар кунад, ки барзиёд рӯёнидани пардохтҳо дар натиҷаи хатои аз тарафи хадамоти гумрук ҳангоми ҳисобкунии боҷ ва андозҳо содиршуда ба амал омадааст, маблағ бо тартиби афзалиятнок баргардонида мешавад.

4.23. Стандарт

Агар мӯҳлате муқаррар карда шавад, ки бо гузаштани он аризаҳо оид ба баргардонидан қабул шуда наметавонанд, чунин мӯҳлат бояд барои ба назар гирифтани ҳар як ҳолатҳои хосе, ки зимни он баргардонидан мумкин аст, амалӣ мегардад.

4.24. Стандарт

Агар маблағи зикршуда аз маблағи ҳадди ақали дар қонунгузории миллӣ муқарраршуда камтар бошад, маблағ баргардонида намешавад.

## БОБИ 5. КАФОЛАТҲО

5.1. Стандарт

Дар қонунгузарии миллӣ рӯйхати ҳолатҳое муқаррар мегардад, ки зимни онҳо додани кафолатҳо зарур аст, ва шаклҳои пешниҳоди онҳо муайян карда мешаванд.

5.2. Стандарт

Хадамоти гумрук маблағи кафолатҳоро муайян менамояд.

5.3. Стандарт

Ба ҳар шахсе, ки аз он додани кафолат талаб карда мешавад, иҷозат дода мешавад, ки шакли дилхоҳи кафолатро интихоб намояд, ба шарте ки ин шакл барои хадамоти гумрук мақбул бошад.

5.4. Стандарт

Агар қонунгузории миллӣ инро пешбинӣ намуда бошад, хадамоти гумрук пешниҳод кардани кафолатро талаб намекунад, агар он мӯътакид шавад, ки ӯҳдадорӣ дар назди хадамоти гумрук иҷро мегардад.

5.5. Стандарт

Дар он ҳолатҳое, ки пешниҳод кардани кафолат барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳое талаб карда шавад, ки аз расмиёти гумрукӣ бармеоянд, хадамоти гумрук кафолати куллиро талаб мекунад, аз ҷумла аз декларантҳое, ки мунтазам молро дар мақомоти гуногуни гумруки қаламрави гумрукӣ декларатсия мекунанд.

5.6. Стардарт

Дар он ҳолатҳое пешниҳод кардани кафолат талаб карда мешавад, ки маблағи талабшаванда ба қадри имкон камтар буда, нисбат ба пардохти боҷ ва андозҳо набояд аз маблағи боҷ ва андозҳое, ки бояд пардохт шаванд, зиёдтар бошад.

5.7. Стандарт

Дар сурати пешниҳод намудани кафолат озодкунӣ аз ӯҳдадориҳои гирифташуда дар мӯҳлати ба қадри имкон кӯтоҳ амалӣ карда мешавад, танҳо пас аз он, ки хадамоти гумрук боварӣ ҳосил намояд, ки ӯҳдадориҳои оид ба онҳо пешниҳод намудани кафолат талаб карда шуда, ба таври зарурӣ иҷро шудаанд.

## БОБИ 6. НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

6.1. Стандарт

Ҳамаи молҳо, аз ҷумла воситаҳои нақлиёте, ки ба қаламрави гумрукӣ дохил ва ё аз он хориҷ мешаванд, новобаста аз он ки боҷу андозбандӣ мешаванд ё не, бояд таҳти назорати гумрукӣ қарор гиранд.

6.2. Стандарт

Назорати гумрукӣ ба ҳадди ақали барои таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ зарурбуда, гузаронида мешавад.

6.3. Стандарт

Ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ хадамоти гумрук системаи идораи хатарҳоро истифода мебарад.

6.4. Стандарт

Хадамоти гумрук таҳлили хатарҳоро барои муайян намудани шахсон ва молҳо, аз ҷумла воситаҳои нақлиёте, ки бояд тафтиш карда шаванд ва дараҷаи чунин тафтиш татбиқ мекунад.

6.5. Стандарт

Хадамоти гумрук стратегияи баҳодиҳии дараҷаи риояи қонунгузориро бо мақсади дастгирии системаи идораи хатарҳо қабул мекунад.

6.6. Стандарт

Системаҳои назорати гумрукӣ назоратро дар асоси усулҳои аудит дар бар мегиранд.

6.7. Стандарт

Бо мақсади такмили назорати гумрукӣ хадамоти гумрук барои ҳамкорӣ бо маъмуриятҳои гумрукии дигар ва бастани созишномаҳо оид ба кӯмаки мутақобили маъмурӣ кӯшиш мекунад.

6.8. Стандарт

Бо мақсади такмили назорати гумрукӣ хадамоти гумрук барои ҳамкорӣ бо иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ ва бастани меморандуми ҳусни тафоҳум кӯшиш мекунад.

6.9. Стандарт

Бо мақсади такмили назорати гумрукӣ хадамоти гумрук дар ҳама ҳолатҳое, ки ин имконпазир бошад, технологияҳои иттилоотӣ ва тиҷорати электрониро истифода мекунад.

6.10. Стандарт

Хадамоти гумрук системаҳои тиҷоратии иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратиро дар ҳолатҳое арзёбӣ мекунад, ки чунин системаҳо бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати онҳо бо талаботи хадамоти гумрук ба амалиёти гумрукӣ таъсир мерасонанд.

## БОБИ 7. ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

7.1. Стандарт

Бо мақсади дастгирии гузаронидани амалиёти гумрукӣ хадамоти гумрук технологияҳои иттилоотиро дар он ҳолатҳое истифода мебарад, ки ин аз ҷиҳати иқтисодӣ барои хадамоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ муфид ва самарабахш аст. Хадамоти гумрук шартҳои татбиқи онҳоро муайян мекунад.

7.2. Стандарт

Ҳангоми ҷорӣ намудани системаҳои компютерӣ хадамоти гумрук стандартҳои дахлдори қабулшудаи байналмилалиро истифода мебарад.

7.3. Стандарт

Ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ бо ҳамаи ҷонибҳое, ки ба ин муносибати бевосита доранд, дар ҳамаи ҳолатҳое, ки ин имконпазир аст, машварат гузаронида мешавад.

7.4. Стандарт

Қонунгузории нав ё тағйирдодашудаи миллӣ бояд пешбинӣ намояд:

- усулҳои электронии мубодилаи иттилооти тиҷоратӣ ҳамчун алтернативаи талаботи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар ҳомили қоғазӣ;

- истифодаи якҷояи усулҳои злектронӣ ва усулҳои муайянкуиии асл ва шабоҳат доштани ҳуҷҷатҳо дар ҳомили қоғазӣ;

- ҳуқуқи хадамоти гумрук ба нигоҳ доштани иттилоот барои истифодабарӣ бо мақсади гумрукӣ ва ҳангоми зарурат барои мубодилаи чунин иттилоот тавассути воситаҳои электронии мубодилаи иттилоот бо маъмуриятҳои дигари гумрукӣ ва дигар ҷонибҳои соҳибҳуқуқ.

## БОБИ 8. МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛА БАЙНИ ХАДАМОТИ ГУМРУК ВА ТАРАФҲОИ СЕЮМ

8.1. Стандарт

Шахсони манфиатдор бояд имконияти интихобро дар байни анҷом додани амалиёти гумрукӣ бевосита бо хадамоти гумрук ва тавассути тарафи ваколатдори сеюм, ки аз номи онҳо баромад мекунад, дошта бошанд.

8.2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шартҳое муайян карда мешаванд, ки мутобиқи онҳо шахс метавонад аз номи худ ва бо супориши шахси дигар бо хадамоти гумрук амалҳои мутақобила анҷом диҳад ва ҷавобгарии тарафҳои сеюм дар назди хадамоти гумрук барои пардохти боҷ ва андозҳо, инчунин барои ҳама гуна вайронкунии қоидаҳо муқаррар карда мешавад.

8.3. Стандарт

Барои амалиёти гумрукӣ, ки тибқи интихоби шахси манфиатдор аз номи худи ӯ анҷом дода мешаванд, набояд шароити номусоид фароҳам оварда шавад ё нисбати онҳо набояд талаботе гузошта шаванд, ки аз талаботи амалиёти гумрукии аз ҷониби тарафи сеюм бо супориши шахси манфиатдор амалишаванда сахттар бошанд.

8.4. Стандарт

Шахсе, ки барои баромад намудан ба сифати тарафи сеюм ваколатдор аст, ҳамон ҳуқуқҳоеро дорад, ки шахси ба ӯ барои намояндагӣ кардан ваколатдор дар масъалаҳои гузаронидани амалиёт бо хадамоти гумрук дорад.

8.5. Стандарт

Хадамоти гумрук имконияти иштироки тарафҳои сеюмро дар гузаронидани машваратҳои расмӣ бо иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ пешбинӣ мекунад.

8.6. Стандарт

Хадамоти гумрук шартҳоеро муайян менамояд, ки барои гузаронидани амалиёт бо иштироки тарафи сеюм омода нест.

8.7. Стандарт

Хадамоти гумрук дар шакли хаттӣ тарафи сеюмро аз қарори худ оид ба нагузаронидани амалиёт огоҳ мекунад.

## БОБИ 9. ИТТИЛООТ, ҚАРОРҲО ВА ФАРМОИШҲОИ ХАДАМОТИ ГУМРУК

### А. ИТТИЛООТИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ УМУМӢ

9.1. Стандарт

Хадамоти гумрук дастрасии бемамониати ҳар як шахси манфиатдорро ба тамоми иттилооти дорои хусусияти умумии ба кор алоқамандбуда, ки марбут ба қонунгузории гумрукӣ мебошад, таъмин менамояд.

9.2. Стандарт

Агар иттилооте, ки дастрасӣ ба он таъмин шуда буд, бояд ба сабаби тағйир ёфтани қонунгузории гумрукӣ, чораҳо ё талаботи маъмурӣ тағйир дода шавад, хадамоти гумрук пешакӣ то мавриди амал қарор гирифтани ин тағйирот ба шахсони манфиатдор дастрасии бемамониатро ба иттилооти ислоҳгардидаи дахлдор таъмин созад, то ки ин шахсон онҳоро ба назар гирифта тавонанд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки огоҳкунии пешакӣ иҷозат дода намешавад.

9.3. Стандарти гузориш

Хадамоти гумрук технологияҳои иттилоотиро бо мақсади осон кардани пешниҳоди иттилоот татбиқ мекунад.

### В. ИТТИЛООТ АЗ РӮИ МАСЪАЛАҲОИ МУШАХХАС

9.4. Стандарт

Тибқи дархости шахси манфиатдор хадамоти гумрук дар мӯҳлати ба кадри имкон кӯтоҳ иттилооти сахеҳро оид ба масъалаҳои мушаххаси аз тарафи ин шахс гузошташуда, ки ба қонунгузории гумрукӣ алокаманд мебошанд, медиҳад.

9.5. Стандарт

Хадамоти гумрук натанҳо иттилооти махсуси дархостшаванда, балки ҳама гуна иттилооти дигари ба кор алоқамандбударо медихад, ки онро ба маълумоти шахси манфиатдор расонидан зарур медонад.

9.6. Стандарт

Ҳангоми додани иттилоот хадамоти гумрук ошкор нагардидани тафсилоти дорои хусусияти шахсӣ ё махфиеро, ки ба хадамоти гумрук ё тарафҳои сеюм дахл доранд, таъмин месозад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки чунин ошкорсозӣ аз тарафи қонунгузории миллӣ рухсат дода шуда бошад.

9.7. Стандарт

Дарсурати ғайриимкон будани ройгон пешниҳод намудани иттилоот аз тарафи хадамоти гумрук ҳама гуна хироҷ бо арзиши тақрибии хизматҳои расонидашуда маҳдуд мегардад.

### Г. ҚАРОРҲО ВА ФАРМОИШҲО

9.8. Стандарт

Аз рӯи дархости хаттии шахси манфиатдор хадамоти гумрук оид ба қарори қабулнамудааш дар шакли хаттӣ, дар мӯҳлати тибқи қонунгузории миллӣ муқарраршуда, огоҳ менамояд. Дар он ҳолатҳое, ки қарор барои шахси манфиатдор мувофиқ набошад, ба ӯ сабабҳо маълум карда, ҳуқуқи ӯ барои шикоят намудан фаҳмонда дода мешавад.

9.9. Стандарт

Бо дархости шахси манфиатдор хадамоти гумрук фармоишҳои ҳатмӣ мебарорад, ба шарте, ки хадамоти гумрук тамоми иттилооти ба андешаи он заруриро дар ихтиёр дошта бошад.

## БОБИ 10. ШИКОЯТҲО ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ГУМРУКӢ

### A. ҲУҚУҚИ ШИКОЯТ

10.1. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ ҳуқуқи шикоят кардан оид ба масъалаҳои гумрукӣ пешбинӣ карда шудааст.

10.2. Стандарт

Ҳуқуқи шикоят карданро аз қарори хадамоти гумрук ҳар як шахс доро мебошад, ки бевосита аз қарор ё беамалии хадамоти гумрук зарар дидааст.

10.3. Стандарт

Ба, шахсе, ки бевосита аз қарор ё беамалии хадамоти гумрук зарар дидааст, тибқи дархости ӯ сабабҳои чунин қарор ё беамалӣ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ хабар дода мешаванд. Ин метавонад боиси пешниҳод шудан ё нашудани шикоят гардад.

10.4. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ ҳуқуқи пешниҳод намудани шикояти ибтидоӣ ба хадамоти гумрук пешбинӣ карда мешавад.

10.5. Стандарт

Дар сурати рад карда шудани шикоят аз тарафи хадамоти гумрук арзкунанда ҳуқуқ дорад, ки мақомоте, ки ба маъмурияти гумрук вобаста нест, шикоят пешниҳод намояд.

10.6. Стандарт

Дар марҷаи охирин арзкунанда ҳуқуқ дорад ба мақоми судӣ муроҷиат намояд.

### B. ШАКЛИ ШИКОЯТ ВА АСОСҲО БАРОИ ПЕШНИҲОДИ ОН

10.7. Стандарт

Шикоят дар шакли хаттӣ бо зикри асосҳо пешниҳод карда мешавад.

10.8. Стандарт

Барои пешниҳоди шикоят аз карори хадамоти гумрук мӯҳлат муқаррар карда мешавад, дар ин ҳолат мӯҳлат бояд барои омӯхтани қарори аризадиҳанда ва тайёр намудани шикоят кифоя бошад.

10.9. Стандарт

Дар ҳолатҳои пешниҳод кардани шикоят ба хадамоти гумрук, он тибқи қоидаи умумӣ, пешниҳод намудани ягон хел далели тасдиққунандаро ҳамзамон бо шикоят талаб намекунад, лекин ҳангоми ҳолатҳои муайян вақти кифояро барои пешниҳод кардани чунин далелҳо пешбинӣ менамояд.

### C. БАРРАСИИ ШИКОЯТ

10.10. Стандарт

Хадамоти гумрук оид ба шикоят фармоиш баровrouterда, арзкунандаро дар бораи он дар шакли хаттӣ дар мӯҳлати ба кадри имкон кӯтоҳ огоҳ месозад.

10.11. Стандарт

Дар сурати рад шудани шикоят хадамоти гумрук сабабҳои инро дар шакли хаттӣ зикр намуда, ба арзкунанда ҳуқуқи ӯро ба пешниҳоди минбаъдаи шикоят ба мақоми маъмурӣ ё мустақил, инчунин дар хусуси мӯҳлати барои пешниҳоди чунин шикоят ҷудокардашуда, фаҳмонда медиҳад.

10.12. Стандарт

Дар сурати қонеъ гардонидани шикоят хадамоти гумрук дар мӯҳлати кӯтоҳ қарор ё фармоиши мақоми мустақил ё судро иҷро мекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук аз болои чунин фармоиш шикоят кунад.

ЗАМИМАҲОИ МАХСУС

## ЗАМИМАИ МАХСУСИ А ВОРИД ШУДАНИ МОЛ БА ҚАЛАМРАВИ ГУМРУКӢ
## БОБИ 1. РАСМИЁТ ҶИҲАТИ ПЕШНИҲОДИ ДЕКЛАРАТСИЯИ МОЛ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «декларатсияи бор» маънои иттилоотеро дорад, ки қабл аз ворид шудани воситаи нақлиёти тиҷоратӣ ё ҳангоми он воридшавӣ ё баромадани он пешниҳод карда шуда, маълумоти аз тарафи хадамоти гумрук талабшавандаро оид ба боре, ки ба қаламрави гумрукӣ ворид ё аз он содир карда мешавад, дар бар мегирад;

E2./F3. «боркаш» маънои шахсеро дорад, ки воқеан ҳамлу нақли мол ё роҳбарии воситаи нақлиётро анҷом медиҳад ё барои истифодаи он масъул аст;

E3./F2. «расмиёти гумрукӣ ҷиҳати пешниҳоди декларатсияи мол» маънои тамоми амалиётро дорад, ки бояд аз тарафи шахси манфиатдор ва хадамоти гумрук аз лаҳзаи ворид шудани мол ба қаламрави гумрукӣ то таҳти расмиёти гумрукӣ ҷойгир кардани мол анҷом дода шаванд.

Принсипҳо

1. Стандарт

Расмиёти гумрукӣ ҷиҳати пешниҳоди декларатсияи мол бо муқаррароти Боби мазкур на ба қадри татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

2. Тавсияҳо оид ба татбиқи амалӣ

Расмиёти гумрукӣ ҷиҳати пешниҳоди декларатсияи мол бояд якхела, новобаста аз кишвари истеҳсолкунандаи мол ё кишваре, ки мол аз он ҷо ворид шудааст, татбиқ карда шаванд.

Ворид шудани мол ба қаламрави гумрукӣ

(а) Ҷойҳои ворид шудани мол ба қаламрави гумрукӣ

3. Стандарт

Қонунгузории миллӣ ҷойҳои воридшавии молро ба қаламрави гумрукӣ муайян мекунад. Хадамоти гумрук хатсайрҳое, ки бояд барои ворид шудани мол бевосита ба мақоми гумруки муқарраршуда ё ҷойҳои дигари аз тарафи хадамоти гумрук муайянгардида истифода шаванд, танҳо дар он ҳолатҳое муайян менамояд, ки инро барои мақсади назорат зарур мешуморад. Ҳангоми муайян кардани ин ҷою хатсайрҳо омилҳоеро бояд ба инобат гирифт, ки талаботи мушаххаси тиҷоратро дар бар гиранд.

Стандарти мазкур нисбат ба молҳое, ки дар дохили нақлиёти обӣ ё ҳавопаймоҳое, ки бе таваққуф дар бандар ё фурудгоҳи воқеъ дар ин қаламрави гумрукӣ онро убур мекунанд, татбиқ карда намешавад.

(ӣ) Ӯҳдадориҳои боркаш 4. Стандарт

Боркаш дар назди хадамоти гумрук барои таъмини дохил намудани ҳамаи молҳо ба декларатсияи бор ё барои пешниҳоди маълумот оид ба онҳо ба хадамоти гумрук бо усули дигари иҷозатдодашуда масъул аст.

5. Стандарт

Далели ворид шудани мол ба қаламрави гумрукӣ боиси ба миён омадани ӯҳдадории боркашон оид ба аниқ овардани он бо хатсайрҳои муқарраршуда зарур аст ва бе таваккуф овардани мол ба мақоми гумрук ё ҷойи дигари аз тарафи хадамоти гумрук муқарраршуда мегардад. Бинобар ин тағйир додани хусусияти мол ё бастабандни он, инчунин вайронкунии тамғаҳо роҳ дода намешавад.

6. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки овардани мол аз ҷойи воридшавии он то қаламрави гумрукӣ ба мақоми гумруки муқарраршуда ё ҷойи дигари муайянгардида дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё ҳолатҳои форс-мажор қатъ мсгардад, боркаш ӯҳдадор аст чораҳои мувофиқи эҳтиётиро андешад, то ки ба муомилоти беиҷозат ворид гардидани молро пешгирӣ намояд ва хадамоти гумрук ё дигар мақомоти босалоҳиятро дар бораи хусусияти ҳодисаи нохуш ё ҳолати дигар, ки боиси қатъи хатсайр гардидааст, огоҳ созад.

Пешниҳод намудани молҳо ба хадамоти гумрук

(а) Ҳуҷҷатҳо

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки мол ба мақоми гумруке пешниҳод шудааст, ки он дар ҷойи воридшавии мол ба қаламрави гумрукӣ воқеъ нест, хадамоти гумрук бояд пешниҳоди ҳуҷҷатро дар чунин ҷойи воридшавии мол танҳо дар ҳолатҳое талаб намояд, ки онро барои мақсадҳои назорат зарур мешуморад.

8. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук ҳуҷҷатҳоро ҳангоми пешниҳод кардани мол ба хадамоти гумрук талаб менамояд, он пешниҳод кардани иттилооти дигарро дар ин ҳуҷҷатҳо, ба ғайр аз он иттилооте, ки барои мушобеҳсозии мол ва воситаҳои нақлиёт заруранд, талаб намекунад.

9.Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд иттилооти талабшавандаро бо он маълумоте маҳдуд кунад, ки дар ҳуҷҷатҳои муқарраrии боркаш дарҷ гардидаанд, бинобар ин талаботи он бояд ба талаботи дар созишномаҳои дахлдори байналмилалии нақлиётӣ пешбинигардида, асос ёбанд.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук, тибқи қоида, декларатсияи борро ба сифати ҳуҷҷати ягонаи барои пешниҳод кардани мол талабшаванда қабул мекунад.

11. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Мақоми гумруке, ки ҷиҳати қабули ҳуҷҷатҳои барои пешниҳод кардани мол талабшаванда масъул аст, бояд дорои салоҳияти қабул намудани декларатсияи мол бошад.

12. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолате, ки ҳуҷҷутҳои ба хадамоти гумрук пешниҳодшуда ба забони барои ин мақсад зикрнашуда, ё забони ба кишвари воридшавии мол тааллуқнадошта таҳия шудаанд, тарҷумаи маълумоти дар чунин ҳуҷҷатҳо дарҷгардида, тибқи қоидаи умумӣ, набояд талаб карда шавад.

(й) Ворид шудан дар соатҳои ғайрикорӣ

13. Стандарт

Хадамоти гумрук чораҳои эҳтиётиеро муайян менамояд, ки бояд аз тарафи боркаш барои пешгирии ворид шудани мол ба муомилоти беиҷозат дар қаламрави гумрукӣ дар сурати воридшавии он ба мақоми гумрук дар соатҳои ғайрикорӣ андешида шаванд.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Аз рӯи дархости боркаш ва сабабҳое, ки хадамоти гумрук онҳоро асоснок эътироф мекунад, хадамоти гумрук бояд то ҳадди имкон барои анҷом додани расмиёти гумрукӣ ҷиҳати пешниҳоди декларатсияи мол дар соатҳои ғайрикории хадамоти гумрук рухсат диҳад.

Борфарорӣ

(а) Ҷойҳои борфарорӣ

15. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ ҷойҳое, ки дар онҳо борфарорӣ рухсат дода мешавад, муайян карда мешаванд.

16. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, хадамоти гумрук бояд фаровардани борро дар ҷойи дигари берун аз ҷое, ки барои борфарорӣ муайян гардидааст, рухсат диҳад.

(й) Оғоз намудани борфарорӣ

17. Стандарт

Оғоз намудани борфарорӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин пас аз воридшавии воситаи нақлиёт ба ҷойи борфарорӣ рухсат дода мешанад.

18. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, хадамоти гумрук бояд то ҳадди имкон идомаи борфарориро берун аз соатҳои муқарраршудаи кори хадамоти гумрук рухсат диҳад.

Хироҷҳо

19. Стандарт

Ҳамаи хироҷҳое, ки ситонида мешаванд, ҳангоми:

- анҷом додани расмиёти гумрукӣ ҷиҳати пешниҳоди декларатсияи мол берун аз соатҳои муқарраршудаи кори хадамоти гумрук;
- фаровардани мол дар ҷойи дигари берун аз ҷойи рухсатдодашудаи борфарорӣ; ва ё
- фаровардани мол берун аз соатҳои муқарраршудаи кори хадамоти гумрук, бояд бо арзиши тақрибии хизматҳои расонидашуда маҳдуд карда шаванд.

БОБИ 2. Нигоҳдории муваққатии мол

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои ҳамин Боб:

E1./F1. «декларатсияи бор» маънои иттилоотеро дорад, ки қабл аз ворид шудани воситаи нақлиёти тиҷоратӣ, ё ҳангоми воридшавӣ ё баромадани он пешниҳод карда шуда, маълумоти аз тарафи хадамоти гумрук талабшавандаро оид ба боре, ки ба қаламрави гумрукӣ ворид ё аз он содир карда мешавад, дар бар мегирад.

E2./F2. «нигоҳдории муваққатии мол» маънои нигоҳдории молро таҳти назорати гумрукӣ дар биноҳо ва ҷойҳои девор кашидашуда ва девор кашиданашудаеро (минбаъд анборҳои нигоҳдории муваққатӣ номида мешаванд) дорад, ки барои пешниҳоди декларатсияи мол аз тарафи мақомоти гумрук тасдиқ гардидаанд.

Принсипҳо

1. Стандарт

Нигоҳдории муваққатии мол бо муқаррароти ҳамин Боб ва ба қадри татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

2. Стандарт

Хадамоти гумрук барои таъсиси анборҳои нигоҳдории муваққатӣ дар ҳама ҳолатҳое, ки инро барои талаботи тиҷорат зарур мешуморанд, рухсат медиҳад.

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нигоҳдории муваққатӣ нисбат ба ҳамаи молҳо, новобаста аз миқдор, кишвари истеҳсолкунанда ё кишваре, ки мол аз он ворид шудааст, рухсат дода мешавад. Аммо молҳое, ки хатар доранд, мумкин аст ба молҳои дигар осеб расонанд ё молҳое, ки барои онҳо иншооти махсус зарур аст. бояд танҳо ба анборҳои нигоҳдории муваққатии махсусан таҷҳизонидашуда ва аз тарафи мақомоти салоҳиятдор муқарраргардида роҳ дода шаванд.

Ҳуҷҷатҳо

4. Стандарт

Ягона ҳуҷҷате, ки барои таҳти нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир намудани мол талаб карда мешавад, ҳуҷҷате мебошад, ки тавсифи молро ҳангоми пешниҳод кардани он ба хадамоти гумрук дар бар мегирад.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд декларатсияи бор ё дигар ҳуҷҷати тиҷоратиро ҳамчун ҳуҷҷати ягонае талаб намояд, ки барои ҷойгир намудани мол ба нигоҳдории муваққатӣ талаб карда мешавад, ба шарте ки ҳамаи молҳое, кн дар ин декларатсияи бор ё дар дигар ҳуҷҷати тиҷоратӣ зикр гардидаанд, ба анбори нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир карда шаванд.

Идоракунин анборҳои нигоҳдории муваққатӣ

6. Стандарт

Хадамоти гумрук талабот нисбат ба иншоот, банақшагирӣ ва идоракунии анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, инчунин шартҳои нигоҳдории мол, пешбурди баҳисобгирии анбор ва ҳисобдории муҳосибавӣ ва назорати гумрукро муқаррар мекунад. Амалиёти иҷозатдодашуда

7. Стандарт

Нисбат ба моле, ки дар нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир аст бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, гузаронидани амалиёти оддӣ, ки барои таъмин ва нигоҳдории бетағйири ҳолати онҳо зарур аст, иҷозат дода мешаванд.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба моле, ки дар нигоҳдорин муваққатӣ қарор дорад, бояд бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда иҷрои амалиёти муқаррарие, ки барои осонкунии баровардани он аз анбори нигоҳдории муваққатӣ ва интиқоли минбаъда заруранд, рухсат дода мешавад.

Давомнокии нигоҳдории муваққатӣ

9. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки дар конунгузории миллӣ мӯҳлати нигоҳдории муваққатӣ муқаррар карда мешавад, муддати рухсатдодашудаи вақт бояд кифоя бошад, ки воридкунанда имконияти анҷом додани расмиёти барои ҷойгир намудани мол таҳти расмиёти дигари гумрукиро дошта бошад.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асосонок эътирофшуда, хадамоти гумрук бояд мӯҳлати ибтидоии муқарраршударо тамдид намояд.

Молҳои корношоям ё вайроншуда

11. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба моле, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё ҳолатҳои фавқулодда то баровярданашон аз анбори нигоҳдории муваққатӣ корношоям вайрон ё осеб дидаанд, бояд гузаронидани тозакунӣ рухсат дода шавад, чунон ки агар ин мол дар вазъи корношоям, вайроншуда ё осебдида ворид шуда, корношоямӣ, вайронӣ ё осебдидагӣ бо тарзи муносиби аз тарафи хадамоти гумрук эътирофшуда, муқаррар шуда бошад.

Баровардан аз анбори нигаҳдории муваққатӣ

12. Стандарт

Ҳар шахсе, ки дорои ҳуқуқи ихтиёрдории мол мебошад, бо риояи шартҳо ва расмиёт дар ҳар ҳолат ҳуқуқ дорад онро аз анбори нигоҳдории муваққатӣ барорад.

13. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ расмиёте муайян карда мешавад, ки бояд он дар ҳолати дар мӯҳлати муқарраршуда аз анбори нигоҳдории муваққатӣ набаровардани мол риоя карда шавад.

ЗАМИМАИ МАХСУСИ В ВОРИДОТ

## БОБИ 1. ТОЗА НАМУДАН БАРОИ ИСТЕЪМОЛИ ДОХИЛӢ

Мафҳумҳо

Барои максадҳои ҳамин Боб:

E1./F2. «тоза намудан барои истеъмоли дохилӣ» расмиёти гумрукиеро мефаҳмонад, ки он пешбинӣ менамояд, ки моли воридшуда дар қаламрави гумрукӣ пас аз пардохти ҳамаи

боҷ ва андозҳои ситонидашаванда ва иҷрои тамоми расмиёти гумрукии зарурӣ ба муомилоти озод мебарояд:

E2./F1. «молҳои дар муомилоти озод қарордошта» молеро мефаҳмонад, ки ихтиёрдории он аз тарафи хадамоти гумрук бе маҳдудият амалӣ шуда метавонад.

Принсип

1.Стандарт

Тозакунии мол барои муомилоти озод бо муқаррароти Боби мазкур ва ба қадри татбиқ бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳо

2. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар қонунгузории миллӣ бояд пешбинӣ шавад, ки мол ба шарте бо тарзи алтернативӣ нисбат ба декларатсияи стандартии мол декларатсия шуда метавонад, ки чунин тарз пешниҳоди маълумоти заруриро оид ба моле, ки бояд мавриди тозакунӣ барои истеъмоли дохилӣ қарор дода шавад, таъмин намояд.

## БОБИ 2. ВОРИДОТИ ТАКРОРӢ ДАР ҲОЛАТИ БЕТАҒИЙР

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои ҳамин Боб:

E1./F3. «Тоза намудан барои истеъмоли дохилӣ» маънои расмиёти гумрукиро дошта, пешбинӣ менамояд, ки моли воридшуда дар қаламрави гумрукӣ пас аз пардохти ҳамаи боҷ ва андозҳои ситонидашаванда ва иҷрои тамоми расмиёти гумрукии зарурӣ ба муомилоти озод мебарояд.

E2./F5. «Маҳсулоти ҷуброншаванда» маънои маҳсулотеро дорад, ки дар натиҷаи истеҳсол, коркард ё таъмири мол ба миён омада, нисбати онҳо истифодаи расмиёти коркард дар қаламрави гумрукӣ рухсат дода шудааст.

E3./F2. «Моле, ки бо огоҳинома дар барои баргардонидани эҳтимолӣ содир карда мешавад» маънои молеро дорад, ки аз тарафи декларант ҳамчун моли эхтимолан такроран воридшаванда зикр гардида, нисбати он хадамоти гумрук метавонад чораҳо оид ба мушобеҳсозӣ бо мақсади осонкунии воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир амалӣ кунад.

E4./F1. «Молҳои дар муомилот озод қарордошта» маънои молеро дорад, ки ихтиёрдории он аз тарафи хадамоти гумрук бе маҳдудият амалӣ шуда метавонад.

E5./F4. «Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки мувофиқи он моли содиркардашуда ба шарте метавонад барои истеъмоли дохилӣ бо озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ қабул шавад, ки он мавриди ҳеҷ гуна амалиёт оид ба истеҳсол, коркард ё таъмир дар хориҷа қарор дода нашудааст, инчунин ба шарти пардохти ҳама гуна маблаҕе, ки дар натиҷаи баргардонидан ё ҷуброн кардан ё шартан озод намудан аз боҷ ва андозҳо, ё ҳама гуна ёрии пулӣ ё дигар маблағҳои вобаста ба содирот ситонида мешаванд. Моле, ки барои воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир иҷозат дода мешавад, метавонад моле бошад, ки дар муомилоти озод қарор дошт ё маҳсулоти ҷуброншаванда бошад.

Принсип

1. Стандарт

Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир бо муқаррароти ҳамин Боб ва ба қадри татбиқ бо муқаррароти Замимаҳои Боб татбиқ карда мешавад.

Соҳаи истифода

2. Стандарт

Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир ҳатто дар он сурате рухсат дода мешавад, ки агар танҳо як қисми моли содиркардашуда такроран ворид карда шавад.

3. Стандарт

Агар ин аз рӯи ҳолатҳо асоснок шуда бошад, воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир, ҳатто агар молро шахси дигар, ғайри оне ки молро содир карда буд, воридоти такрорӣ карда истода бошад, рухсат дода мешавад.

4. Стандарт

Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир набояд дар асоси он рад карда шавад, ки дар вақти дар хориҷа қарор доштан, мол истифода бурда шуда ё осеб дида ё корношоям гашта буд.

5. Стандарт

Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир набояд дар асоси он рад карда шавад, ки дар вақти дар хориҷа қарор доштани мол мавриди амалиёте қарор гирифта буд, ки барои таъмини нигоҳдории беосеб ва истифодабарӣ заруранд, аммо ба шарте ки арзиши он дар лаҳзаи содирот дар натиҷаи ин амалиёт наафзуда бошад.

6. Стандарт

Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир бо молҳое, ки бевосита аз хориҷа ворид мешаванд, маҳдуд карда намешавад, балки нисбат ба молҳое, ки аллакай таҳти расмиёти гумрукии дигар ҷойгир карда шудаанд, рухсат дода мешавад.

7. Стандарт

Воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир набояд дар асоси он рад карда шавад, ки мол бе огоҳинома дар бораи баргардон эидани эҳтимолӣ содир карда шуда буд.

Мӯҳлати воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир

8. Стандарт

Дар ҳолати муқаррар кардани мӯҳлате, ки бо гузаштани он воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир рухсат дода намешавад, ва чунин мӯҳлат бояд кофӣ бошад, то ин ки ҳолатҳои тағйирёбанда барои ҳар як ҳолат ба назар гирифта шаванд. Мақомоти салоҳиятдори гумрукӣ

9. Стандарт .

Хадамоти гумрук декларатсия кардани моли дар ҳолати бетағйир воридоти такроришавандаро дар он мақоми гумруке, ки мол таввасути он содир шуда буд, танҳо дар он ҳолатҳое талаб менамояд, ки ин расмиёти воридоти такрориро осон мегардонад.

Декларатсияи мол

10. Стандарт

Декларатсияи хаттии мол барои воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйири бастабандӣ, контейнерҳо, зерзарфҳо ва воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ, ки дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифода бурда мешаванд, талаб карда намешавад, ба шарте ки тарзи аз тарафи хадамоти гумрук эътирофшуда тасдиқ гардад, ки ин бастабандӣ, контейнерҳо, зерзарфҳо ва воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ ҳангоми содирот дар муомилоти озод қарор доштанд. Моле, ки бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ содир карда мешавад

11.Стандарт

Бо дархости декларант хадамоти гумрук барои содироти мол бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ рухсат медиҳад ва ҳама гуна чораҳои заруриро амалӣ мекунад, то ки воридоти такрорӣ дар ҳолати бетағйир осон карда шавад.

12. Стандарт

Хадамоти гумрук талаботро барои мушобеҳсозии моле, ки бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ содир карда мешавад, муқаррар менамояд. Бинобар ин, ба таври муносиб хусусияти мол ва аҳамияти манфиатҳои дахлдор ба назар гирифта мешавад.

13. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба моле, ки бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ содир карда мешавад, бояд озодкунии шартӣ аз ҳама гуна боҷ ва андозҳои содиротии татбиқшаванда пешниҳод шаванд.

14. Стандарт

Бо дархости шахси манфиатдор хадамоти гумрук барои иваз кардани содироти мол бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ ба содироти пурра бо риояи шартҳо ва расмиёти дахлдор рухсат медиҳад.

15. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки як мол бояд якчанд маротиба бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ содир карда шуда, дар ҳолати бетағйир воридоти такрорӣ карда шавад, хадамоти гумрук бояд тибқи дархости декларант рухсат диҳад, то декларатсия, барои содирот бо огоҳинома дар бораи баргардонидани эҳтимолӣ, ки ҳангоми содироти якуми мол пешниҳод мешавад, дар ҳолатҳои баъдинаи воридоти такрорӣ ва содироти ин мол дар тӯли мӯҳлати муқарраргардида эътибор дошта бошад.

## БОБИ 3. ОЗОД НАМУДАН АЗ БОҶ ВА АНДОЗҲОИ ВОРИДОТӢ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои ҳамин Боб:

E17F2. «тоза намудан барои истеъмоли дохилӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки моли воридшуда дар қаламрави гумрукӣ пас аз пардохти ҳамаи боҷ ва андозҳои ситонидашаванда ва иҷрои тамоми расмиёти гумрукии зарурӣ ба муомилоти озод мебарояд.

E2/F1. «озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ» тозакунии молро барои истеъмоли дохилӣ бо озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ сарфи назар аз таснифоти муқаррарии тарифии он, ё боҷҳо ва андозҳое, ки одатан бояд пардохт шаванд, мефаҳмонад ба шарте ки он дар шароити муайян ва барои мақсадҳои муайян ворид карда шавад.

Принсип

1.Стандарт

Озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ нисбат ба молҳое, ки барои муомилоти озод пешниҳод шудаанд, бо муқаррароти ҳамин Боб ва ба қадри татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Соҳаи истифода

2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ бояд номгӯи ҳолатҳое, ки озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ пешниҳод мешавад, муқаррар карда шаванд.

3. Стандарт

Озодкунӣ аз боҷҳои воридотӣ ва андозҳо бо молҳои бевосита аз хориҷа воридкардашуда маҳдуд нагардида, инчунин ба молҳое, ки аллакай таҳти расмиёти гумрукии дигар ҷойгир карда шудаанд, паҳн мегардад.

4. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ бояд сарфи назар аз кишвари истеҳсолкунандаи мол ё кишваре, ки мол аз он ҷо омадааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки ҳуҷҷати байналмилалӣ чунин озодкуниро бо шартҳои тарафайн пешбинӣ менамояд, пешниҳод шавад.

5. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ номгӯи ҳолатҳое муқаррар мешавад, ки барои озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ рухсатномаи пешакӣ талаб карда мешавад, ва мақомоте зикр мегардад, ки салоҳияти додани чунин рухсатномаро доранд. Чунин ҳолатҳо бояд то қадри имкон камтар бошанд.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тарафҳои Аҳдкунанда бояд аз боҷ ва андозҳои воридотӣ озод кардани молҳоеро пешбинӣ намоянд, ки дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ бо шартҳои пешбининамудаи онҳо зикр гардидаанд, инчунин имконияти ба чунин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ҳамроҳ шуданро баррасӣ кунанд.

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ, инчунин аз мамнӯъ ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ бояд нисбат ба молҳои зерин бо шартҳои зикршуда, инчунин ҳангоми

риояи ҳама гуна талаботи дигаре, ки дар қонунгузории миллӣ барои чунин озодкунӣ пешбинӣ гардидаанд, пешниҳод шавад:

а) воситаҳои табобатии ба инсон таалуқдошта, реактивҳо барои муайянсозии гурӯҳҳои хун ва намудҳои бофтаҳо дар ҳолатҳое, ки онҳо барои муассисаҳо ва лабораторияҳои аз тарафи мақомоти салоҳиятдор ваколатдор кардашуда, таъин гардидаанд;

й) намунаҳои арзиши тиҷоратӣ надоштае, ки аз тарафи хадамоти гумрук ҳамчун арзиши камтарин дошта арзёбӣ мешаванд ва бояд танҳо бо мақсади гирифтани фармоишҳо барои моле, ки онҳо муаррифӣ мекунанд, истифода бурда шаванд;

с) амволи манқул. ба ғайри дастгоҳҳо ва ё таҷҳизоти таъиноти саноатӣ, тиҷоратӣ ё кишоварзӣ дошта, ки барои истифодаи ягон шахс ё аъзои оилаи ӯ бо мақсадҳои шахсӣ ва касбӣ таъин гардида, ба кишвар якҷоя бо ин шахс ё алоҳида аз ӯ бо мақсади ба ҷойи доимии зист ба ин кишвар гузаштани ӯ интиқол дода мешавад;

d) ашёи аз тарафи шахс ба мерос гирифташуда, ки дар вақти марги шахси фавтида дар кишвари воридот ҷойи доимии зист дорад ва ба шарте, ки ин чизҳои шахсӣ аз тарафи шахси фавтида ба мақсадҳои шахсӣ истифода гардидаанд:

е) тӯҳфаҳои шахсӣ, ба истиснои алкогол. машруботи алкоголӣ ва маҳсулоти тамоку, ки арзишашон аз арзиши умумии дар қонунгузории миллӣ дар асоси нархи чакана муайяншуда, зиёд нест;

f) молҳое ба монанди маҳсулоти хӯрокворӣ, доруҳо, либос ва кӯрпаҳое, ки хамчун ҳадя ба ташкилоти хайриявӣ ё башардӯстӣ барои ройгон тақсим намудан ба мӯҳтоҷон аз тарафи ин ташкилот ё таҳти назорати он равон карда мешаванд;

g) мукофотҳо ба шахсоне, ки ба таври доимӣ дар кишвари воридот истиқомат мекунанд, бо шарти нишон додани ҳама гуна ҳуҷҷатҳои тасдиққунандае, ки хадамоти гумрук талаб менамояд;

h) масолеҳ барои сохтмон, таъминот ва ё ороиши қабристонҳои ҳарбӣ, тобутҳо, сандуқҳои дафнӣ ё лавозимоти дафн барои ороиш, ки аз тарафи ташкилотҳои аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ваколатдор шудаанд, ворид карда мешаванд;

ij) ҳуҷҷатҳо, бланкҳо, интишорот, ҳисобот ва дигар ашёи арзиши тиҷоратӣ надоштае, ки қонунгузории миллӣ муайян кардааст;

к) ашёи парастиши динӣ; ва

l) маҳсулоте, ки барои озмоишҳо ворид карда мешаванд, ба шарте ки миқдори воридшавандаи чунин маҳсулот аз миқдори барои озмоиш зарурбуда зиёд набошад ва истифодабарии пурраи ин маҳсулот дар вақти озмоишҳо ё содироти такрорӣ қисми боқимондаи маҳсулот ё ба ҳолати аз даст рафтани арзиши тиҷоратӣ расонидани онҳо таҳти назорати хадамоти гумрук қарор гирад.

ЗАМИМАИ МАХСУСИ С СОДИРОТ

## БОБИ 1. СОДИРОТИ ПУРРА

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои ҳамин Боб:

E1./F1. «содироти пурра» маънои расмиёти гумрукиро дошта, нисбат ба моле истифода мешавад, ки дар муомилоти озод қарор дорад, аз қаламрави гумрукӣ бароварда мешавад ва барои ба таври доимӣ берун аз ҳудуди он ҷойгир будан, пешбинӣ мегардад.

Принсип

1. Стандарт

Содироти пурра бояд бо муқаррароти ҳамин Боб ва ба қадри татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда шавад.

Ҳуҷҷатҳо

2. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар қонунгузории миллӣ бояд пешбинӣ карда шавад, ки мол метавонад бо тарзи алтернативӣ нисбат ба декларатсияи стандартии мол декларатсия карда шавад, ба шарте ки чунин тарз пешниҳоди маълумоти заруриро оид ба моле, ки бояд бо мақсади содироти пурра тоза карда шавад, таъмин намояд.

Тасдиқи ворид шудан ба ҷойи таъингашта

3. Стандарт

Хадамоти гумрук тасдиқи ворид шудани молро ба берун аз сарҳад тибқи қоидаи умумӣ талаб намекунад.

## ЗАМИМАИ МАХСУСИ D АНБОРҲОИ ВА МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ГУМРУКӢ

### БОБИ 1. АНБОРҲОИ ГУМРУКӢ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои ҳамин Боб:

E1./F1. «расмиёти нигоҳдорӣ дар анбори гумрукӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки мувофиқи он моли воридшуда таҳти назорати гумрукӣ бе пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ дар ҷойи муқарраршуда (дар анбори гумрукӣ) нигоҳ дошта мешавад.

Принсип

1. Стандарт

Расмиёти нигоҳдорӣ дар анбори гумрукӣ бо муқаррароти Боби мазкур ва ба қадри татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Навъҳои анборҳои гумрукӣ

2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ таъсиси анборҳои гумрукӣ, ки барои ҳар шахси ҳуқуқи ихтиёрдории мол дастрасанд, (анборҳои гумрукӣ барои истифодаи умумӣ) пешбинӣ карда мешавад.

3. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ таъсиси анборҳои гумрукие, ки барои истифода фақат аз ҷониби шахсони муайян таъин гардидаанд (анборҳои гумрукии хусусӣ), дар он ҳолатҳое пешбинӣ карда мешаванд, ки ин барои қонеъ намудани талаботи махсуси тиҷорат зарур аст.

Таъсис, идоракунӣ ва назорат

4. Стандарт

Хадамоти гумрук талаботро нисбат ба таъсис, коршоям будан ва идоракунии анборҳои гумрукӣ, инчунин шартҳои амалисозии назорати гумрукиро муқаррар менамояд.

Шартҳои нигоҳдории мол дар анбори гумрукӣ ва пешбурди баҳисобгирии анбор ва ҳисобдории муҳосибавии онро хадамоти гумрук тасдиқ мекунад.

Иҷозат додани мол

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар анборҳои истифодаи умумӣ нигохдории ҳамаи намудҳои молҳои воридшаванда, ки аз онҳо боҷ ва андозҳои воридотӣ ситонида мешавад, ё таҳти мамнӯъ ва маҳдудиятҳо қароргирифта бояд иҷозат дода шавад, ба ғайр аз он мамнӯъ ва маҳдудиятҳое, ки дар асосҳои зайл муқаррар карда шудаанд:

- ахлоқ ё тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, беҳдошт ё саломатии ҷамъиятӣ ва ё аз рӯи ақидаҳои байторӣ ё фитосанитарӣ; ё ки

- ҳифзи ҳуқуқҳо аз рӯи патентҳо, тамғаҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқҳои муаллифӣ, сарфи назар аз миқдор, кишвари истеҳсолкарда, кишваре, ки мол аз он расонида шудааст, ё кишвари таъинот.

Моли хатарнок мумкин аст ба моли дигар зарар расонад ё моле, ки барои он иншооти махсус зарур аст, бояд танҳо дар анборҳои гумрукие нигоҳдорӣ шавад, ки махсусан барои ҷойгир намудани он таъин гардидаанд.

6. Стандарт

Хадамоти гумрук намудҳои молеро муайян мекунад, ки метавонанд барои нигоҳдорӣ дар анбори гумрукии хусусӣ иҷозат дода шаванд.

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бояд ба анборҳои гумрукӣ роҳ додани моле, ки нисбати он ба даст овардани ҳуқуқи чунин баргардонидан ба шарти содироти минбаъдаи он, иҷозат дода шавад.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бояд ба анборҳои гумрукӣ иҷозат додани моле, ки таҳти расмиёти иҷозати муваққатӣ ҷойгир карда шудааст, ба шарти содироти минбаъда ё дигар навъи ихтиёрдории иҷозатдодашудаи он, бо боздоштан ё анҷоми ӯҳдадориҳои марбут ба ин расмиёт, рухсат дода шавад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бояд ба анборҳои гумрукӣ иҷозат додани моли барои содирот таъингардида, ки боҷ ва андозҳои дохилиро пардохт менамоянд ё аллакай пардохт намудаанд, бо мақсади ба даст овардани ҳуқуқи чунин озодкунӣ ё баргардонидани чунин боҷ ва андозҳои дохилӣ иҷозат дода шавад, ба шарте ки ин мол минбаъд содир карда шавад. Амалиёти иҷозатдодашуда

10. Стандарт

Ба ҳар шахсе, ки ҳуқуқи ихтиёрдории моли дар анборҳои нигоҳдоришавандаро дорад, бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, бояд иҷозат дода шавад:

а) санҷидани мол;

й) гирифтани намунаҳо бо пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ дар сурати татбиқи он;

с) анҷом додани амалиёте, ки барои нигоҳдории бетағйири мол заруранд:

d) анҷом додани дигар амалиёти муқаррарӣ оид ба коркарди мол, ки барои беҳтар намудани вазъи бастабандӣ ё сифати бозорӣ ё барои тайёрӣ ба ирсол заруранд, ба мисли тақсимкунии миқдори мол, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани бастабандӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ ва тамғазанӣ, инчунин аз нав бастабандӣ намудан.

Мӯҳлати нигоҳдорӣ

11. Стандарт

Хадамоти гумрук мӯҳлати ниҳоии иҷозатдодашудаи нигоҳдории молро дар анборхои гумрукӣ бо назардошти муносиби талаботи савдо муқаррар мекунад ва барои моли зудвайроншаванда чунин мӯҳлати бояд на камтар аз як сол бошад

Додани ҳуқуқи моликият

12. Стандарт

Бояд додани ҳуқуқи моликият ба моли дар анборҳо нигоҳдоришаванда иҷозат дода шавад.

Вайрон шудани мол

13. Стандарт

Ба моле, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё ҳолатҳои рафънопазир (форс -мажор) ҳангоми қарор доштан таҳти расмиёти нигоҳдорӣ дар анбори гумрукӣ корношоям ё вайрон шудааст, бояд иҷозат дода шавад, то барои истеъмоли дохилӣ декларатсия карда шавад, чунон ки агар он дар шакли корношоям ё вайроншуда ворид карда шудааст, ба шарте ки ин корношоямӣ ё вайроншавӣ ба таври муносиби аз тарафи хадамоти гумрук эътирофшуда муқаррар шуда бошад.

Баровардани мол

14. Стандарт

Ба ҳар шахсе, ки ба ихтиёрдории мол ҳуқуқ дорад, бо риояи шартҳо ва маҳдудиятҳои дар ҳар як ҳолат истифодашаванда иҷозат дода мешавад, ки ин молро аз як анбори гумрукӣ ба анбори дигари гумрукӣ пурра ё қисман барорад ва ё таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир намояд.

15. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ расмиёте муқаррар карда мешавад, ки онро дар ҳолати дар мӯҳлати муқарраргардида аз анбори гумрукӣ набаровардани мол риоя кардан зарур аст.

Бастани анбори гумрукӣ

16. Стандарт

Дар сурати бастани анбори гумрукӣ ба шахсони манфиатдор бояд вақти кофӣ дода шавад, то ин ки молро ба анбори дигари гумрукӣ бароранд ё молро таҳти расмиёти дигари гумрукӣ, бо риояи тамоми шартҳо ва маҳдудиятҳои дар ҳар як ҳолат татбиқшаванда, ҷойгир намоянд.

## БОБИ 2. МИНТАҚАҲОИ ОЗОД

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «минтақаи озод» маънои қисми қаламрави Тарафи Аҳдкунандаро дорад, ки дар ҳудуди он ҳама гуна моли овардашуда одатан, ҳар он чӣ ки ба боҷ ва андозҳои воридотӣ дахл дорад, ҳамчун моли берун аз қаламрави гумрукӣ ҷойгирбуд, ҳисобида мешавад.

Принсип

1. Стандарт

Танзими гумрукие, ки дар минтақаҳои озод истифода мешавад, ба муқаррароти Боби мазкур ва ба қадри татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ асос меёбад.

Таъсис ва назорат

2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ талаботи марбут ба таъсиси минтақаҳои озод, намудҳои моле, ки иҷозат додани он ба чунин минтақаҳо мумкин аст ва хусусияти амалиёте, ки мавриди он қарор додани мол ҳангоми ҷойгир будани он дар минтақаҳои озод мумкин аст, муайян карда мешаванд.

3. Стандарт

Хадамоти гумрук шартҳои амалӣ намудани назорати гумрукӣ, аз ҷумла талаботи мувофик нисбат ба ободонӣ, сохтмон ва тарҳкашии минтақаҳои озодро муқаррар менамояд.

4. Стандарт

Хадамотм гумрук ҳама вақт ба гузаронидани санҷиши молзое, ки дар минтақаи озод нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқ дорад.

Иҷозат додани мол

5. Стандарт

Ба минтақаи озод иҷозат додани на танҳо моле, ки бевосита аз хориҷа ворид карда шудааст, инчунин моле, ки аз қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дахлдор оварда шудааст, рухсат дода мешавад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Иҷозат додани моли аз хориҷа воридшуда на танҳо дар асоси он, ки мол таҳти мамнӯъ ва маҳдудиятҳо қарор мегирад, рад карда шавад, инчунин мамнӯъ ва маҳдудиятҳое, ки дар асосҳои зерин муқаррар карда шудаанд;

- ахлоқ ё тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, беҳдошти ҷамъиятӣ ё ақидаҳои байторӣ ва ё фитосанитарӣ; ё ки

ҳифзи ҳуқуқҳо аз рӯи патентҳо, тамғаҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқҳои муаллифӣ, сарфи назар аз кишвари истеҳсолкунанда, кишваре, ки молҳо аз он оварда шудаанд, ё кишвари таъинот.

Моле, ки хатарнок мебошад, мумкин аст ба моли дигар зарар расонад ё барои он иншооти махсус зарур аст, бояд танҳо ба минтақаҳои озоди махсусан барои ҷойгир кардани он таъингардида иҷозат дода шавад.

7. Стандарт

Моли ба минтақаи озод иҷозатдодашавандае, ки барои он озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ ё баргардонидани онҳо дар сурати содироти он пешбинӣ карда мешавад, бояд фавран пас аз ворид шудан ба минтақаҳои озод мавриди чунин озодкунӣ ё баргардонидан қарор дода шавад.

8. Стандарт

Моли ба минтақаи озод иҷозатдодашавандае, ки барои он озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои дохилӣ ё баргардонидани онҳо дар сурати содирот пешбинӣ карда мешавад, бояд фавран пас аз ворид шудан ба минтақаи озод мавриди чунин озодкунӣ ё баргардонидан қарор дода шавад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук набояд пешниҳоди декларатсиян моли ба минтакаи озод бевоспа аз хориҷа омадаро талаб кунад, агар чунин маълумот аллакай дар хуччатхои хамрохикунандаи мол мапчуд бошад.

Кафолат

10. Тавсия оид ба татбики амалӣ

Хадамоти гумрук набояд барои иҷозат додаии мол ба минтақаи озод кафолат талаб кунад.

Амалиёти рухсатлодашуда

11. Стандарт

Нисбат ба моле, ки ба минтакаи озод иҷозат дода шудааст, гузаронидани амалиёте рухсат дода мешавад, ки барои нигохдории бетагйири мол, инчунин шаклҳои мукаррарии қоркард ба мақсади беҳтар намудани бастабандӣ е сифати бозорӣ, ё худ барои тайёр намудани ин мол ба равонкуни заруранд, ба мисли таксим кардани микдори мол, ба гурӯххо Пудо кардани бастабандӣ. ба навъхо чудокунӣ ва тамгазанӣ. инчунин аз нав бастабанд кардам.

12. Стандарт

Дар холатхое, ки мақсыоти салоҳиятдор барои гузаронидани амалиёт оид ба коркард ва тайёркунӣ дар минтакаҳои озод рухсат медихад. онҳо ба таври умумӣ ва ё муфассал дар санадхои меъёрис. ки дар тамоми минтакахои озод нстифода мешаванд. ё дар рухсатномае. ки ба ташкилоти иҷрокунандаи ин амалиёт дода мешавад, он амалиётеро оид ба коркард ва тайёркунӣ муайян менамояид. ки мумкин аст бо мол гузаронида шаванд.

Моле, ки дар худуди миптакаи озод истеъмол мешавад

13. Стандарт

Дар конунгузории миллӣ номгӯи холатхое. ки ҳангоми онхо моли дар ҳудуди минтакаи озод истеъмолшаванда. мумкин аст бо озодкунӣ аз боҷ ва андозҳо иҷозат дода шавад ва талаботе, ки бояд риоя карда шаванд, муқаррар мегарданд.

Мӯҳлати ҷойгиршавии мол дар минтақаи озод

14. Стандарт

Муддати ҷойгиршавии мол дар минтақаи озод ба мӯҳлати муайян танҳо дар сурати мавҷудияти ҳолатҳои истисноӣ маҳдуд карда мешавад.

Додани ҳуқуқи моликият

15. Стандарт

Додани ҳуқуқи моликият ба моле, ки ба минтақаи озод иҷозат дода шудааст, рухсат дода мешавад.

Баровардани мол

16. Стандарт

Барои моле, ки ба минтақаи озод иҷозат дода шуда ё дар он истеҳсол карда шудааст, бо риояи шартҳо ва расмиёти дар ҳар ҳолат истифодашаванда рухсат дода мешавад, ки қисман ё пурра ба дигар минтақаи озод бароварда ё таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир карда шавад.

17. Стандарт

Ягона декларатсияе, ки бароибаровардани мол аз минтақаи озод талаб карда мешавад, декларатсияи мол мебошад, ки одатан барон расмиёти гумрукии ин мол муайянгардида талаб карда мешавад.

18. Тавсия оид ба истифодаи амалӣ

Дар ҳолатҳои аз тарафи хадамоти гумрук пешниҳод гардидани ҳуҷҷат нисбат ба моле, ки баъди аз минтақаи озод баровардан бевосита ба хориҷа равон карда мешавад, хадамоти гумрук набояд пешниҳод кардани иттилооти дигарро талаб намояд.

Ҳисоб кардани боҷ ва андозҳо

19. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ муддати вақте таъин карда мешавад, ки бояд бо мақсади муайян намудани арзиш ва миқдори моле, ки метавонад баъди аз минтақаи озод баровардан барои истеъмоли дохилӣ қабул гардад, ба назар гирифта шавад, инчунин арзиши боҷҳои воридотӣ, андозҳо ё боҷҳо ва андозҳои дохилии ба он истифодашаванда вобаста ба ҳолат муайян карда мешавад.

20. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ қоидаҳое муқаррар карда мешаванд, ки барои муайян намудани маблағи боҷҳои воридотӣ, андозҳо ё боҷ ва андозҳои дохилӣ вобаста ба ҳолате, ки нисбат ба мол баъди коркард ё истеҳсол дар минтақаи озод барои истеъмоли дохилӣ татбиқ мешаванд.

Бастани минтақаи озод

21. Стандарт

Дар ҳолати бастани минтақаи озод ба шахсони манфиатдор барои моли худро ба дигар минтақаҳои озод баровардан, ё онро мутобиқи шартҳо ва расмиёти дахлдор тахти назорати гумрукӣ ҷойгир намудан, бояд вақти кофӣ дода шавад.

## ЗАМИМАИ МАХСУСИ Е ТРАНЗИТ

БОБИ 1. Транзити гумрукӣ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F4. «борқабулкунандаи ваколатдор» маънои шахсеро, дорад, ки аз тарафи хадамоти гумрук барои қабули мол бевосита дар маҳали ҷойгиршавии худ бе зарурати пешниҳоди он ба мақоми таъинот ваколатдор мебошад;

E2./F5. «борирсолкунандаи ваколатдор» маънои шахсеро дорад, ки аз тарафи хадамоти гумрук барои ирсоли мол бевосита аз маҳали ҷойгиршавии худ бе зарурати пешниҳоди он ба мақоми равонкунӣ ваколатдор мебошад;

E3./F1. «мақоми назораткунанда» маънои мақоми гумрукиеро дорад, ки барои як ё зиёда аз он «борирсолкунандаи ваколатдор» ё як ё зиёда аз он «борқабулкунандаи ваколатдор» масъул буда, вобаста ба ин вазифаи махсуси назорати тамоми амалиёти транзити гумрукиро иҷро мекунад;

E4./F7. «транзити гумрукӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки мувофиқи он мол таҳти назорати гумрукӣ аз як мақоми гумрук ба мақоми дигари он интиқол дода мешавад;

E5./F6. «амалиёти транзити гумрукӣ» маънои таҳти низоми гумрукӣ аз мақоми равонкунӣ ба мақоми таъинот иитиқол додани молро дорад.

E6./F2. «мақоми равонкунӣ» маънон ҳама гуна мақоми гумрукиеро дорад, ки дар он амалиёти транзити гумрукӣ оғоз меёбад:

E7./F3. «мақоми таъинот» маънои ҳама гуна мақоми гумрукиро дорад, ки дар он амалиёти транзити гумрукӣ ба анҷом мерасад;

E8./F8. «воҳиди нақлиётӣ» чунин маъно дорад:

а) контейнерҳо, ки ҳаҷми дохилиашон як метри мукааб ё зиёда аз он аст, аз ҷумла корпусҳои ҷудошаванда;

й) воситаҳои нақлиёти роҳ, аз ҷумла ядакҳо ва нимядакҳо;

с) вагонҳои мусофиркаш ё боркаши роҳи оҳан:

d) лихтерҳо, баржаҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти обӣ; ва

е) киштиҳои ҳавоӣ.

Принсип

1. Стандарт

Транзити гумрукӣ бо муқаррароти ҳамин Боб ва то ҳадди қобили татбиқбудан бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Доираи истифода

2. Стандарт

Хадамоти гумрук интиқоли молро таҳти транзити гумрукӣ дар қаламрави худ иҷозат медиҳад:

а) аз мақоми расидан то мақоми баромадан;

й) аз мақоми расидан то мақоми гумруки дохилӣ;

с) аз мақоми гумруки дохилӣ то мақоми баромадан; ва

d) аз як мақоми гумрукии дохилӣ то мақоми дигари гумрукии дохилӣ.

3. Стандарт

Аз молҳое, ки таҳти транзити гумрукӣ интиқол дода мешаванд, зимни риояи шартҳои аз тарафи хадамоти гумрук муқарраргардида ва бо пешниҳоди ҳама гуна кафолатҳои талабшаванда набояд боҷ ва андозҳо ситонида шаванд.

4. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шахсоне муайян карда мешаванд, ки мувофиқи шартҳои аз тарафи хадамоти гумрук муқарраршуда дар назди хадамоти гумрук барои риояи ӯҳдадориҳое, ки аз транзити гумрукӣ бармеоянд, аз ҷумла барои таъмини ба мақомот дар ҳолати бетағйир расонидани мол масъул мебошанд.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамотм гумрук бояд шахсонро ба сифати боирсолкунандагони ваколатдор ва борқабулкунандагони ваколатдор тасдиқ намояд, агар мутмаин шуда бошад, ки шартҳои зарурии аз тарафи хадамоти гумрук муқарраргардида риоя шудаанд.

Расмиёт дар мақоми равоншавӣ

а) Декларатсияи мол барои транзнти гумрукӣ

6. Стандарт

Ҳама гуна ҳуҷҷати тиҷоратӣ ё нақлиётӣ, ки дар он маълумоти зарурӣ муфассал дарҷ гардидааст, ба сифати қисми баёнияи декларатсияи мол барои транзити гумрукӣ қабул гардида, дар чунин ҳуҷҷат қайд карда мешавад.

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд ба сифати декларатсияи мол барои транзити гумрукӣ ҳама гуна ҳуҷҷати тиҷоратӣ ё нақлиётии миқдори мувофиқи молро, ки ҷавобгӯи талаботи хадамоти гумрук мебошад, қабул намояд. Ин қабулкун, бояд дар чунин ҳуҷҷат қайд карда шавад.

й) Тамғагузорӣ ва ҳаммомандсозии миқдори мол

8. Стандарт

Хадамоти гумрукии мақомоти равонкунӣ барои он, ки мақоми таъинот молро ҳаммонанд кунад ва ҳама гуна дахолати беиҷозатро ошкор намуда тавонад, тамоми чораҳои заруриро меандешад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Агар ин бо муқаррароти конвенсияҳои дигари байналмилалӣ пешбинӣ нагардида бошад, хадамоти гумрук одатан набояд иҷозати пешакӣ истифодабарии воситаҳои нақлиётро барои интиқоли мол таҳти тамғаи гумрукӣ талаб кунад.

10. Стандарт

Вақте ки миқдори мол дар воҳиди нақлиёт интиқол ёфта, тамғазании миқдори мол аз тарафи хадамоти гумрук зарур мешавад, тамғаҳо ба худи воҳиди нақлиёт гузошта мешаванд, ба шарте ки воҳиди нақлиёт тавре сохта ва ҷиҳозонида шуда бошад, ки:

а) тамғаҳои гумрукиро бо усули оддӣ ва боэътимод гузоштан мумкин бошад:

й) ҳеҷ гуна мол наметавонад бе осори намоёни сохтакорӣ ва бе вайрон кардани тамғаи гумрукӣ аз қисми тамғазадашудаи воҳиди нақлиёт берун ё ба он дохил карда шавад;

с) ҷойҳои махфие, ки дар он молро пинҳон кардан мумкин бошад, вуҷуд надоранд: ва

d) ҳамам ҷойҳое, ки дар онҳо метавонад мол ҷойгир шавад, барои санҷиши гумрукӣ ба осонӣ дастрас мебошанд.

Ба талаботи бехатарӣ барои мақсадҳои транзити гумрукӣ мутобиқ будан ё набудани воҳидҳои нақлиётро хадамоти гумрукӣ ҳал мекунад.

11.Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки агар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда барои бевосита ҳаммонанд кардани мол имконият диҳанд, ин мол чун қоида бояд бе тамға ё асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ интиқол дода шавад. Бо вуҷуди нн тамға ё асбоби маҳкамкунандаи гумрукӣ метавонад аст талаб карда шавад:

- дар ҳолатҳое, ки мақомоти гумруки маҳали равонкунӣ ин ҳолатҳоро вобаста бо идоракунии таваккалӣ зарур меҳисобад;

- дар ҳолатҳое, ки он ба осон шудани амалиёти транзити гумрукӣ умуман мусоидат мекунад; ё

- дар ҳолатҳое, ки он дар созишномаи байналмилалӣ пешбинӣ гардидааст.

12. Стандарт

Агар бор аз рӯи қоида таҳти тамғаи гумрукӣ кашонида шавад, вале воҳиди нақлиётро ба таври боэътимод тамға гузоштан номумкин бошад, пас барои таъмини ҳаммонандсозӣ ва зуд ошкор намудани дахолати беиҷозат усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- санҷиши пурраи мол бо инъикоси натиҷаҳои он дар ҳуҷҷати транзитӣ;

- гузоштани тамғаҳои гумрукӣ ё асбобҳои маҳкамкунанда дар бастабандии инфиродӣ;

- инъикоси дақиқи мол бо истинод ба намунаҳо, нақшаҳо, расмҳо, суратҳо ё воситаҳои ба ҳамин монанд, ки бояд ба ҳуҷҷати транзитӣ замима карда шаванд:

- муқаррар намудани хатсайри аниқ ва мӯҳлатҳои муайян: ё

- мушоияти гумрукӣ.

Бо вуҷуди ин қарор дар хусуси худдорӣ намудан аз тамғагузории воҳиди нақлиёт ҳуқуқи истисноии хадамоти гумрук мебошад.

13. Стандарт

Вақте ки хадамоти гумрук мӯҳлати транзити гумрукиро муқаррар мекунад, ин мӯҳлат бояд барои мақсадҳои амалиёти транзитӣ кофӣ бошад.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳое, ки аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътироф шудаанд, хадамот бояд ҳама гуна мӯҳлати дар ибтидо муқарраршударо тамдид намояд.

15. Стандарт

Танҳо дар ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук чунин чораро зарур мешуморад, он:

а) талаб менамояд, ки мол бо хатсайри муқарраршуда равон шавад: ё

й) талаб менамояд, ки мол таҳти мушоияти гумрукӣ интиқол дода шавад.

Тамғаҳои гумрукӣ

16. Стандарт

Тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ, ки ҳангоми татбиқи транзити гумрукӣ истифода бурда шудаанд, бояд ба талаботи ҳадди ақале, ки дар Замимаи ҳамин Боб муқаррар шудаанд, ҷавобгӯ бошанд.

17. Стандарт

Тамғаҳои гумрукӣ ва асбобҳои маҳкамкунандае, ки аз тарафи хадамоти гумрукии хориҷӣ гузошта мешаванд, бояд барои мақсадҳои амалиёти транзити гумрукӣ эътироф карда шаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки:

- онҳо нокифоя шуморида мешаванд:

- онҳо боэътимод нестанд; ё

- хадамоти гумрук санҷиши молро мегузаронад.

Агар тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи хадамоти гумрукии хориҷӣ дар қаламрави гумрукӣ эътироф шуда бошад, бояд ба онҳо дар ин қаламрав ҳамон ҳифзи ҳуқуқие дода шавад, ки ба тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи миллӣ дода мешаванд.

18. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте ки мақомоти гумрукии дахлдор тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ ё молро тафтиш мекунанд, онҳо бояд натиҷаҳоро дар ҳуҷҷати транзитӣ сабт намоянд. Расмиёт ва роҳҳои ҳаракат

19. Стандарт

Тағйир додани мақоми гумрукӣ таъйинот бе огоҳиномаи пешакӣ ба истиснои ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук зарурати огоҳиномаи пешакиро муқаррар кардааст, иҷозат дода мешавад.

Азнавборкунии мол аз як воситаи нақлиётӣ ба воситаи нақлиётии дигар бе иҷозати хадамоти гумрук ба шарте рухсат дода мешавад, ки ҳеҷ гуна тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ шикаста ё вайрон карда нашуда бошанд.

21. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд ба интиқоли мол таҳти транзити гумрукӣ дар воҳиди нақлиётие, ки ҳамзамон моли дигарро мекашонад ба шарти боварӣ доштан иҷозат диҳад, ки моли таҳти транзити гумрукӣ қарордоштаро ҳаммонанд кардан мумкин аст ва талаботи дигари гумрукӣ риоя хоҳанд шуд.

22. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд талаб кунад, ки шахси манфиатдор дар бораи ҳодисаи нохуш ё дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки бевосита ба амалиёти транзити гумрукӣ таъсир мерасонанд, ба мақоми гумрукии наздиктарин ё дигар мақомоти салоҳиятдор фавран хабар диҳад.

Анҷоми транзити гумрукӣ

23. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ оид ба анҷоми амалиёти транзити гумрукӣ ғайр аз ба мақоми таъинот дар ҳама гуна мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод намудани декларатсияи дахлдори мол ва моле, ки хеҷ гуна тағйирот напазируфтааст, истифода нашудааст ва тамғаҳо, асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ ё аломатҳои ҳаммонандсозии онҳо вайрон карда нашудаанд, хеҷ гуна талаботи дигар пешбинӣ карда намешавад.

24. Стандарт

Баробари он ки мол таҳти назорати мақоми таъинот ҷойгир карда мешавад, он баъди боварӣ ҳосил кардан, ки тамоми шартҳо риоя шудааст, бетаъхир амалиёти транзитӣ гумрукиро анҷом медиҳад.

25. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Риоя накардани нақшаи муқарраршудаи сафар ё вайронкунии мӯҳлатҳои муқарраршудаи, барои ситонидани ягон намуди боҷ аз андозҳои  ба риоя шудани ҳамаи талаботи дигар боварӣ ҳосил карда бошад.

Созишномаҳои байналмилалӣ, ки ба транзити гумрукӣ тааллуқ доранд

26. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тарафҳои Аҳдкунанда бояд имконияти ҳамроҳшавиро ба ҳуҷҷатҳои байналмилалие, ки ба транзити гумрукӣ таалуқ доранд, муфассал баррасӣ намоянд. Дар ҳолати имконнопазир будани ҳамроҳшавӣ ба чунин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ҳангоми таҳияи созишномаҳои дутарафа ва бисёртарафа бо мақсади таҳияи транзити гумрукии байналмиллалӣ онҳо бояд Стандартҳо ва Амалияҳои тавсияшудаи ҳамин Бобро ба роҳбарӣ гиранд.

ЗАМИМА

Талаботи ҳадди ақал ба тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ

А. Тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ бояд ба талаботи ҳадди ақали зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Талаботи умумӣ ба тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ. Тамғаҳо ва асбобҳои маҳкамкунандаи гумрукӣ бояд:

а) мустаҳкам ва ба фарсудашавӣ тобовар бошанд;

й) осонӣ ва зуд насбшаванда бошанд;

c) ба осонӣ санҷидан ва ҳаммонанд кардани онҳо мумкин бошад:

d) бе асари ҷудо кардан ё вайрон кардани онҳо имконнопазир бошад:

e) такроран истифодашаванда набошанд, ба истиснон тамғаҳое, ки барои истифодаи бисёркарата таъин гардидаанд (масалан, тамғаҳои электронӣ);

f) конструксияе дошта бошанд, ки нусхабардорӣ ва ё қалбакӣ сохтанро ба таври ниҳоӣ душвортар гардонад.

2. Хусусиятҳои физикии тамғаҳо:

а) шаклу андозаҳои тамға бояд намоён будани ҳама гуна аломатҳои ҳаммонандсозиро таъмин намоянд;

й) ҳар як сӯрохӣ дар тамға бояд андозае дошта бошад, ки ба андозаи асбоби маҳкамкунандаи истифодашаванда буда, мувофиқ бояд тарзе ҷойгир шуда бошад, ки мустаҳкамии боэътимоди асбоби маҳкамкунандаро баъди бастани тамға таъмин намояд:

с) маводи истифодашаванда бояд ба кадре мустаҳкам бошад, ки имконияти тасодуфан вайрон шудани тамға, фарсудашавии бармаҳал (бо таъсири шароити обу ҳаво, моддаҳои кимиёӣ ва ғ.) ё сохтакории ноаёнро истисно гардонад;

d) маводи истифодашаванда бояд мувофиқи системаи тамғазанӣ интихоб карда шавад.

3. Хусусиятҳои физикии асбобҳои маҳкамкунанда:

а) асбоби маҳкамкунанда бояд мустаҳкам, ба фарсудашавӣ тобовар ва ба таъсири шароити обу хаво ва зангзанӣ тобовар бошад;

й) дарозии асбоби маҳкамкунандаи истифодашаванда бояд имконнопазирии пурра ё қисман кушодашавии ҷои тамғазадашударо бе вайронкунии худи тамға ё асбоби маҳкамкунанда ё мондани дигар асари вайронкуниро таъмин намояд:

с) маводи истифодашаванда бояд мувофиқи системаи тамғазанӣ интихоб карда шавад.

4. Аломатҳои ҳаммонандсозӣ

Тамға ё асбоби маҳкамкунанда бояд нишонгузорӣ карда шуда бошад, барои он, ки:

а) бо гузоштани калимаи «гумрук» бо яке аз забонҳои расмии Шӯро (англисӣ ё франсавӣ) нишон диҳад, ки он тамғаи гумрукӣ мебошад;

й) кишвареро нишон диҳад, ки тамға дар он ҷо ба шакли аломате, ки дар воситаҳои нақлиёти автомобилӣ барои ишора кардани кишвари бақайдгирӣ ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ истифода бурда мешавад. гузошта шудааст;

с) имконияти ҳаммонандсозии мақоми гумрукиеро таъмин созад, ки ин тамғаро гузоштааст, ё таҳти доираи хуқуқии он ин тамға гузошта шудааст, масалан бо ёрии ҳарф ё рақамҳои рамзӣ;

В) Тамғаҳо ё асбобҳои маҳкамкунандае, ки аз тарафи борирсолкунандагони ваколатдор ва дигар шахсони ваколатдор бо мақсадҳои транзити гумрукӣ барои таъмини бехатарӣ ва мақсадҳои гумрукӣ гузошта шудаанд, бояд муҳофизати воқеиро бо тамғаҳои аз тарафи хадамоти гумрук гузошташуда таъмин намоянд ва имконияти ҳаммонандсозии шахси бо ёрии рақамҳои дар ҳуҷҷати транзитӣ зикршуда фароҳам оварад.

## БОБИ 2. АЗНАВБОРКУНӢ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «азнавборкунӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки мутобиқи он мол таҳти назорати гумрукӣ аз воситаи нақлиёти барои воридот истифода бурдашаванда ба воситаи нақлиёти барои содирот истифода бурдашаванда дар ҳудуди қаламрави ҳамон як мақоми гумрукие, ки ҳамзамон мақоми гумрукӣ воридот ва содирот мебошад, интиқол дода мешавад.

Припсипҳо

1. Стандарт

Азнавборкунӣ бо муқаррароти Боби мазкур ва то андозае, ки онро татбиқ кардан мумкин бошад, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

2. Стандарт

Моле, ки ба он иҷозати азнавборкунӣ дода мешавад, ҳангоми риоя намудани шартҳои аз тарафи хадамоти гумруки дахлдор муайяншуда боҷ ва андозбандӣ карда намешавад.

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Азнавборкунӣ набояд танҳо дар асоси талаби кишвари истеҳсолкардаи мол, кишваре, ки мол аз он ҷо оварда шудааст ё талаби кишвари таъинот рад карда шавад.

Иҷозати азнавборкунӣ

а) Декларатсия

4. Стандарт

Барои мақсадҳои азнавборкунӣ танҳо як декларатсия барои мол талаб карда мешавад.

5. Стандарт

Ҳама гуна ҳуҷҷати тиҷоратӣ ё нақлиётие, ки дар он маълумоти зарурӣ муфассал зикр шудаанд, ба сифати қисми баёнии декларатсияи мол барои азнавборкунӣ қабул гардида, дар ҳуҷҷат қайд карда мешавад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд ба сифати декларатсияи мол барои азнавборкунӣ ҳама гуна ҳуҷҷати тиҷоратӣ ё нақлиётии миқдори дахлдори молро, ки ба тамоми талаботи хадамоти гумрук ҷавобгӯй мебошад, қабул намояд. Ин қабулкунӣ дар ҳуҷҷат қайд карда мешавад.

ӣ) Санҷиш ва ҳаммонандсозии мол

7. Стандарт

Агар хадамоти гумрук зарур шуморад, он ҳангомн воридот барои таъмини ҳаммонандсозии моли азнавборкардашуда ҳангоми содирот ва барои таъмини зуд ошкор намудани дахолати беиҷозат чораҳо меандешад.

с) Чораҳои иловагии назорат

8. Стандарт

Вақте ки хадамоти гумрук мӯҳлати содироти молӣ барои азнавборкунӣ декларатсия кардашударо муқаррар мекунад, ин мӯҳлат бояд барои анҷом додани азнавборкунӣ кофӣ бошад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳое, ки онҳоро хадамоти гумрук асоснок эътироф мекунад ӯ метавонад ҳама гуна мӯҳлати ибтидоии муқарраршударо таъмин намояд.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Риоя накардани мӯҳлати муқарраршуда набояд боиси рӯёнидани ягон хел боҷ ва андозҳои эҳтимолан ситонидашаванда гардад, ба шарте ки хадамоти гумрук ба риоя гардидани тамоми талаботи дигар боварӣ ҳосил карда бошад.

d) Амалиёти иҷозатдодашуда

11. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор ва дар сурати риоя гардидани шартҳое, ки аз тарафи хадамоти гумрук муқаррар карда шудаанд, хадамоти гумрук ба қадри имкон бояд барои анҷом додани амалиёт бо моли аз нав боршаванда, ки ба осон намудани содироти он мусоидат мекунад, иҷозат диҳад.

## БОБИ 3. ҲАМЛУ НАҚЛИ КАБОТАЖИИ МОЛ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки таҳти он:

а) мол дар муомилоти озод қарор дорад: ва

ӣ) моли воридотии ҳанӯз декларатсия нашуда, ба шарте, ки он бояд ба воситаи дигари нақлиёти обӣ ннтиқол дода шавад, на ба воситаи нақлиёти обие, ки ҳангоми воридот истифода бурда шуда дар он мол ба қаламрави гумрукӣ расидааст, балки ба воситаи

наклиёти обӣ дар як маҳалли қаламрави гумрукӣ бор карда мешавад ва ба маҳалли дигари воқеъ дар ҳамон қаламрави гумрукӣ интиқол дода шуда дар он баъдан онҳо фароварда мешавад.

Принсип

1. Стандарт

Расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол бо муқаррароти Боби мазкур ва то андозае, ки онро татбиқ кардан мумкин бошад, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Доираи истифода

2. Стандарт

Хадамоти гумрук барои ҳамлу нақли мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол дар воситаи нақлиёти обие, ки молҳои дигарро мекашонад, иҷозат медиҳад, ба шарте, ки он мутмаин бошад, ки ин молро ҳаммонанд кардан мумкин аст ба талаботи дигар риоя хоҳанд шуд.

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук танҳо дар он ҳолатҳое, ки онҳоро барои мақсадҳои назорат зарур мешуморад, бояд талаб кунад, ки моли дар муомилоти озод ҷойгирбудае, ки таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол интиқол дода мешавад, аз моли дигаре, ки дар ҳамон воситаи нақлиёти обӣ кашонда мешавад, ҷудо карда шавад.

4. Тавсия оиди истифодаи амалӣ

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва ҳангоми риоя гардидани он шартҳое, ки хадамоти гумрук зарур мешуморад, хадамот бояд барои интиқоли мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол дар воситаи нақлиёти обие, ки дар вақти ҳамлу нақли каботажӣ дар бандари хориҷӣ таваққуф мекунад, иҷозат диҳад.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте ба воситаи нақлиёти обие, ки бояд дар як ё якчанд маҳали берун аз ҳудуди қаламрави гумрукӣ таваққуф кунад, барои интиқоли мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол иҷозат дода шудааст, ба ин молҳо танҳо бо дархости шахси манфиатдор ё дар он ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук тамғагузориро барои таъмини имконнопазирии берун кардани мол аз дохили воситаи нақлиёти обӣ ё барои номумкинии ба дохили нақлиёт ҷойгир кардани моли иловагӣ дигар, бидуни зуд ошкор карда шудани он зарур мешуморад, бояд тамға гузошта шавад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте воситаи нақлиёти обие, ки молро таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол интиқол медиҳад, маҷбур мешавад, ки аз хатсайри пешбинишуда баромада, дар маҳалли берун аз ҳудуди қаламрави гумрукӣ таваққуф кунад, хадамоти гумрук бояд ин молро ҳамчун моле арзёбӣ намояд, ки таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол боқӣ мондааст, ба парте ки он мутмаин бошад, ки ин маҳз ҳамон молест, ки аз аввал таҳти расмиёт ҷойгир карда шуда буд. Боркунӣ ва борфарорӣ

7. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ маҳалҳое, ки дар онҳо боркунӣ ва борфарории моли таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол ҷойгиршуда иҷозат дода мешавад, инчунин мӯҳлате, ки дар давоми он анҷом додани боркунӣ ва борфарорӣ мумкин аст, муайян карда мешавад.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор хадамоти гумрук бояд ба боркунӣ ё борфарории мол дар ҳама гуна маҳал ва дар ҳама гуна вақт дар ҳолате иҷозат диҳад, ки агар воситаи нақлиёти обӣ танҳо моли дар муомилоти озод қарордоштаро таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол интиқол дода истода бошад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор хадамоти гумрук бояд ба боркунӣ ё борфарории мол дар маҳали дигар иҷозат диҳад, ғайри он маҳале, ки одатан барои ин мақсад иҷозат дода шудааст, ҳатто агар воситаи нақлиёти обӣ ҳамзамон молҳои воридшавандаи ҳанӯз декларатсия нашуда ё моли таҳти ҳама гуна расмиёти гумрукӣ ҷойгир кардашударо

кашонида истода бошад. Ҳама гуна хироҷҳои дар ин ҳолат ситонидашаванда бо арзиши тахминии хизматҳои расонидашуда маҳдуд мегарданд.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте воситаи нақлиёти обие, ки молро таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол интиқол дорад дар давоми сафар бо хатсайри худ аз роҳ мебарояд, хадамоти гумрук бояд тибқи дархости шахси манфиатдор ба фаровардани чунин мол дар маҳали дигар, ғайри он маҳалле, ки аввалан ба нақша гирифта шуда буд, иҷозат диҳад. Ҳама гуна хироҷҳои дар ин ҳолат снтонидашаванда бо арзиши тахминии хизматҳои расонидашуда маҳдуд мегарданд.

11. Стандарт

Вақте ки интиқоли мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) қать мегардад, хадамоти гумрук аз капитан ё дигар шахси манфиатдор талаб менамояд, ки чораҳои оқилонаи эҳтиётиро амалӣ созанд, то ки ба муомилоти беиҷозат баромадани мол пешгирӣ карда шавад ва хадамоти гумрук ё дигар мақомоти салоҳиятдорро оид ба хусусияти ҳодисаи нохуш ё ҳолатҳои дигаре, ки боиси қатъ шудани хатсайр гардидаанд, огоҳ намоянд.

Ҳуҷҷатҳо

12. Стандарт

Вақте воситаи нақлиёти обие, ки молро таҳти расмиёти ҳамлу нақли коботажии мол интиқол дода, ҳамзамон моли воридшавандаи ҳанӯз декларатсия нашуда ё моли таҳти ягон расмиёти дигари гумрукӣ гирифтаро мекашонад, хадамоти гумрук ба боркунӣ ё борфарории мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол дар мӯҳлати кӯтоҳтарин, пас аз расидани ин воситаи нақлиёти обӣ ба маҳали боркунӣ ё борфарорӣ иҷозат медиҳад.

13. Стандарт

Хадамоти гумрук аз капитан ё дигар шахси манфиатдор танҳо пешниҳод кардани ҳуҷҷати ягонаеро талаб менамояд, ки дар он маълумот оид ба воситаи нақлиёти обӣ, рӯйхати молҳое, ки бояд таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол кашонда шаванд ва номи бандар ё бандарҳои дар қаламрави гумрукӣ воқеъбударо, ки дар онҳо ин молҳо бояд фароварда шаванд, дарҷ шудаанд. Ҳуҷҷати мазкур, ки аз тарафи хадамоти гумрук қабул шудааст, иҷозатномаи интиқоли мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол ба ҳисоб меравад.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд барои интиқоли мол таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол бо воситаи нақлиёти обие, ки хатсайрҳои мунтазами тиҷоратиро дар байни бандарҳои муайян анҷом медиҳад, иҷозатномаи асосӣ диҳад.

15. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Баъди додани иҷозатномаи асосӣ ба воситаи нақлиёти обӣ хадамоти гумрук бояд қабл аз боркунии мол пешниҳод кардани танҳо руйхати молеро, ки таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол интиқол дода мешавад, талаб намояд.

16. Тавсия оид ба табиқи амалӣ

Моле, ки аз воситаи нақлиёти обӣ фароварда мешавад ва нисбат ба он иҷозатномаи махсус амал мекунад, хадамоти гумрук бояд аз капитан ё дигар шахси мансабдор пешниҳод намудани фақат нусхаи иҷозатномаи мазкурро, ки рӯйхати молҳои дар бандари зикршуда фаровардашавандаро дар бар мегирад, талаб намояд. Дар ҳолате, ки агар ба воситаи нақлиёти обӣ иҷозатномаи асосӣ дода шуда бошад, танҳо руйхати молҳои фаровардашванда талаб карда мешавад. Кафолатҳо

17. Стандарт

Танҳо дар он ҳолате, ки хадамоти гумрук онро зарур мешуморад, пешниҳоди кафолат нисбат ба моли дар муомилоти озод қарордошта, ки таҳти расмиёти ҳамлу нақли каботажии мол интиқол мегардад, талаб карда мешавад, ки аз он бояд боҷ ва андозҳои содиротӣ ситонида шаванд ё он мавриди маҳдудияту мамнӯъиятҳои содиротӣ қарор гирад.

ЗАМИМАИ МАХСУСИ F КОРКАРД

БОБИ 1 Коркард дар қаламрави гумрукӣ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F3. «маҳсулоти ҷубронӣ» маънои маҳсулотеро дорад, ки дар натиҷаи сохтан, коркард ё таъмири моле, ки нисбат ба он истифодабарии расмиёти коркард дар қаламрави гумрукӣ рухсат дода шудааст, ба даст оварда шудаанд.

E2./F1. «моли эквивалентӣ» маънои моли ватанӣ ё воридшудаеро дорад, ки аз рӯи тавсиф, сифат ё хусусиятҳои техникӣ ба моли барои коркард дар қаламрави гумрукӣ воридшудае, ки онро иваз мекунад, ҳаммонанд мебошад:

E3./F2. «коркард дар қаламрави гумрукӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки таҳти он моли муайян метавонад ба қаламрави гумрукӣ бо озодкунии шартӣ аз пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ дар асоси он оварда шавад, ки чунин мол барои истеҳсол, коркард ё таъмир ва минбаъд содир намудан таъин гардидааст.

Принсип

1. Стандарт

Коркард дар қаламрави гумрукӣ бо муқаррароти ҳамин Боб ва то ҳадди қобили татбиқ будан бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Доираи истифода

2. Стандарт

Моли барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозат додашуда бояд шартан пурра аз пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ озод карда шавад. Аммо боҷ ва андозҳои воридотӣ метавонад аз ҳама гуна маҳсулот, аз ҷумла партовҳое, ки ҳангоми коркард ё истеҳсоли моли барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозат додашуда ҳосил гардидаанд ва содир карда нашудаанд ё то ҳолати талаф ёфтани арзиши тиҷоратӣ коркард нагардидаанд, ситонида шаванд.

3. Стандарт

Коркард дар қаламрави гумрукӣ бо молҳои бевосита аз хориҷа воридшуда маҳдуд нагардида, бояд барои моле, ки аллакай таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир карда шудааст, иҷозат дода шавад.

4. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Коркард дар қаламрави гумрукӣ набояд танҳо дар асоси талаби кишвари истеҳсолкардаи мол, кишваре, ки мол аз он оварда шудааст ё талаби кишвари таъинот рад карда шавад.

5. Стандарт

Доираи шахсоне, ки дорои ҳуқуқи воридот намудани мол барои коркард дар қаламрави гумрукӣ мебошанд, танҳо бо соҳибмулки моли воридшаванда маҳдуд намешавад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ҳангоми иҷрои шартномаи басташуда бо шахси дар хориҷа таъсисгарднда моле, ки истифода мешавад, бояд аз тарафи ин шахс таҳвил гардад ва коркард дар қаламравм гумрукӣ набояд дар асоси он рад карда шавад, ки мол аз рӯи тавсиф, сифат ва хусусиятҳои техникӣ ҳаммонанд буда, дар қаламрави гумрукии воридот мавҷуд аст.

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Имконияти мукаррар намудани мавҷудияти моли воридшаванда дар маҳсулоти ҷубронӣ набояд ҳамчун шарти зарурии коркард дар каламрави гумрукй баррасӣ карда шавад, агар:

а) ҳаммонандсозии молро ба таври зайл анҷом додан мумкин бошад:

- тавассути пешниҳоди маълумот дар бораи маҳсулоти харҷшуда ва рафти истеҳсоли маҳсулоти ҷубронӣ, ё

- тавассути назорати гумрукӣ дар вақти анҷом додани амалиёт оид ба коркард; ё

й) расмиёт бо содироти маҳсулот анҷом ёбад, ки дар натиҷаи коркарди моли аз рӯи тавсиф, сифат ва хусусиятҳои техникӣ ба моли барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозатдодашуда, ҳаммонанд мебошад.

Барои коркард ҷойгир намуданн мол дар қаламрави гумрукӣ

а) Рухсатнома барои коркард дар қаламрави гумрукӣ

8. Стандарт

Қонунгузории миллӣ ҳолатҳоеро муайян мекунад, ки зимни онҳо барои коркард дар қаламрави гумрукӣ рухсатномаи пешакӣ ва мақомоти салоҳиятдор барои додани чунин рухсатнома талаб карда мешаванд.

9. Стандарт

Дар рухсатнома барои коркард дар қаламрави гумрукӣ тарзи анҷом додани амалиёте, ки ҳангоми коркард дар қаламрави гумрукӣ рухсат дода шуда аст, зикр карда мешавад.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте ки ариза барои коркард дар қаламрави гумрукӣ баъди воридоти мол пешниҳод гардида, ба критерияҳои рухсатнома мувофиқ бошад, рухсатнома бояд бо санаи гузашта дода шавад.

11. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахсоне, ки амалиёти мунтазамро оид ба коркард дар қаламрави гумрукӣ анҷом медиҳанд, бояд рухсатномаи асосӣ дода шавад, ки расмиёти он ба чунин амалиёт тавсеа мегардад.

12. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки моли барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозат додашуда мавриди истеҳсол ё коркард қарор мегирад, мақомоти салоҳиятдор меъёри баромади маҳсулотро дар натиҷаи чунин амалиёт бояд муқаррар ё мувофиқа кунанд. Тавсиф, сифат ва миқдори маҳсулоти гуногуни ҷубронӣ баъди муқарраркунӣ ё мувофиқсозии меъёри ҳосили мазкур муайян карда мешавад.

13. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки амалиёт доир ба коркард дар қаламрави гумрукӣ:

- ба моле мансубанд, ки хусусиятҳои он дарамал доимӣ мемонанд;
- одатан мувофиқи шароити техникии дақиқ муқарраршуда анҷом дода мешаванд; ва
- боиси ҳосил шудани маҳсули ҷубронии дорои сифати бетағйир мегарданд;

мақомоти салоҳиятдор бояд меъёрҳои стандартии баромади маҳсулотро барои чунин амалиёт муқаррар намоянд.

й) Тадбирҳо оид ба ҳаммонандсозӣ

14. Стандарт

Талаботро оид ба ҳаммонандсозии мол барои коркард дар қаламрави гумрукӣ хадамоти гумрук муқаррар мекунад. Ҳангоми муқаррар кардани онҳо ба таври муносиб хусусияти мол, хусусияти амалиёти гузаронидашаванда, инчунин аҳамияти манфиатҳои дахлдор ба назар гирифта мешаванд.

Ҷойгиршавии мол дар қаламрави гумрукӣ

15. Стандарт

Хадамоти гумрук мӯҳлати коркардро дар қаламрави гумрукӣ дар ҳар як ҳолат муқаррар менамояд.

16. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳое, ки онҳоро хадамоти гумрук асоснок эътироф кардааст, хадамот бояд мӯҳлати ибтидоии муқарраршударо тамдид намояд.

17. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шаванд, ки имконияти идоман коркардро дар қаламрави гумрукӣ ҳангоми додани ҳуқуқи моликият ба моли воридшаванда ва маҳсулоти ҷуброниро ба шахси сеюм муайян кунанд, ба шарте, ки ин шахс ба худ ӯҳдадориҳои шахсеро гирад, ки ба ӯ ин рухсатнома дода шудааст.

18. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Мақомоти салоҳиятдор бояд ба анҷомдиҳии амалиёт доир ба коркард ба шахси дигар, ғайри шахсе, ки ба ӯ барои коркард дар қаламрави гумрукӣ имкониятҳо дода шудаанд, рухсат диҳанд. Додани ҳуқуқи моликият ба моли барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозат додашуда набояд ҳатмӣ бошад, ба шарте ки шахсе, ки ба ӯ барои коркард дар

қаламрави гумрукӣ имкониятҳо дода шудаанд, дар назди хадамоти гумрук барои риояи шартҳои дар рухсатнома муқарраршуда дар давоми тамоми мӯҳлати анҷомдиҳии амалиёт ҳамчун шахси масъул боқӣ монад.

19. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шаванд, ки барои содироти маҳсулоти ҷубронӣ тавассути мақоми дигари гумрук, ғайри мақоме, ки моли тахти расмиёти коркард дар қаламрави гумрукӣ ҷойгиршуда тавассути он ворид шуда буд, имкон диҳад.

Анҷоми коркард дар қаламрави гумрукӣ

а) Содирот

20. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки барои анҷоми расмиёти коркард дар қаламрави гумрукӣ бо роҳи содироти маҳсулот ҷубронӣ бо як ё якчанд миқдори мол имкон диҳад.

21.Стандарт

Тибқи дархости шахси манфиатдор мақомоти салоҳиятдор барои содироти такрории мол дар ҳолате, ки онҳо бо қатъи коркард дар қаламрави гумрукӣ ворид шуда буданд, рухсат медиҳанд.

й) Тарзҳои дигари барҳамдиҳӣ

22. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки имконияти боздошт ё анҷоми коркардро дар қаламрави гумрукӣ бо роҳи ҷойгиркунии моли воридшуда ё маҳсулот ҷубронӣ таҳти расмиёти дигари гумрукӣ, ҳангоми риоя шудани шартҳо ва расмиёти дар ҳар як ҳолат истифодашаванда муайян мекунад.

23. Тавсия оид ба истифодаи амалӣ

Дар қонунгузории миллӣ бояд пешбинӣ карда шавад, ки маблағи боҷ ва андозҳои воридотӣ, ки дар ҳолати содир нашудани маҳсулот ҷубронӣ истифода бурда мешаванд, набояд аз маблағи боҷ ва андозҳое, ки нисбат ба моли воридшуда барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозат дода шудааст, зиёд бошад.

24. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки имконияти анҷоми коркарди моли бар асари хусусиятҳои табиии он нобудшударо ба андозае, ки дар қаламрави гумрукӣ маҳсулот ҷубронӣ содир карда мешавад, муайян кунад, ба шарте ки воқеъияти чунин нобудшавӣ ба тарзи зарурӣ муқаррар шуда, онро хадамоти гумрук эътироф намуда бошад.

25. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Маҳсулоте, ки дар натиҷаи коркарди моли эквивалентӣ ҳосил карда шудааст, бояд барои мақсадҳои Боби мазкур ҳамчун маҳсули ҷубронӣ баррасӣ гардад (ҷуброн бо моли эквивалентӣ).

26. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки ҷуброн бо моли эквивалентӣ иҷозат дода мешавад, хадамоти гумрук бояд барои содироти маҳсулоти ҷубронӣ то воридоти мол барои коркард дар қаламрави гумрукӣ иҷозат диҳад.

## БОБИ 2. КОРКАРД БЕРУН АЗ ҚАЛАМРАВИ ГУМРУКӢ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F2. «маҳсулоти ҷубронӣ» маънои маҳсулотеро дорад, ки дар хориҷа тавассути истеҳсол, коркард ё таъмири моле, ки нисбат ба он истифодабарии расмиёти коркард берун аз қаламрави гумрукӣ рухсат дода шудааст, ба даст омадааст;

E2./F1 «коркард берун аз қаламрави гумрукӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки таҳти он моли дар қаламрави гумрукӣ дар муомилоти озод ҷойгирбуда метавонад барои

истеҳсол, коркард ё таъмир муваққатан содир карда шуда, минбаъд бо пурра ё қисман озод намудан аз пардохтҳои боҷ ва андозҳои воридотӣ такроран ворид карда шавад.

Принсип

1 Стандарт

Коркард берун аз қаламрави гумрукӣ бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадде, ки қобили татбиқ мебошад, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Доираи истифода

2. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Коркард берун аз қаламрави гумрукӣ набояд танҳо дар он асос рад, карда шавад, ки мол дар кишвари муайян истеҳсол, коркард ё таъмир карда мешавад.

3. Стандарт

Доираи шахсонеро, ки метавонанд содироти муваққатии молро барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ анҷом диҳанд, соҳибмулки мол маҳдуд намекунад.

Ҷойгир намудани мол таҳти коркард берун аз қаламрави гумрукӣ

а) Расмиёт қабл аз содироти муваққатии мол

4. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ номгӯи ҳолатҳое муқаррар карда мешавад, ки зимни онҳо барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ рухсатномаи пешакӣ талаб карда шуда, мақомоте, ки барои додани чунин рухсатнома ваколатдор аст, зикр карда мешаванд. Чунин ҳолатҳо бояд ҳарчӣ камтар бошанд.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ба шахсоне, ки доир ба коркард берун аз қаламрав амалиёти мунтазамро анҷом медиҳанд, тибқи дархости онҳо бояд рухсатномаи асосӣ дода шавад, ки эътибори он ба чунин амалиёт тавсеа мегардад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Мақомоти салоҳиятдор бояд меъёри баромади маҳсулотро барои амалиёти коркард берун аз қаламрави гумрукӣ муқаррар кунанд, агар онҳо инро зарур шуморанд ва агар ин чунин амалиётро осон намояд. Тавсиф, сифат ва миқдори маҳсулоти гуногуни ҷубронӣ пас аз муқаррар ё мувофиқасозии меъёри баромади зикршуда муайян карда мешаванд.

й) Тадбирҳо оид ба ҳаммонандсозӣ

7. Стандарт

Талабот оид ба ҳаммонандсозии мол барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ аз тарафи хадамоти гумрук муқаррар карда мешаванд. Ҳангоми ба таври зарурӣ муқаррар намудани онҳо хусусияти мол, хусусияти амалиёти гузаронидашаванда, инчунин аҳамияти манфиатҳои дахлдор ба назар гирифта мешаванд.

Ҷойгиршавии мол берун аз қаламрави гумрукӣ

8. Стандарт

Хадамоти гумрук мӯҳлати коркарди молро берун аз қаламрави гумрукӣ дар ҳама ҳолатҳо муқаррар мекунад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳое, ки хадамоти гумрук онҳоро асоснок эътироф мекунад, ӯ бояд мӯҳлати ибтидоии муқарраршударо тамдид намояд.

Воридоти маҳсулоти ҷубронӣ

10. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ шавад, ки барои воридоти маҳсулоти ҷубронӣ тавассути мақоми дигари гумрук, гайри мақоме, ки тавассути он мол барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ муваққатан содир карда шуда буд, имкон диҳад.

11. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки барои ворид намудани маҳсулот ҷубронӣ бо як ё якчанд миқдор имкон диҳад.

12. Стандарт

Бояд дархости шахси манфиатдор мақомоти салоҳиятдор барои такроран ворид намудани моли барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ муваққатан содиршуда, бо озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ, рухсат медиҳанд, агар онҳо дар ҳамон ҳолат баргардонида шаванд.

Ин озодкунӣ нисбат ба боҷ ва андозҳои воридотӣ, ки оид ба онҳо баргардонидан ё озодкунӣ вобаста ба содироти муваққатӣ барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ татбиқ шуда буд, истифода бурда намешавад.

13. Стандарт

Агар қонунгузорни миллӣ такроран ворид намудани моли барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ муваққатан содиршударо талаб накунад, пас бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки имконияти анҷоми коркарди молро берун аз қаламрави гумрукӣ ба воситаи декларатсия кардани мол барои содироти пурра ҳангоми риоя шудани шартҳо ва расмиёти дар чунин ҳолат истифодашаванда муайян менамояд.

Боҷ ва андозҳое, ки барои маҳсулоти ҷубронӣ истифода мешаванд

14. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ андозаи ниҳоӣ озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ, инчунин усулҳои ҳисобкунии он дар ҳолатҳое муайян карда мешавад, ки маҳсулот ҷубронӣ барои истеъмоли дохилӣ қабул гарданд.

15. Стандарт

Озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ, ки нисбат ба маҳсулоти ҷубронӣ пешбинӣ гардидаанд, ба боҷ ва андозҳое, ки аз рӯи онҳо амалиёти баргардонидан ё озодкунӣ вобаста ба содироти муваққатии мол барои коркарди берун аз қаламрави гумрукӣ анҷом дода шуда буд, истифода намешаванд.

16. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба молҳое, ки барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ муваққатан содир шудаанд ва ба таври ройгон дар хориҷа таъмир гардидаанд, бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки имконияти такроран ворид кардани онҳоро бо озодкунии пурра аз боҷ ва андозҳои воридотӣ мувофиқи шартҳои дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида муайян намояд.

17. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Озодкунӣ аз боҷ ва андозҳои воридотӣ бояд пешниҳод карда шавад, агар маҳсулоти ҷубронӣ тахти расмиёти гумрукӣ то декларатсия кардани онҳо барои истеъмоли дохилӣ ҷойгир карда шуда бошад.

18. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Озодкунӣ аз боҷҳои воридотӣ ва андозҳо бояд пешнҳод карда шавад, агар ҳуқуқи моликият ба маҳсулот ҷубронӣ то қабули он барои истеъмоли дохилӣ дода шавад.

## БОБИ 3. БАРГАРДОНИДАН

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

Е1./F2. «баргардонидан» маънои маблағи боҷ ва андозҳои воридотиеро дорад, ки тахти расмиёти баргардонидан дода мешавад;

Ӯ2/F3 «расмиёти баргардонидан» маънои расмиёти гумрукиро дорад, ки ҳамагон содирот (пурра ё қисман) баргардонидани боҷ ва андозҳои воридотиро аз мол ё маводи дар таркиби он буда ё ҳангоми истеёсоли он истифодагардида рӯёнда шудаанд, пешбинӣ менамояд:

Ӯ3/F1 «моли баробарарзиш» маънои моли ватанӣ ё воридотиеродорад, ки аз рӯи тавсиф, сифат ва хусусиятҳои техникӣ ба моле, ки тахти расмиёти баргаронидан ҷойгир шуда, онро иваз мекунад, ҳаммонанд мебошад.

Принсип

1. Стандарт

Расмиёти баргардонидан бо муқаррароти Бобби мазку рва ба ҳадде, ки татбиқ мебошад, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Доираи истифода

2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ ҳолатҳое номбар карда мешаванд, ки зимни онҳо метавонанд расмиёти баргардонидан арз карда шавад.

3. Тавсияи оид ба татбиқи амалӣ

Қонунгузории миллӣ бояд муқарротеро дар бар гирад, ки он имконияти истифодаи расмиёти баргардониданро дар ҳолатҳое пешбинӣ намояд, ки боҷ ва андозҳои барои он пардохта шуда бо моли баробарарзише, ки ҳангоми истеҳсоли моли содиршуда истифода шудааст, иваз карда шавад.

Шартҳое, ки бояд иҷро шавад

4. Стандарт

Ҳадамоти гумрук пардохти баргардониданро танҳо дар асоси он, ки воридкунанда дар лаҳзаи воридоти мол барои истеҳсоли дохилӣ дар бораи мақсади худ оид ба талаб намудани баргардонидан мол аз содирот арз накардааст, бознамедорад. Агар арз ҳангоми воридот карда шавад.

Давомнокии ҷойгиршавии мол дар қаламрави гумрукӣ

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое барои содироти мол мӯҳлат муқаррар шуда, баъди гузаштани он барои баргардонидани мол иҷозат дода намешавад, тибқи дархост ин мӯҳлат бояд тамдид карда шавад, агар сабабҳои онро хадамоти гумрук асоснок эътироф намояд.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолати муқаррар гардидани мӯҳлате, ки бо гузаштани он аризаҳо барои баргардонидан қабул карда намешаванд, бояд муқаррароте пешбинӣ шавад, ки имконияти тамдиди ин мӯҳлатро бо сабабҳои тиҷоратӣ ё дигар сабабҳои аз ҷониби хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда муайян намояд.

Пардохти баргардонидан

7. Стандарт

Баргардонидан бояд харчӣ зудтар пас аз санҷиши асоснокии ариза пардохта шавад.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар қонунгузории миллӣ бояд истифодабарии усулҳои электронии интиқоли маблағ барои пардохти баргардонидан пешбинӣ шавад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Баргардонидан инчунин бояд ҳангоми ҷойгир намудани мол барои нигоҳдорӣ дар анбори гумрукӣ ё расидани мол ба минтақаи озод анҷом дода шавад, ба шарте, ки он минбаъд содир карда шавад.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд тибқи дархост молҳоеро, ки дар муддати муайяни вақт содир шуда буданд, давра ба давра баргардонад.

## БОБИ 4. КОРКАРДИ МОЛ БАРОИ МУОМИЛОТИ ОЗОД

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1 «коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ» маънон расмиёти гумрукиеро дорад, ки мувофиқи он моли воридшуда қабл аз тозакунӣ барои истеъмоли дохилӣ ва таҳти назорати гумрукӣ метавонад то дараҷае истеҳсол, коркард ё такмил дода шавад, ки маблағи боҷ ва андозҳои воридоти ба маҳсулоти бо чунин тарз ҳосилшуда аз маблағи моли воридшуда камтар шавад.

Принсипҳо

1. Стандарт

Коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди қобили татбиқ будан, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

2. Стандарт

Расмиёти коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ ба шарте иҷозат дода мешавад. ки:

- хадамоти гумрук эътимод дошта бошад, ки маҳсулоти дар натиҷаи коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ хосилшуда аз моли воридотӣ истеҳсол шудааст: ва

- ҳолати ибтидоии молро пас аз истеҳсол, коркард ё такмили он аз ҷиҳати иқтисодӣ барқарор кардан имконнопазир аст. Доираи истифода

3. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ категорияҳои мол ва амалиёте, ки доир ба коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ иҷозат дода шудаанд, муайян карда мешаванд.

4. Стандарт

Коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ бо молҳои бевосита аз хориҷа воридшуда маҳдуд нагардида, балки барои моле, ки аллакай таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир карда шудааст, иҷозат дода мешавад.

5. Стандарт

Доираи шахсоне, ки дорои ҳуқуқи коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ мебошанд, набояд танҳо бо соҳибмулки моли воридшуда маҳдуд карда шавад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ба шахсоне, ки амалиёти мунтазами коркарди молро барои истеъмоли дохилӣ анҷом медиҳанд, тибқи дархости онҳо бояд рухсатномаи асосӣ дода шавад, ки эътибори он ба чунин амалиёт тавсеа мегардад.

Анҷоми коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ

7. Стандарт

Коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ вақте ба анҷом мерасад, ки маҳсулоти дар натиҷаи ин коркард ҳосилшуда барои истеъмоли дохилӣ тоза карда мешаванд.

8. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки онҳо аз рӯи вазъият асоснок мебошанд ва тибқи дархости шахси манфиатдор хадамоти гумрук бояд барои қатъ кардани расмиёт иҷозат диҳад ва маҳсулот ҳангоми истеҳсол, коркард намудан ё такмил додан ҳосилшуда бо риояи шартҳо ва расмиёти дар ҳамаи ҳолатҳо истифодашаванда таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир карда шавад.

9. Стандарт

Ҳама гуна партовҳо ё пасмондаҳое, ки дар натиҷаи коркарди мол барои истеъмоли дохилӣ ҳосил шудаанд, дар сурати тозакунии онҳо бояд барои истеъмоли дохилӣ мавриди татбиқи боҷ ва андозҳои воридотие қарор дода шаванд, ки мебоист нисбати чунин партовҳо ва пасмондаҳои дар ҳамин ҳолат воридшуда татбиқ мешуданд.

ЗАМИМАИ МАХСУСИ G ИҶОЗАТИ МУВАҚҚАТӢ

## БОБИ 1. ИҶОЗАТИ МУВАҚҚАТӢ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «иҷозати муваққатӣ» маънон расмиёти гумрукиеро дорад, ки таҳти он моли муайян метавонад аз боҷ ва андозҳои воридотӣ шартан, пурра ё қисман озод карда шуда, ба қаламрави гумрукӣ оварда шавад: чунин мол бояд бо мақсади муайян ворид карда шуда, барои дар мӯҳлати муқарраргардида бе ягон тағйирот, барои воридоти такрорӣ пешбинӣ шавад, ба истиснои фарсудашавии муқаррарӣ, ки дар натиҷаи истифода ба амал меояд.

Принсип

1. Стандарт

Иҷозати муваққатӣ бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди қобили татбиқ бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Доираи истифода

2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ ҳолатҳое номбар карда мешаванд, ки зимни онҳо иҷозати муваққатиро додан мумкин аст.

3. Стандарт

Моли муваққатан иҷозатдодашуда бояд аз боҷ ва андозҳои воридотӣ шартан пурра озод карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории миллӣ чунин озодкунии ҷузъӣ нишон дода мешавад.

4. Стандарт

Иҷозати муваққатӣ ба моли бевосита аз хориҷа воридшуда маҳдуд намегардад, лекин чунин иҷозат ба моле низ дода мешавад, ки аллакай таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҷойгир карда шудааст.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Иҷозати муваққатӣ бояд новобаста аз кишвари истеҳсолкардаи мол, кишваре, кн мол аз он оварда шудааст ё кишвари таъиноти мол дода шавад.

6. Стандарт

Нисбат ба моли муваққатан иҷозатдодашуда анҷом додани амалиёт барои таъмини нигаҳдории бетағйири он ҳангоми ҷойгиршавӣ дар қаламрави гумрукӣ рухсат дода мешавад.

Расмиёти қабл аз додани рухсатнома барои иҷозати муваққатӣ

7. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ номгӯи ҳолатҳое муқаррар мегардад, ки мувофиқи онҳо барои иҷозати муваққатӣ рухсатномаи пешакӣ талаб карда мешавад ва мақомоте зикр мегардад, ки барои доданн чунин рухсатнома ваколат доранд. Чунин ҳолатҳо бояд харҷӣ камтар бошанд.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд пешниҳод намудани молро ба мақоми мушаххаси гумрук танҳо дар он ҳолате талаб намояд, ки он иҷозати муваққатиро осон гардонад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд иҷозати муваққатиро бе пешниҳоди декларатсияи хаттии мол диҳад, агар нисбати минбаъд такроран ворид шудани он шубҳае набошад.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тарафҳои Аҳдкунанда бояд имконияти ҳамроҳшавиро ба ҳуҷҷатҳои байналмилалии марбут ба иҷозати муваққатӣ муфассал баррасӣ кунанд, то ки ин ба онҳо имкон диҳад, ки ҳуҷҷатҳо ва кафолатҳои аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ додашударо ба ҷои ҳуҷҷатҳо ва кафолатҳои гумруки миллӣ қабул намоянд.

Тадбирҳо оид ба ҳаммонандсозӣ

11. Стандарт

Иҷозати муваққатӣ ба шарте дода мешавад, ки хадамоти гумрук ҳангоми анҷом ёфтани иҷозати муваққатӣ барои ҳаммонанд карда тавонистани мол эътимод дорад.

12. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо мақсади ҳаммонандсозии моли муваққатан иҷозатдодашуда хадамоти гумрук тадбирҳои худро оид ба ҳаммонандсозӣ танҳо дар он ҳолатҳое анҷом медиҳад, ки усулҳои тиҷоратии ҳаммонандсозӣ кифоят намекунанд.

Мӯҳлати воридоти такрорӣ

13. Стандарт

Хадамоти гумрук мӯҳлати иҷозати муваққатиро дар ҳар як ҳолат муқаррар мекунад.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор ва сабабҳое, ки хадамоти гумрук онҳоро асоснок эътироф мекунад, ӯ бояд мӯҳлати ибтидоии муқарраршударо тамдид намояд.

15. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ҳангоми имконнопазир будани воридоти такрории моли муваққатан иҷозатдодашуда дар натиҷаи ҳабс ғайри ҳабсе, ки бо даъвои шахсони хусус амалӣ гардидааст, талабот ба воридоти такрорӣ бояд дар давоми мӯҳлати ҳабс боздошта шавад.

Додани ҳуқуқ ба иҷозати муваққатӣ

16. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Аз рӯи дархост хадамоти гумрук бояд барои додани ҳуқуқ ба иҷозати муваққатӣ ба ҳама гуна шахси дигар иҷозат диҳад, ба шарте ки ин шахси дигар:

а) ба шартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ бошад; ва

й) ӯҳдадориҳои аввалин соҳиби ҳуқуқ оид ба иҷозати муваққатӣ шуданро ба худ гирад.

Анҷоми иҷозати муваққатӣ

17. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки ба воридоти такрории моли муваққатан иҷозатдодашуда тавассути мақоми дигари гумрук, ғайри мақоми гумрукие, ки тавассути он мол ворид шуда буд, рухсат диҳад.

18. Стандарт

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки воридоти такрории моли муваққатии иҷозатдодашударо бо як ё якчанд миқдор рухсат диҳад.

19. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки имконияти боздошт ё анҷоми иҷозати муваққатиро бо роҳи ҷойгир намуданн моли воридшуда таҳти расмиёти дигари гумрукӣ ҳангоми риояи шартҳо ва расмиётҳо дар ҳар як ҳолате, ки истифода мешаванд, пешбинӣ намояд.

20. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Агар мамнӯъият ва маҳдудиятҳои дар лаҳзаи иҷозати муваққатӣ амалкунанда дар давоми мӯҳлати амали ҳуҷҷати иҷозати муваққатӣ бекор карда шаванд, хадамоти гумрук бояд дархостро оид ба анҷом ёфтан бо роҳи тозакунии мол барои истеъмоли дохилӣ қонеъ созад.

21. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Агар кафолат дар шакли ба депозит ворид намудани маблағҳои пулӣ дода шуда бошад, бояд муқаррароте пешбинӣ шавад, ки ҳатто агар мол тавассути ин мақом ворид нашуда бошад ҳам, имконияти баргардонидани онро аз ҷониби мақоми воридоти такрорӣ муайян менамояд.

Ҳолатҳои иҷозати муваққатӣ

а) Шарти пурра озод намудаи из боҷ ва андозҳои воридотӣ

22.Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Иҷозати муваққатӣ бо шарти пурра озод намудан аз боҷ ва андозҳо бояд нисбати молҳое татбиқ карда шавад, ки дар Замимаҳои зерини Конвенсия дар бораи иҷозати муваққатӣ (Конвенсияи Истанбул) аз 26 июни соли 1990 зикр шудаанд:

1) «Дар барои молҳо барои намоиш ё истифодабарӣ дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо, ҷаласаҳо ё чорабиниҳои ба онҳо монанд» мувофиқи Замимаи В.

1.

2) «Дар бораи таҷҳизоти касбӣ» мувофиқи Замимаи В.2.

3) «Дар бораи контейнерҳо, зерзарфҳо, бастабандиҳо, намунаҳо ва дигар молҳое, ки дар робита бо амалиёти тиҷоратӣ ворид карда шудаанд» мувофиқи Замимаи В.З.

4) «Дар бораи молҳое, ки барои мақсадҳои маориф, илм ё маданият ворид карда шудаанд» мувофиқи Замимаи В.5.

5) «Дар бораи анҷоми шахсии мусофирон ва молҳое, ки барои мақсадҳои варзишӣ ворид карда шудаанд» мувофиқи Замимаи В.6.

6) «Дар бораи мавод барои рекламаи туризм» мувофиқи Замимаи В.7.

7) «Дар бораи молҳое, ки дар доираи ҳамлу нақли сарҳадӣ ворид карда шудаанд» мувофиқи Замимаи В.8.

8) «Дар бораи молҳое, ки барои мақсадҳои башардӯстона ворид карда шудаанд» мувофиқи Замимаи В.9.

9) «Дар бораи воситаҳои нақлиёт» мувофиқи Замимаи С.

10) «Дар бораи ҳайвонот» мувофиқи Замимаи О.

й) Шарти қисман озод намудан аз боҷ ва андозҳои воридотӣ 23.

23. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба молҳои дар Тавсия оид ба татбиқи амалии 22 пешбининашуда ва молҳои дар Тавсия оид ба татбиқи амалии 22 пешбинишудае, ки ба ҳамаи талаботи шарти пурра озод намудан мувофиқат намекунанд, бояд иҷозати муваққатӣ, ақалан бо шарти қисман озод намудан аз боҷ ва андозҳои воридотӣ дода шавад.

## ЗАМИМАИ МАХСУСИ Н ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО

## БОБИ 1. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ ГУМРУКӢ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F2. «танзими маъмурии ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ» маънои расмиёти бо қонунгузории миллӣ муқарраргардидаеро дорад, ки мувофиқи он хадамоти гумрук ваколатдор аст ҳуқуқвайронкунии гумрукиро, ё тавассути дастур оид ба он ё дар асоси созиш танзим намояд;

E2./F3. «танзим дар асоси созиш» маънои созишномаеро дорад, ки мувофиқи он хадамоти гумрук, ҳарчанд ваколатдор бошад ҳам, аз гузаронидани амалҳои мурофиавӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ҳангоми аз ҷониби шахси (шахсони) дар ин ҳуқуқвайронкунӣ иштирокдошта риоя гардидани шартҳои муайян даст мекашад:

E3./F1. «ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ» маънои ҳама гуна вайронкунӣ ё кӯшиши вайронкунии қонунгузории гумрукиро дорад.

Принсипҳо

1. Стандарт

Тафтишот, муқарраркунӣ ва танзими маъмурии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ аз ҷониби хадамоти гумрук бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди қобили татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

2. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва шартҳое муқаррар карда мешаванд, ки онҳо ин тафтиш карда шуда, ҳангоми зарурат мавриди танзими маъмурӣ қарор мегиранд.

Доираи истифода

3. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шахсоне зикр карда мешаванд, ки метавонанд вобаста ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ҷавобгар ҳисобида шаванд.

4. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ мӯҳлате муқаррар карда мешавад, ки бо гузаштани он амалҳои мурофиавии марбут ба ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ дигар анҷом дода шуда натавонанд ва санае муқаррар мегардад, ки аз он мӯҳлати зикршуда бароварда мешавад.

Тафтишот ва муқаррар намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ

5. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ шартҳое муайян карда мешаванд, ки зимни он хадамоти гумрук ваколатдор аст:

- молу воситаҳои нақлиётро тафтиш кунад:
- пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ё муросилотро талаб намояд;
- иҷозатро ба махзани автоматишудаи маълумот талаб намояд;
- кофтукови шахсон ва биноҳоро анҷом диҳад; ва
- далелҳоро ба даст оварад.

6. Стандарт

Кофтукови шахсӣ барои мақсадҳои гумрукӣ танҳо дар он ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки барои гумонбаршавӣ дар қочоқ ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ асосҳои кофӣ мавҷуд буда, ҷиддӣ ба шумор меравaнд.

7. Стандарт

Хадамоти гумрук агар барои гумонбаршавӣ дар қочоқ ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукие, ки ҷиддӣ ба ҳисоб меравaнд, асосҳои кофӣ надошта бошад кофтукови шахсӣ намегузаронад.

8. Стандарт

Хадамоти гумрук дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба шахси манфиатдор оид ба хусусияти ҳуқуқвайронкунии эҳтимолӣ ва дар бораи ба муқаррароти қонунгузорӣ, ки вайрон кардани онҳо имкон дошт, мувофиқан дар бораи муҷозоти ҷаримавии эҳтимолӣ иттилоъ медиҳад. Расмиёте, ки ҳангомн ошкор намуданн ҳуқуқванронкунии гумрукӣ риоя карда мешаванд.

9. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ расмиёте, ки онро хадамоти гумрук баъди ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ бояд риоя кунад ва тадбирҳоеро, ки метавонад анҷом диҳад, муайян карда мешаванд.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд дар протоколҳо дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ё ҳисоботи маъмурӣ маълумотро оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ оварда, тадбирҳои андешидашударо зикр намояд.

Ҳабс ё боздошти мол ё воситаҳои нақлиёт

11. Стандарт

Хадамоти гумрук мол ва ё воситаҳои нақлиётро танҳо дар он ҳолатҳое, ҳабс мекунад, ки:

- онҳо бояд кашида гирифта ё мусодира шаванд; ё
- онҳо метавонанд ҳамчун далел дар ягон давраи минбаъдаи истеҳсолот аз рӯи парванда лозим шаванд пешниҳод гардиданд.

12. Стандарт

Агар ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ танҳо ба як қисми миқдори мол дахл дошта бошад, танҳо ҳамин қисм объекти ҳабс ё боздошт мебошад, ба шарте ки хадамоти гумрук эътимод дошта бошад, ки қисми боқимондаи миқдори мол ба таври мустақим ё ғайримустақим ҳангоми содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ истифода бурда нашудааст.

13. Стандарт

Вақте ки хадамоти гумрук мол ва/ё воситаҳои нақлиётро ҳабс ё боздошт мекунад, он ба шахси манфиатдор ҳуҷҷате пешниҳод менамояд, ки дар он омадааст:

- тавсиф, миқдори мол ва воситаҳои нақлиёти ҳабс ё боздошташуда;
- сабаби ҳабс ё боздошт; ва
- хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд бо шарте моли ҳабс ё боздоштшударо таҳти кафолати кофӣ иҷозат диҳад, ки ин мол мавриди ягон мамнӯъияту маҳдудиятҳо қарор надошта бошад ё ҳамчун далел дар ягон давраи истеҳсолот аз рӯи парванда лозим нашавад.

15. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд воситаҳои нақлиётеро, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ истифода шуда буданд, аз ҳабс ё боздошт дар он ҳолатҳое озод кунад, ки эътимод дошта бошад, ки:

- ин воситаҳои нақлиёт бо ягон тарзе барои пинҳон кардани мол тарҳрезӣ ё тағйир дода ва ё мувофиқ кунонда нашудаанд: ва
- ин воситаҳои нақлиёт ҳамчун далел дар ягон давраи истеҳсолот аз рӯи парванда лозим нахоҳад шуд: ва
- ҳангоми талаб намудан кафолати кофӣ пешниҳод карда тавонад.

16. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Воситаҳои нақлиёт танҳо дар ои ҳолатҳое бояд кашида гирифта ё мусодира карда шаванд, ки:

- соҳибмулк, оператор ё шахси масъул дар лаҳзаи ҳуқуқвайронкунӣ ҷонибдори тарафе буданд, ки дар ҳуқуқвайронкунӣ иштирок дошт ё аз он хабардор буд ё барои пешгирии содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ тамоми тадбирҳои оқилонаро амалӣ накарданд; ё

- воситаҳои нақлиёт барои пинҳон кардани мол махсус тарҳрезӣ, азнавсозӣ ё тағйир дода ё мувофиқ кунонда шуда буданд: ё

- барқароркунии ҳолати аввалаи воситаҳои нақлиёте, ки махсус тағйир ё азнавсозӣ шуда буданд, имконнопазир аст.

17. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ба истиснои он ҳолатҳое, ки мол эҳтимолан зудвайроншаванда ё барои аз ҷониби хадамоти гумрук нигаҳдорӣ кардан ношоям бошад, хадамоти гумрук набояд моли ҳабс ё боздоштшударо фурӯшад ё бо ягон тарзи дигар онро ихтиёрдорӣ кунад, то замоне, ки он кашида гирифта ё мусодирашуда ё моли ба давлат додашуда эътироф карда нашавад.

Боздошти шахсон

18. Стандарт

Дар қонунгузорни миллӣ ваколатҳои хадамоти гумрук оид ба боздошти шахсон ва шартҳои чунин боздошт, хусусан мӯҳлате, ки бо гузаштани он қарор дар бораи боздошт бояд аз тарафи суд аз нав дида баромада шавад, муайян мегарданд.

Танзими маъмурии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ

19. Стандарт

Хадамоти гумрук дар мавриде, ки қобили қабул мебошад, чораҳои зарурӣ меандешад, то ки баъди ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарии имкониятҳои зерин таъмин карда шаванд:

- шурӯъ кардан ба танзимн маъмурии ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ; ва

- огоҳ намудани шахси манфиатдор дар хусуси мӯҳлат ва шартҳои ин танзим, имкониятҳои шикоят бурдан ва мӯҳлати чунин шикоят.

20. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар он ҳолатҳое, ки ҳангоми тозакунии мол ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ошкор гардида, муҳим намебошад, бояд имконияти танзими ҳуқуқвайронкунии мазкур аз ҷониби мақоми гумрукӣ онро ошкорнамуда бе таъхир пешбинӣ карда шавад.

21. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки мусофир ба ҳуқуқвайронкунии гумрукии начандон муҳим роҳ медиҳад, хадамоти гумруке, ки онро ошкор намудааст бояд имконияти танзими чунин ҳуқуқвайронкуниро бе таъхир пешбинӣ намояд.

22. Стандарт

Дар қонунгузории миллӣ муҷозоти ҷаримавӣ ба ҳар як категорияи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ истифода мешаванд, ки метавонанд дар доираи танзими маъмурӣ баррасӣ шуда, мақомоти гумрукӣ барои татбиқи онҳо ҳамчун ваколатдор муқаррар карда шаванд.

23. Стандарт

Дараҷаи қатъият ва ҳаҷми ҳама гуна муҷозоти ҷаримавие, ки ҳангоми танзими маъмурии ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ татбиу мешаванд, ба ҷиддият ё аҳамияти ҳуқуқвайронкунии гумрукии содиркардашуда, инчунин ба фаъолияти пешинаи шахси манфиатдор, ки ба хадамоти гумрук алоқаманд аст, вобаста мебошад.

24. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки дар декларатсияи мол маълумоти нодуруст зикр карда мешаванд ва декларатсиякунанда исбот карда тавонад, ки тамоми тадбирҳои зарурӣ барои пешниҳоди маълумоти аниқу дуруст анҷом дода шуда буданд, хадамоти гумрук ин омилро ҳангоми ҳалли масъалаи татбиқи ҳама гуна муҷозоти ҷаримавӣ ба инобат мегирад.

25. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ дар натиҷаи вазъияти ғайричашмдошт ё дигар вазъиятҳои аз шахси манфиатдор вобаста набуда ба вуқӯъ меояд ва аз тарафи ин шахс

зоҳир гардидани беэҳтиётӣ ё кӯшиши фиреб дида намешавад, ҳеҷ гуна муҷозоти ҷаримавӣ татбиқ намешаванд, ба шарте ки ин воқеаҳо ба тарзи зарурӣ муқаррар ва аз ҷониби хадамоти гумрук эътироф шуда бошад.

26. Стандарт

Моле, ки ҳабс ё боздошт шудааст, ё маблағи фурӯши чунин мол бо тарҳи ҳама гуна боҷ ва андозҳо, инчунин ҳамаи маблағи ҷамъкардашудаи дигар ва хароҷоти сарфшуда бояд:

- ба шахсе, ки барои гирифтани он ҳуқуқ дорад, баъди танзими ниҳоии ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин баргардонида шавад; ё

- агар ин имконнопазир бошад, барои ба ихтиёри шахси мазкур додани маблағ дар давоми мӯҳлати муайян нигоҳ дошта шавад.

Ҳуқуқ барои шикоят

27. Стандарт

Ҳама гуна шахсе, ки дар ҳуқуқвайронкунии гумрукии мавриди танзими маъмурӣ қарордошта иштирок мекунад, барои шикоят намудан ба мақоми аз хадамоти гумрук вобастанабуда ҳуқуқ дорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки шахси мазкур дар асоси созиш ба танзим розӣ бошад.

ЗАМИМАИ МАХСУСИ J РАСМИЁТИ МАХСУС

БОБИ 1. МУСОФИРОН

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F2. «системаи роҳрави дуқабата» системаи соддагардонидашудаи назорати гумрукиеро мефаҳмонад, ки ба мусофирон имкон медиҳад то баробари расидан декларатсиякунониро ба тариқи интихоб байни ду навъи роҳравҳо анҷом диҳанд. Яке аз онҳо бо аломатҳои ранги сабз ишора шуда, барои истифодабарии мусофироне таъин гардидааст, ки моли онҳо тибқи арзишу миқдор аз арзишу миқдори моли бидуни боҷ иҷозат додашаванда зиёд нест ва онҳо мавриди мамнӯъияту маҳдудиятҳои воридотӣ қарор надоранд. Роҳрави дигар бо аломатҳои сурхранг ишорат шуда, барои мусофирони дигар таъин гардидааст.

E2./F4. «воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсӣ» маънон воситаҳои нақлиёту ядакҳо, катерҳо ва ҳавопаймоҳоро бо қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимоту таҷҳизоти стандартие дорад, ки барои кашонидани шахсон ба ивази музд ё кашонидани молҳои саноатӣ ё тиҷоратӣ ба ивази музд ё ройгон танҳо барои истифодаи шахсӣ аз тарафи шахси дахлдор воридот ё содирот карда мешаванд.

E3./F5. «мусофир» маънои зайлро дорад:

1) ҳама гуна шахсе, ки ба қаламрави кишваре, ки дар он доимӣ истиқомат намекунад («ғайрирезидент»), муваққатан ворид мегардад ё қаламрави онро тарк менамояд: ва

2) «ҳама гуна шахсе», ки аз қаламрави кишвари истиқомати доимии худ мебарояд(«резиденти бароянда») ё ба қаламрави он бармегардад («резиденти баргаштаистода»)

E4./F3. «амволи шахсӣ» маънои ҳар гуна ашёро (нав ё истифодашуда) дорад, ки мусофир метавонад онҳоро барои истифодаи шахсӣ ҳангоми сафар бо назардошти тамоми ҳолатҳои талаботи сафар маъқул дониста бошад, ба истиснои моле, ки бо мақсадҳои тиҷоратӣ воридот ё содирот мешаванд;

E5./F1. «иҷозати муваққатӣ» маънои расмиёти гумрукиеро дорад, ки мувофиқи он моли муайян метавонад ба қаламрави гумрукӣ бо шарти пурра ё қисман озод кардан аз пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ оварда шавад; чунин мол бояд бо мақсади муайян ворид карда шавад ва барои дар мӯҳлати муайяншуда такроран содир гардидан, бидуни ягон тағйирот, ба истиснои фарсудашавии муқаррарӣ дар натиҷаи истифодабарии он, таъин шуда бошад.

Принсипҳо

1. Стандарт

Имтиёзҳои гумрукие, ки нисбат ба мусофирон истифода мсгарданд, бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди татбиқ гардидан бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

2. Стандарт

Имтиёзҳои гумрукии пешбининамудаи Боби мазкур ба ҳамаи мусофирон новобаста ба шаҳрвандию миллати онҳо истифода мешаванд.

Соҳаи истифода

3. Стандарт

Хадамоти гумрук мақомоти гумрукиеро муқаррар менамояд, ки дар онҳо метавонанд расмиёти гумрукии марбут ба мусофирон иҷро гарданд. Ҳангоми муайян намудани салоҳияту маҳалли ҷойгиршавӣ, инчунин соатҳои кории мақомоти зикршуда хадамоти гумрук мавқеъи ҷуғрофӣ ва ҳаҷми мувофиқи мусофиркашониро низ ба назар мегирад.

4. Стандарт

Бо шарти риоя гардидани расмиёти дахлдори назорати гумрукӣ ба мусофироне, ки дар воситаи нақлиёти истифодаи шахсӣ ба кишвар ворид мешаванд ё аз он мебароянд, тибқи қоидаи умумӣ иҷрои тамоми расмиёти гумрукӣ бе тарки воситаи нақлиёте, ки онҳо сафар мекунанд, иҷозат дода мешавад.

5. Тавсияи оид ба татбиқи амалӣ

Ба мусофироне, ки ба воситаи нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ ба кишвар ворид мешаванд, ё аз он мебароянд, тибқи қоидаи умумӣ иҷрои тамоми расмиёти гумрукӣ бе тарки воситаи нақлиёте, ки онҳо сафар мекунанд, иҷозат дода мешавад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Системаи роҳрави дуқабата бояд барои анҷом додани назорати гумрукии мусофирон ва тозакунии молҳои аз ҷониби онҳо интиқолшаванда ва дар ҷое, ки бамаврид аст, тозакунии воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсии онҳо истифода бурда шавад.

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук набояд барои мақсадҳои гумрукӣ рӯйхати алоҳидаи мусофирон ё бағоҷи аз ҷониби онҳо интиқолшавандаро новобаста ба намуди нақлиёти истифодабурдаи онҳо талаб кунад.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук дар ҳамкории мутақобила бо дигар хадамот ва иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ бояд ҷаҳд намояд, ки иттилооти байналмилалии стандартикунонидашудаи пешакиро дар ҳолати дастрас будани он барон осон кардани назорати гумрукии мусофирон ва тозакунии моли аз тарафи онҳо интиқолшаванда истифода барад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ба мусофирон бояд иҷозат дода шавад, ки моли аз тарафи онҳо интиқолшавандаро ба таври шифоҳӣ декларатсия кунанд. Дар баробари ин хадамотн гумрук метавонад декларатсияи хаттӣ ё электронии моли аз тарафи мусофирон интиқолшавандаро, ки аз воридот ё содироти дорои хусусияти тиҷоратӣ иборат буда, арзиш ё микдори онҳо аз маҳдудиятҳои дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида зиёд мебошад, талаб намояд.

10. Стандарт

Кофтукови шахсии мусофирон барои мақсадҳои назорати гумрукӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ барои гумонбарӣ дар қочоқ ё ҳуқуқвайронкуниҳои дигар анҷом дода мешавад.

11. Стандарт

Молҳои аз тарафи мусофирон интиқолшаванда, ки таҳти расмиёти дахлдори гумрукӣ мунтазири тозакунӣ, содироти такрорӣ ё тарзи дигари ихтиёрдорӣ қарор доранд, мувофиқи шартҳои аз тарафи хадамоти гумрук муқарраршудаи дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида бояд дар ҳолатҳои зерин ба анбор ҷойгир ё нигоҳдорӣ карда шаванд:

- бо дархости мусофир:
- дар ҳолате, ки бетаъхир тоза кардани моли дахлдор имконнопазир мебошад; ва

- дар ҳолате, ки муқаррароти дигари Боби мазкур нисбат ба чунин молҳо истифода намешавад.

12. Стандарт

Бағоҷи мушоиятнашаванда (яъне боғоҷе, ки пеш ё баъди мусофир мерасад ва ё пеш ё баъди мусофир равон мешавад) аз тозакунӣ таҳти расмиёте мегузарад, ки нисбат ба бағоҷи мушоиятшаванда истифода карда мешавад ё таҳти расмиёти дигари соддагардонидашудаи гумрукӣ мегузарад.

13. Стандарт

Ба ҳар як шахси ваколатдор иҷозат дода мешавад, ки бағоҷи мушоиятнашавандаро аз номи мусофир барои тозакунӣ пешниҳод намояд.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба моле, ки барои истеъмоли дохилӣ мувофиқи имтиёзҳои ба мусофирон истифодашаванда декларатсия карда мешавад, бояд системаи ҳисоби боҷ ва андозҳо тибқи маблағи ягона истифода шавад, ба шарте ки воридоти мол хусусияти тиҷоратӣ надошта, арзиши умумӣ ё миқдори мол аз шумораи муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ зиёд набошад.

15. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар мавриди имконнопазир будан бояд истифодабарии кортҳои кредитӣ ё кортҳои бонкӣ ба сифати воситаи пардохти хизматҳои аз ҷониби хадамоти гумрук расонидашуда, инчунин барои пардохти боҷ ва андозҳо иҷозат дода шавад.

Даромадан

16. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Миқдори маҳсулоти тамоку, шароб, нӯшокиҳои дорои дараҷаи баланди спиртӣ ва маҳсулоти атторӣ, ки барои аз тарафи мусофирон ворид кардан бе пардохти боҷ ва андозҳои содиротӣ иҷозат дода шудаанд, бояд на камтар аз номгӯи зерин бошанд:

а) 200 сигарет ё 50 сигара, 250 грамм тамоку ва ё ҳамин маҳсулот, ки дар маҷмӯъ вазни умумии зиёда аз 250 грамм намебошанд;

й) 2 литр шароб ё 1 литр нӯшокиҳои дорои дараҷаи баланди спиртӣ:

с) 0,25 литр гулоб ё 50 грамм атр.

Дар баробари ин имтиёзҳое, ки нисбат ба маҳсулоти тамоку ва нӯшокиҳои спиртӣ пешбинӣ шудаанд, метавонанд барои шахсони ба синни муайян расида маҳдуд карда шаванд ва ба шахсоне, ки сарҳадро муттасил убур мекунанд ё шахсоне, ки камтар аз 24 соат дар хориҷи кишвар қарор доштанд дода нашаванд, ё бо миқдори маҳдуд дода шаванд.

17. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ғайри молҳои истеъмолие, ки воридоти онҳо дар доираи миқдори маҳдуди муқарраршуда иҷозат дода шудааст, ба мусофирон бояд бе пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ ворид намудани молҳои дорои хусусияти ғайритиҷоратии арзишашон то 75 ҳуқуқи махсуси азхудкунӣ (ҲМА) иҷозат/-дода шавад. Маблағи нисбатан камтар барои шахсони аз синни муайян хурдтар ё барои шахсоне, ки сарҳадро муттасил убур мекунанд ё шахсоне, ки камтар аз 24 соат дар хориҷи кишвар қарор доштанд, муқаррар намудан мумкин аст.

18. Стандарт

Ба резидентҳои ба кишвар баргаштаистода бидуни пардохти боҷ ва андозҳои воридотии анҷоми шахсӣ ва воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсие, ки онҳо дар вақти баромадан аз кишвар бо худ гирифта буданд ва дар ин кишвар дар муомилоти озод ҷойгир буданд, воридоти такрорӣ иҷозат дода мешавад.

19. Стандарт

Хадамоти гумрук барои иҷозати муваққатии анҷоми шахсии ғайрирезидентҳо ҳуҷҷати гумрукӣ ё кафолат талаб намекунад, ба истисноии ҳолатҳое, ки агар:

- миқдор ё арзиши онҳо аз маҳдудиятҳое, ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар гардидаанд, зиёдтар бошад; ё

- хадамоти гумрук чунин мешуморад, ки онҳо барои давлат хатарнок мебошанд.

20. Стандарт

Ғайр аз либос, лавозимот ва ашёи дигари хусусияти намоёни шахсидошта номгӯи зерин ашёи шахси ғайрирезидент шуморида мешаванд:

- ороишҳои заргарии шахсӣ;
- дасттоҳҳои суратгирӣ ва наворбардорӣ якҷоя бо захираи зарурии наворҳо ва лавозимот барои онҳо;
- диапроекторҳо ва кинопроекторҳои манқул ва лавозимоти онҳо якҷоя бо миқдори зарурии диапозитивҳо ва ё наворҳои кино;
-дурбинҳо;
- асбобҳои манқули мусиқӣ;
- дасгоҳҳои манқули садо, аз ҷумла магнитофонҳо, плейерҳои компактдискҳо ва диктофонҳо бо плёнка, қарта ва дискҳо;
- радиоқабулкунакҳои манқул;
- телефонҳои мобилӣ;
- телевизорҳои манқул;
- мошинаҳои чопии манқул;
- компютерҳои шахсии манқул ва лавозимоти онҳо;
- ҳисобкунакҳои манқул;
- аробачаҳои маъмул ва сайругашти кӯдакона;
- аробачаҳои маъюбон;
- таҷҳизоти варзишӣ.

21. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки пешниҳоди декларатсия барои иҷозати муваққатии ашёи шахсии ғайрирезидентҳо асоснок мебошад, мӯҳлати иҷозати муваққатӣ вобаста ба давомнокии зисти мусофир дар кишвар ба шарте муқаррар карда мешавад, ки он аз мӯҳлати дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида зиёд набошад.

22. Стандарт

Тибқи дархости мусофир ва бо сабабҳои аз ҷониби хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, мӯҳлати ибтидоии муқарраршудаи иҷозати муваққатии ашёи шахсии ғайрирезидентиро бо шарте тамдид мешавад, ки он аз мӯҳлати дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида зиёд набошад.

23. Стандарт

Ба ғайрирезидентҳо барои иҷозати муваққатии воситаҳои нақлиийёти истифодаи шахсиашон ҳуқуқ дода мешавад.

24. Стандарт

Сӯзишворие, ки дар зарфҳои стандартии воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсӣ ҳамлу нақл мешавад, аз боҷ ва андозҳои воридотӣ озод карда мешавад.

25. Стандарт

Имтиёзҳое, ки нисбат ба воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсӣ дода мешаванд, новобаста ба резидентҳо таалуқ доштан ё надоштани ин воситаҳои нақлиёт, аз ҷониби онҳо ба иҷора ё барои истифодаи муваққатӣ гирифта шудаанд ва новобаста ба он, ки воситаҳои нақлиёт якҷоя, пеш ё пас аз мусофир омадаанд, истифода мешавад.

26. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук набояд ҳуҷҷати гумрукӣ ё кафолатро барои иҷозати муваққатии воситаи нақлиёти истифодаи шахсии ғайрирезидент талаб намояд.

27. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки барои иҷозати муваққатии воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсии ғайрирезидент ҳуҷҷати гумрукӣ ё кафолат талаб карда мешавад, хадамоти гумрук бояд ҳуҷҷатҳои стандартии байналмилалӣ ё кафолатҳоро қабул намояд.

28. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки додани декларатсия барои иҷозати муваққатии воситаи нақлиёти истифодаи шахсии ғайрирезидент зарур мебошад, мӯҳлати иҷозати муваққатӣ дар асоси

давомнокии зисти ғайрирезидент дар кишвар муқаррар карда мешавад, ба шарте ки он аз мӯҳлати дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида зиёд набошад.

29. Стандарт

Тибқи дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳои аз ҷониби хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда, мӯҳлати ибтидоии муқарраршудаи иҷозати муваққатии воситаи нақлиёти истифодаи шахсии ғайрирезидентро ба шарте тамдид мешавад, ки он аз ҳама гуна мӯҳлати дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида зиёд набошад.

30. Стандарт

Ба ҳар як қисми эҳтиётии ивазшавандае, ки барои таъмири воситаи нақлиёти муваққатан дар кишвар ҷойгиршуда зарур мебошад, иҷозати муваққатӣ дода мешавад.

Содироти такрорӣ

31. Стандарт

Хадамоти гумрук барои содироти такрории моли муваққатан иҷозат додашудаи ғайрирезидент тавассути мақомоти гумруки дигар, ғайри мақоме, ки тавассути он ворид карда шуда буд, иҷозат медиҳад.

32. Стандарт

Хадамоти гумрук содироти такрории воситаи нақлиёти истифодаи шахсии ғайрирезидентҳо ва анҷоми шахсии онҳоро, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш ё ҳолатҳои ғайричашмдошт ҷиддан вайрон шудаанд ё нобуд гаштаанд, талаб намекунад.

Баромадан

33. Стандарт

Расмиёти гумрукие, ки нисбат ба мусофирони бароянда истифода мешаванд, бояд ҳарчӣ соддатар бошанд.

34. Стандарт

Ба мусофирон содирот намудани мол барои мақсадҳои тиҷоратӣ пас аз риояи расмиёти зарурӣ ва пардохти ҳама гуна боҷ ва андозҳои содиротии ситонидашаванда иҷозат дода мешавад.

35. Стандарт

Тибқи дархости резидентҳое, ки аз кишвар мебароянд, хадамоти гумрук тадбирҳоро оид ба ҳаммонандсозии маҳсулоти муайян дар ҳолатҳое меандешад, ки воридоти такрории онҳоро зимни аз боҷ ва андозҳо озод намудан осон мегардонад.

36. Стандарт

Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ хадамоти гумрук барои содироти муваққатии амволи шахсӣ ва воситаҳои нақлиёти истифодаи шахсии резидентҳое, ки аз кишвар мебароянд, ҳуҷҷат талаб менамояд.

37. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Агар кафолат дар шакли ба депозит ворид намудани маблағи накди пулӣ дода шуда бошад, бояд муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки имконияти баргардонидани онро аз ҷониби мақоми содироти такрорӣ муайян мекунад, ҳатто агар мол тавассути ин мақом ворид нашуда бошад.

Мусофирони транзитӣ

38. Стандарт

Ба мусофирони транзитие, ки қаламрави транзитиро тарк намекунанд, аз назорати гумрукӣ гузаштан зарур намебошад. Дар баробари ин ба хадамоти гумрук иҷозат дода мешавад, ки қаламрави транзитиро назорат намояд ва ҳангоми дар ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ гумонбар шудан ҳама гуна чораҳои заруриро андешад.

Иттилооти марбут ба имтиёзҳои гумрукие, ки нисбат ба мусофирон истифода карда мешаванд.

39. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Иттилооти марбут ба имтиёзҳои гумрукие, ки нисбат ба мусофирон истифода карда мешаванд, бояд ба як ё якчанд забонҳои расмии кишвари дахлдор ва ҳар забони дигаре, ки муфид эътироф шудааст, дода шавад.

## БОБИ 2. ҲАМЛУ НАҚЛ ТАВАССУТИ ПОЧТА

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «CN22/23» маънои шаклҳои декларатсияи махсуси муросилоти почтаро мувофиқи тавсиф дар санадҳои амалкунандаи Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта дорад;

E2./F3. «расмиёти гумрукӣ нисбат ба муросилоти почта» маънои тамоми амалиётеро дорад, ки бояд аз ҷониби тарафи манфиатдор ва хадамоти гумрук нисбат ба муросилоти почта иҷро шаванд;

E3./F2. «муросилоти почта» маънои мукотибаи хаттӣ ва муросилотро мувофиқи тавсиф дар санадҳои амалкунандаи Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта дорад:

E4./F5. «хадамоти почта» маънои мақоми давлатӣ ё хусусиеро дорад, ки аз тарафи Ҳукумат барои расонидани хизматҳои бо санадҳои амалкунандаи Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта танзимшаванда ваколатдор карда шудааст;

E5./F4. «Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта» маънои ташкилоти байниҳукуматиеро дорад, ки соли 1874 мутобиқи Аҳдномаи Берн ҳамчун «Иттиҳоди муттаҳидаи почта» таъсис дода шуда, соли 1878 «Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта» (ИУП) ном гирифта, аз соли 1948 муассисаи махсусгардонидашудаи СММ мебошад.

Принсипҳо

1. Стандарт

Расмиёти гумрукӣ нисбат ба муросилоти почта бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди қобили татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

2. Стандарт

Қонунгузории миллӣ масъулияту ӯҳдадориҳои дахлдори хадамоти гумрук ва хадамоти почтаро дар робита бо коркарди гумрукии муросилот ва почта муайян менамояд.

Тозакунии муросилоти почта

3. Стандарт

Тозакунии муросилоти почта дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин анҷом дода мешавад.

а) Вазъи ҳуқуқии гумрукии мол

4. Стандарт

Содироти мол дар муросилоти почта новобаста ба ҷойгиршавии онҳо дар муомилоти озод ё таҳти расмиёти гумрукӣ иҷозат дода мешавад.

5. Стандарт

Воридоти мол дар муросилоти почта новобаста ба таъиноти он барои тозакунӣ ва истеъмоли дохилӣ ё барои расмиёти гумрукии дигар, иҷозат дода мешавад.

й) Пешниҳод ба хадамоти гумрук

6. Стандарт

Хадамоти гумрук ба хадамоти почта ҷузъҳои пешниҳодгардидаи муросилоти почтаро барои мақсадҳои назорати гумрукӣ нишон медиҳад, инчунин усулҳои пешниҳоди чунин муросилотро зикр менамояд.

7. Стандарт

Хадамоти гумрук ҳангоми содирот муросилоти пешниҳодшавандаи почтаро талаб намекунад, барои мақсадҳои назорати гумрукӣ ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин муросилот амволи зеринро дошта бошанд:

- моле, ки содироти он бояд тасдиқ шавад;
- моле, ки ҳангоми содирот таҳти мамнуъияту маҳдудиятҳо қарор мегирад ё нисбат ба он боӣ ва андозҳои содиротӣ истифода мешаванд:
- моле, ки арзиши он аз маблағи дар қонунгузории миллӣ муқарраргардида зиёд мебошад; ё
- моле, ки дар асоси интихоб ё тасодуф барои назорати гумрукӣ интихоб карда шудааст.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук, чун қоида, набояд пешниҳод намудани категорияҳои зерини муросилоти воридшавандаи почтаро талаб намояд:

а) кортҳои почта ва мактубҳое, ки ба таври истисно маълумоти дорои хусусияти шахсиро дар бар мегираид:

й) адабиёт барои нобиноён;

с) нашрияҳое, ки нисбат ба онҳо боҷ ва андозҳои воридотӣ истифода карда намешаванд.

(с) Тозакунӣ аз рӯи шакли CN 22 ё CN23 ё аз рӯи декларатсияи мол

9. Стандарт

Агар тамоми иттилооти аз тарафи хадамоти гумрук талабшаванда дар шакли CN 22 ё CN23 ва дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мавҷуд бошад, шакли CN 22 ё CN23 декларатсияи мол шуморида мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки:

- мол арзише дорад, ки аз маблағи дар қонунгузории миллӣ муқарраршуда зиёд мебошад;

- мол таҳти мамнӯъияту махдудиятҳо қарор мегирад ё нисбат ба он боҷ ва андозҳои содиротӣ татбиқ карда мешаванд;

- содироти мол бояд тасдиқ карда шавад;

- моли воридшаванда барои ҷойгир намудан таҳти расмиёти гумрукии дигар таъин гардидааст, на барои тозакунӣ барои истеъмоли дохилӣ;

Дар ин ҳолатҳо декларатсияи алоҳидаи мол талаб карда мешавад.

Транзити муросилоти почта

10. Стандарт

Муросилоти почтавӣ, ки ба таври транзитӣ интиқол мегарданд, набояд мавриди расмиёти гумрукӣ қарор дода шаванд.

Ситонидани боҷ ва андозҳо

Хадамоти гумрук шартҳои ҳарчи соддатари ситонидани боҷ ва андозҳоро нисбат ба моли дар муросилоти почта ҷойгирбуда муқаррар менамояд.

БОБИ 3. Воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F2. «расмиёти гумрукие, ки нисбат ба воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ истифода мегарданд» маънои амалиётеро доранд, ки аз тарафи шахси манфиатдор ва хадамоти гумрук нисбат ба воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ, ки ба қаламрави гумрукӣ меоянд ё аз он мебароянд, инчунин ҳангоми ҷойгир будани онҳо дар қаламрав, бояд иҷро дода шаванд;

E2./F1. «декларатсия дар бораи омадан» ё «декларатсия дар бораи баромадан» восбаста ба ин ё он ҳолат маънои ҳар декларатсияеро дорад, ки бо талаби хадамоти гумрук ҳангоми омадани воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ аз тарафи шахси барои ин воситаи нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ масъулбуда ба он таҳия ё пешниҳод мешавад ва маълумоти заруриро оид ба ин воситаи нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ, инчунин оид ба хатсайр, бор, захираҳо, ҳайати идоракунанда ё мусофирон дар бар мегирад:

E3./F3 «воситаи иақлиёти истифодаи тиҷоратӣ» маънои ҳар воситаи нақлиёти обӣ (аз ҷумла лихтерҳо, баржаҳои худгард ва ғайрихудгард, инчунин киштиҳои болдор), киштиҳои дорои болиштакҳо, тайёраҳо, нақлиёти автомобилӣ (аз ҷумла ядакҳо, нимядакҳо ва воситаҳои нақлиёти омехта) ё воҳиди ҳаракаткунандаи роҳи оҳанро дорад, ки барои ҳамлу нақли байналмиллалии интиқоли пулакии шахсон, ҳамлу нақли пулакӣ, ё ройгони моли саноатӣ ё тиҷоратӣ истифода мешаванд, якҷоя бо қисмҳои эҳтиётӣ, олот ва таҷҳизоти стандартии онҳо, инчунин равғанҳои молиданию сӯзишвории дар бакҳои стандартӣ мавҷубуда, ки якҷоя бо воситаи нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ интиқол дода мешаванд.

Принсипҳо

1. Стандарт

Расмиёти гумрукие, ки нисбат ба воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ татбиқ гардида, бо муқаррароти Боби мазкур ва ба ҳадди татбиқ бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

2. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Расмиёти гумрукие, ки нисбат ба воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ татбиқ мегарданд, бояд якхела истифода карда шаванд новобаста ба кишвари бақайдгирӣ ё ҳуқуқи моликият ба воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ, кишваре, ки онҳо аз он омадаанд ё кишвари таъиноти онҳо.

Иҷозати муваққатии воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратии пурбор ё бебор бояд воридоти муваққатӣ ба қаламрави гумрукӣ бо шарти озод кардан аз пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ иҷозатдода шавад, ба шарте ки ин гуна воситаҳои нақлиётии истифодаи тиҷоратӣ дар дохили қаламрави гумрукии кишвари иҷозати муваққатӣ барои ҳамлу нақли дохилӣ истифода нашаванд. Онҳо бояд барои содироти такрорӣ бе ягон тағйирот таъин шаванд, ба истиснои фарсудашавии муқаррарӣ дар натиҷаи истифодабарии онҳо, сарфи муқаррарии равғанҳои молиданию сӯзишворӣ ва таъмири зарурӣ.

4. Стандарт

Хадамоти гумрук дар хусуси иҷозати муваққатии воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратии ба таври зарурӣ дар хориҷа ба қайд гирифташуда танҳо дар он ҳолатҳое кафолат ё ҳуҷҷат талаб мекунад, ки онро барои мақсадҳои назорати гумрукӣ зарур мешуморад.

5. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки хадамоти гумрук мӯҳлати содироти такрории воситаҳои нақлиёти истифодати тиҷоратиро муқаррар менамояд, он бояд тамоми ҳолатҳои марбут ба амалиёти нақлиётии эҳтимолиро ба назар гирад.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо дархости шахси манфиатдор ва бо сабабҳои аз тарафи хадамоти гумрук асоснок эътирофшуда бояд мӯҳлати ибтидоии муқарраргардида тамдид шавад.

Иҷозати муваққатии қисмҳо ва таҷҳизот

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба таҷҳизоти махсус барои боркунӣ, борфарорӣ, интиқол ва ҳифзи бор, ки якҷоя бо воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ ворид гардида, барои якҷоя бо онҳо содироти такрорӣ гардидан пешбинӣ мешаванд, новобаста ба алоҳида аз воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ истифода гардидан ё нагардидани бояд ба воридоти муваққатӣ ба қаламрави гумрукӣ бо шарти озод кардан аз пардохти боҷ ва андозҳои воридотӣ иҷозат дода шавад.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Нисбат ба қисмҳо ва таҷҳизоте, ки бояд ҳангоми таъмир ё хизматрасонии техникӣ барои нвазкунии қисмҳо ва таҷҳизоти дар воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратии аллакай ба қаламрави гумрукӣ воридгардида насб ё истифода мешаванд, бояд воридоти муваққатӣ ба ҳамин қаламрав бо шарти озод кардан аз пардохти боҷҳои воридотӣ ва андозҳо иҷозат дода шавад.

Ворид шудан

9. Стандарт

Вақте ба хадамоти гумрук пешниҳоди декларатсия дар бораи ҳангоми омадани воситаи нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ зарур мешавад, маълумоте талаб мегардад, ки то ҳадди ақал маҳдуд буда, барои таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ зарур мебошад.

10. Стандарт

Хадамоти гумрук миқдори нусхаҳои декларатсияро дар бораи омадан, ки ба он пешниҳод намудан зарур мебошад, ба қадри имкон ихтисор мекунад.

11. Стандарт

Қонунигардонӣ, тасдиқ, гувоҳиномаи аслӣ будан ё баррасии пешакии ягон ҳуҷҷате, ки ба хадамоти гумрук дар робита бо омадани воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ пешниҳод ё арз мегарданд, аз тарафи ягон намояндаи кишвари хориҷие, ки воситаи нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ ба онҳо меояд, талаб карда намешаванд.

Таваққуфи минбаъда дар қаламрави гумрукӣ

12. Стандарт

Дар ҳолатҳое, ки воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ дар маҳалҳои минбаъдаи қаламрави гумрукӣ бе таваққуфи фосилавӣ ҳаракат карда, то ин вақт дар кишвари дигар таваққуф мекунанд, расмиёти гумрукӣ бояд харҷӣ соддатар бошанд ва ҳама гуна чораҳои анҷомдодашудаи назорати гумрукӣ ба назар гирифта шаванд.

Баромадан

13. Стандарт

Ҳангоми баромадан воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ аз қаламрави гумрукӣ бо тадбирҳое маҳдуд карда мешаванд, ки расмиёти зерини гумрукиро таъмин мекунанд:

а) пешниҳоди декларатсия дар бораи баромадан, ба мақоми гумруки салоҳиятдор бо тартиби муқаррааргардида, агар он талаб карда шавад.

й) гузоштани тамғаҳои гумрукӣ дар ҷое, ки бамаврид мебошад;

с) харакат кардан бо хатсайрҳои аз тарафи хадамоти гумрук муқарраргардида, агар ин барои мақсадҳои назорат зарур бошад: ва

d) набудани таъхири беиҷозат, ки ҳангоми баромадани воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ ба миён меояд.

14. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд истифода бурдани шаклҳои декларатсияро дар бораи баромадан, ки ба шаклҳои муқарраргардидаи декларатсия дар бораи омадан ҳаммонанд мебошанд, иҷозат диҳад, ба шарте ки истифодаи онҳо барои мақсадҳои баромадан аниқ зикр шуда бошад.

15. Стандарт

Баромадани воситаҳои нақлиёти истифодаи тиҷоратӣ аз қаламрави гумрукӣ тавассути мақоми гумруки дигар, ғайри мақоме, ки онҳо тавассути он омадаанд, иҷозат дода мешавад.

## БОБИ 4. ЗАХИРАҲО

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

Е1./F6. «боркашон» маънои шахсеро дорад, ки молро воқеан интиқол медиҳад ё барои истифодаи воситаҳои нақлиёт роҳбар ё масъул мебошад;

Е2./F 1. «расмиёти гумрукие, ки нисбат ба захираҳо истифода мешаванд» маънои тамоми амалиётеро доранд, ки аз тарафи шахси манфиатдор ва хадамоти гумрук нисбат ба захираҳо анҷом дода мешаванд:

ЕЗ./5. «коркарди гумрукии захираҳо» маънои ҳамаи имтиёзҳои пешниҳодшаванда ва расмиёти гумрукиеро дорад, ки нисбат ба захираҳо истифода мегарданд;

Е4./F2. «захираҳо» чунин маъно доранд - захираҳо барои истеъмол; ва

«Е5./FЗ. «захираҳо барои истеъмол» чунин маъно доранд:

- моле, ки барои истеъмоли мусофирон ва ҳайати экипаж дар воситаҳо нақлиёти обӣ, ҳавопаймо ё қатораҳо таъин гардидааст, новобаста ба фурӯхта шудан ё нашуданашон; ва

- моле, ки барои истифода /ва хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёти обӣ, ҳавопаймо ва қатораҳо таъин гардидааст, аз ҷумла сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, ба истисноси қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизот;

ё ин ки дар воситаи нақлиёт ҳангоми омадан ҷойгир аст ё ҳангоми таваққуф дар қаламрави гумрукӣ ба воситаҳои нақлиёти обӣ, ҳавопаймо ё қатораҳое расонида, мешавад, ки барои истифода дар ҳамлу нақли байналмилалӣ барои интиқоли пулакии мусофирон ё барои интиқоли пулакӣ ё бепули моли саноатӣ - ё тиҷоратӣ истифода ё таъин гардидаанд;

Ӯ6./F4. «захираҳо барои фурӯш»'маънои молеро дорад, ки барои фурӯш, ба мусофирон ва ҳайати экипажи воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавопаймои воридшаванда ё фурудоянда таъингардида ё дар воситаи нақлиёт ҳангоми расидан ҷойгир аст ва ё ҳангоми таваққуфи воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавопаймоӣ, ки барои истифода дар ҳамлу нақли байналмилалӣ барои интиқоли пулакии мусофирон ё барои интиқоли пулакӣ ё бепули моли саноатӣ ё тиҷоратӣ истифода ё таъин гардидаанд, расонида мешавад.

Принсипҳо

1. Стандарт

Коркарди гумрукии захираҳо бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди қобили татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

2. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Коркарди гумрукии захираҳо, бояд якхела анҷом дода шавад, новобаста ба кишвари бақайдгирӣ ё ҳуқуқи, моликият ба воситаҳои нақлиёти обӣ: ҳавопаймоӣ ва қаторахо.

Захираҳое, ки дар воситаҳои нақлиёти обӣ, ҳавопаймоӣ ё қатораҳои омадаистода ҷойгиранд

а) Озод намудан аз боҷ ва андозҳои воридотӣ

3. Стандарт

Захираҳое, ки бо воситаҳои нақлиёти обӣ ё ҳавопаймоии ба қаламрави гумрукӣ расидаистода интиқол дода мешаванд, бо шарте аз боҷ ва андозҳои воридотӣ озод карда мешаванд, ки онҳо дар дохили воситаи нақлиёт қарор дошта бошанд.

4. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Захираҳо барои истеъмоли мусофирон ва ҳайати экипаж, ки ба сифати маҳсулот дар қатораҳои экспресси байналмилалӣ ворид карда мешаванд, бояд аз боҷ ва андозаҳои воридотӣ озод карда шаванд, ба шарте ки:

а) чунин мол фақат дар кишварҳое харида шуда бошад, ки ба воситаи онҳо қатораи байналмилалӣ ҳаракат кардааст; ва

й) ҳама гуна боҷу андозҳое, ки аз чунин мол дар кишвари хариди онҳо ситонида мешаванд, аллакай пардохт шудаанд.

5. Стандарт

Захираҳои истеъмолӣ, ки барои истифода ва хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёти обӣ, ҳавопаймо ва қаторахо зарур буда, дар чунин воситаҳои нақлиёти ба қаламрави гумрукӣ омада ҷойгиранд, аз боҷҳои воридотӣ ва андозҳо озод карда мешаванд, ба шарте ки онҳо ҳангоми таваққуфи ин воситаҳои нақлиёт дар қаламрави гумрукӣ дар дохили он мемонанд.

й) Ҳуҷҷатҳо

6. Стандарт

Вақте хадамоти гумрук декларатсияи захираҳоеро, ки дар дохили воситаҳои нақлиёти обии ба қаламрави гумрукӣ омада ҷойгир мебошанд, талаб мекунад, маълумот то ба ҳадди ақале, ки барои мақсадҳои назорати гумрукӣ зарур мебошанд, расонида мешаванд.

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Миқдори захираҳое, ки бозпас додани онҳоро хадамоти гумрук аз байни захираҳои дар киштӣ ҷойгирбуда иҷозат медиҳад, бояд дар декларатсияи захираҳо, ки ҳангоми омадани воситаи нақлиёти обӣ ба қаламрави гумрукӣ пешниҳод карда мешавад, сабт гардад ва ба хадамоти гумрук пешниҳод намудани шаклҳои алоҳида нисбат ба чунин захираҳо набояд талаб карда шавад.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Миқдори захираҳое, ки ба воситаҳои нақлиёти обӣ ҳангоми таваққуфи онҳо дар қаламрави гумрукӣ расонида мешаванд, бояд дар ҳама гуна декларатсияи захираҳои аз ҷониби хадамоти гумрук талабшаванда сабт карда шавад.

9. Стандарт

Хадамоти гумрук пешниҳоди декларатсияи алоҳидаи захираҳои дар ҳавопаймо мондаро талаб намекунад.

c) Додани захираҳо барои истеъмол

10. Стандарт

Хадамоти гумрук додани захираҳоро барои истеъмол ҳангоми дар қаламрави гумрукӣ қарор доштани воситаи нақлиёти обӣ ба миқдоре иҷозат медиҳад, ки аз ҷониби хадамоти гумрук дар муддати таваққуфи воситаи нақлиёти обӣ дар қаламрави гумрукӣ асоснок эътироф гардидааст.

11. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Хадамоти гумрук бояд додани захираҳоро барои истеъмоли ҳайати идоракунанда зимни таъмини воситаи нақлиёти обӣ дар док ё верф ба шарте иҷозат диҳад, ки муддати таваққуф дар док ё верф асоснок эътироф гардида бошад.

12. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте ки ҳавопаймо дар як ё якчанд фурудгоҳи дар қаламрави гумрукӣ мавҷудбуда фуруд меояд, хадамоти гумрук бояд додани захираҳоро барои истеъмол дар саҳни он ҳам дар вақти таваққуфи ҳавопаймо дар чунин фурудгоҳҳо ва ҳам дар вақти парвози байни чунин фурудгоҳҳо иҷозат диҳад.

d) Назорати гумрукӣ

13.Стандарт

Хадамоти гумрук аз боркашон анҷом додани тадбирҳои заруриро барои пешгирии ҳама гуна истифодаи беиҷозати захираҳо талаб менамояд, аз ҷумла мӯҳргузории захираҳо дар сурати зарурат.

14. Стандарт

Хадамоти гумрук баровардани захираҳоро аз саҳни воситаи нақлиёти обӣ, ҳавопаймо ё қатора барои нигоҳдории онҳо дар ягон ҷои дигар ҳангоми таваққуфи онҳо дар қаламрави гумрукӣ дар он ҳолате талаб менамояд, ки онро зарур мешуморад.

Таҳвили захираҳое, ки аз боҷ ва андозҳо озод карда шудаанд

15. Стандарт

Ба саҳми воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавопаймоҳое, ки ба маҳалли ниҳоии таъинотӣ дар хориҷа равон мешаванд, расонидани захираҳои зерин бо озод кардан аз боҷ ва андозҳо иҷозат дода мешавад:

а) захираҳо ба миқдоре, ки хадамоти гумрук бо назардошти теъдоди мусофирон ва ҳайати идоракунанда, давомнокии хатсайр ё парвоз ва ҳама гуна миқдори чунин захираҳое, ки то ин вақт дар саҳн ҷойгир будаанд:

й) захираҳо истеъмолӣ, ки барои истифода ва хизматрасонии техникӣ заруранд, бо миқдоре, ки барои истифода ва хизматрасонии техникӣ ҳангоми хатсайр, ё парвоз бо назардошти ҳама гуна миқдори чунин захираҳое, ки то ин вақт дар сахн ҷойгир буда, асоснок эътироф гардидаанд.

16. Стандарт

Пурра кардани захираҳои аз боҷ ва андозҳо озодкардашуда барои воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавопаймоҳое иҷозат дода мешавад, ки ба қаламрави гумрукӣ омадаанд ва барои ҳаракат намудан ба маҳали ниҳоии таъинот дар қаламрави гумрукӣ ба пурра кардани захираҳои худ эҳтиёҷ доранд.

17. Стандарт

Хадамоти гумрук додани захираҳоро барои истеъмол, ки ба воситаҳои нақлиёти обӣ ё ҳавопаймоҳо ҳангоми таваққуфи онҳо дар қаламрави гумрукӣ расонида шудаанд, бо ҳамон шартҳое иҷозат медиҳад, ки дар Боби мазкур нисбат ба захираҳои истеъмолии дар сахни воситаҳои нақлиёти обӣ ё ҳавопаймоҳои омада ҷойгиранд, татбиқ мегарданд.

Баромадан

18. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ҳангоми баромадани воситаҳои нақлиёти обӣ аз қаламрави гумрукӣ набояд декларатсияи алоҳидаи захираҳо талаб карда шавад.

19. Стандарт

Вақте ки декларатсияи захираҳои ба сахни воситаҳои нақлиёти обӣ ё ҳавопаймоҳо расонидашуда ҳангоми баромадани онҳо аз қаламрави гумрукӣ талаб карда мешавад, иттилоот ба ҳадди ақале дода мешавад, ки барои мақсадҳои назорати гумрукӣ зарур мебошад.

Тарзҳои днгари фурӯши захираҳо

20. Стандарт

Барои захираҳое, ки дар сахни воситаҳои нақлиёти обӣ, ҳавопаймоҳо ё қаторахо ҷойгиранд, иҷозат дода мешавад:

а) тоза намудан барои истеъмоли дохилӣ ё ҷойгир кардан тахти расмиёти дигари гумрукӣ бо риояи шартҳо ва расмиёте, ки дар ҳар як ҳолат истифода мешаванд; ё

й) бо иҷозати пешакии хадамоти гумрук мувофиқан аз нав бор кардан ба дигар воситаҳои нақлиёти обӣ, ҳавопаймо ё қаторахое, ки дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифода мешаванд.

## БОБИ 5. ТАҲВИЛИ КӮМАК

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «таҳвили кӯмак» чунин маъно доранд:

- мол, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ ва воситаҳои дигари нақлиёт, маҳсулоти озуқа, доруворӣ, либос, кӯрпаҳо, хаймаҳо, хонаҳои насбшаванда, дастгоҳ барои тозакунию нигоҳдории об ё молҳои дигари мавриди зарурати аввала, ки дар намуди кӯмак ба зарардидагони офатҳои табиӣ равона карда мешаванд; ва

- тамоми таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ ва воситаҳои дигари нақлиёт, ҳайвонҳои махсус таълимдодашуда, захираҳои озуқа, захира, анҷоми шахсӣ ва молҳои дигаре, ки ба ҳайати рафъкунандагони оқибатҳои офати табиӣ барои иҷро гардидани ӯҳдадориҳои онҳо ва таъйини шароити зисту кор дар қаламрави офати табиӣ дар давоми тамоми мӯҳлати иҷрои супориш зарур мебошанд.

Принсипҳо

1.Стандарт

Тозакунии таҳвилҳои кӯмак бо муқаррароти Боби мазкур ва то ба ҳадди татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

2. Стандарт

Тозакунии таҳвили кӯмак барои содирот, транзит, иҷозати муваққатӣ ва воридот бо тартиби афзалиятнок анҷом дода мешавад.

Доираи истифода

3. Стандарт

Дар ҳолати таҳвили кӯмак хадамоти гумрук пешбинӣ мекунад:

- додани декларатсияи соддагардонидашудаи мол ё декларатсияи муваққатӣ ё нопурра бо шарти пурра навиштани декларатсия дар мӯҳлати муқарраргардида;

- додан ва бақайдгирӣ ё тафтиши декларатсияи мол ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда то расидани мол ва иҷозати он ҳангоми расидан:

- тозакунӣ берун аз соатҳои муқарраргардидаи корӣ ва берун аз мақоми гумрук, инчунин озод намудан аз ҳама гуна хироҷҳои марбут ба ин; ва

- тафтиши мол ва/ё гирифтани намунаҳои мол танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ.

4. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тозакунии таҳвили кӯмак бояд новобаста ба кишвари истеҳсолкарда, кишваре, ки кӯмак аз он омадааст ё кишвари таъинот амалӣ гардонида мешавад.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолати таҳвили кӯмак набояд ҳеҷ гуна мамнӯъияту маҳдудиятҳое, ки ҳангоми содирот хусусияти иқтисодӣ доранд, инчунин ҳеҷ гуна боҷ ва андозҳое, ки дар дигар ҳолатҳо мавриди пардохт мебошанд, татбиқ гарданд.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Таҳвили кӯмак, ки ҳамчун ҳадя аз тарафи ташкилоҳои тасдиқгардида барои истифодаи чунин ташкилотҳо ё ташкилотҳое, ки кӯмак таҳти назорати онҳо қарор доранд ё барои аз ҷониби онҳо ё таҳти назорати онҳо ройгон тақсим намудан гирифта шудааст, бояд зимни озод намудан аз боҷ ва андозҳои воридотӣ ва мамнӯъиятиу маҳдудиятҳое, ки хусусияти иқтисодӣ доранд, барои воридот иҷозат дода шаванд.

## ЗАМИМАИ МАХСУС К ИСТЕҲСОЛИ МОЛ

### БОБИ 1. Қоидаҳои истеҳсол

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F2. «кишвари истеҳсолкардаи мол» маънои кишвареро дорад, ки дар он мол тибқи меъёр барои мақсадҳои истифодаи тарифи гумрукӣ, маҳдудиятҳои миқдорӣ ва тадбирҳои дигари вобаста ба тиҷорат пешбинишуда истеҳсол ё сохта шудааст:

E2./F3. «қоидаҳои истеҳсол» маънои муқаррароти мушаххасеро доранд, ки дар асоси принсипҳои муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ ё созишномаҳои байналмилалӣ («меъёри истеҳсол») барои муайян намудани кишваре, ки молро истеҳсол кардааст таҳия гардидаанд;

E3./F1. «меъёри коркарди кифоя» маънои меъёреро дорад, ки тибқи он ҳангоми муайян намудани истеҳсол кишвари истеҳсолкарда кишваре ба ҳисоб меравад, ки дар он амалиёти зарурӣ оид ба истеҳсоли мол анҷом дода шуда, барои ба мол додани хусусиятҳои асосӣ кофӣ эътироф гардидааст.

Принсип

1. Стандарт

Қоидаҳои истеҳсоли барои анҷом додани тадбирҳои зарурӣ, ки хадамоти гумрук оид ба истифодаи онҳо ҳам ҳангоми воридот ва ҳам ҳангоми содирот -масъул мебошад, бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди татбиқ бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд. Қоидаҳои истеҳсол

2. Стандарт

Моле, ки дар кишвари муайян пурра истеҳсол шудааст, моли истеҳсолнамудаи ҳамин кишвар ҳисобида мешавад. Танҳо молҳои зерин метавонад пурра дар кишвари муайян истеҳсолшуда ҳисобида шаванд:

а) канданиҳои фоиданок, ки аз қаъри заминҳо, обҳо ва баҳрҳои дар қаламрави кишвари мазкур воқеъбуда истихроҷ шудаанд:

й) маҳсулоти растанӣ, ки дар кишвари мазкур парвариш ва ҷамъоварӣ карда мешаванд;

с) чорвои зиндае, ки дар кишвари мазкур тавлид ва ё парвариш ёфтааст;

d) маҳсулоте,ки дар кишвари мазкур аз чорвои зинда гирифта шудааст;

е) маҳсулоте, ки дар натиҷаи шикор ё моҳидорӣ дар кишвари мазкур гирифта шудааст:

f) маҳсулоти шикори моҳӣ аз бахр ва дигар маҳсулоти баҳрӣ, ки ба воситаи нақлиёти обии кишвари мазкур гирифта шудаанд;

g) маҳсулоте, ки дар сахни киштиҳои коркарди маҳсулоти баҳрии кишвари мазкур махз аз намудҳои маҳсулоти дар банди (0 ва бандҳои дар боло зикршуда гирифта шудааст:

h) маҳсулоте, ки аз қабатҳои хоки қаъри баҳри ба қаламрави баҳрии кишвари мазкур таалуқ надошта гирифта шудааст, ба шарте ки он барои коркарди қабатҳои хоки каъри ин баҳр ҳуқуқи истисноӣ дошта бошад;

ij) шикастапораҳо ва партовҳо, ки дар ҷараёни истеҳсолот ва коркард истеҳсол шудаанд, инчунин маҳсулоти қаблан истифодашуда, ки дар кишвари мазкур ҷамъоварӣ гардида, танҳо барои ҳосил намудани ашёи хом ба кор меояд;

к) моле, ки дар кишвари мазкур маҳз аз маҳсулоти дар бандҳои (а) - (ij) зикргардида истеҳсол шудааст.

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми истеҳсоли мол ду ё зиёда кишвар иштирок намудаанд, кишвари истеҳсолкардаи ин мол бояд мувофиқи меъёри зарурии коркард кифоя муайян карда шавад.

4. Тавсия оид ба истифодаи амалӣ

Ҳангоми истифодаи меъёри зарурии коркард лозим аст, ки Конвенсияи байналмилалӣ оид ба Системаи ҳамоҳангшудаи тавсиф ва рамзгузории молҳо истифода бурда шавад.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки меъёри зарурии коркард тибқи қоидаҳои ҳиссаи фоизӣ аз арзиши умумӣ ифода мегардад, бояд хусусиятҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

- ннсбат ба маводи воридшавандае, ки ба арзиши он ҳангоми воридот боҷ баста шудааст ё маводе, ки истеҳсоли он номаълум буда, барои онҳо аввалин нархи бо дар кишвари истеҳсолшуда маблағи боҷ пардохта шудааст ва бо нархи аввалия ба таври ҳуҷҷатӣ тасдиқ гардидааст; ва

- нисбат ба моли истеҳсолшуда ё нархи франко-завод, ё нарх ҳангоми содирот мувофиқи муқаррароти қонунгузории миллӣ.

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Амалиёте, ки ба хусусиятҳои асосии мол таъсир намерасонанд ё таъсири ночиз мерасонанд, махсусан амалиёте, ки бо як ё якчанд амалиёти дар поён зикршуда маҳдуд мегарданд, набояд ҳамчун амалиёти кифояиистеҳсол ё коркард баррасӣ шаванд:

а) амалиёте, ки барои таъмини нигаҳдошти мол ҳангоми нигохдорӣ ва интиқоли он зарур мебошанд;

й) амалиёт оид ба беҳтар намудани бастабандӣ ё сифати бозории мол, омода намудани он барои интиқол, аз қабили тақсими дастаҳо, ба гурӯҳҳо ва навъҳо ҷудо кардани бастабандиҳо, нишонгузорӣ ва аз нав дастабандӣ намудан:

с) амалиёти оддин насбкунӣ:

d) омехта намудани моле, ки дар кишвариҳои мухталиф истеҳсол шуда, хусусиятҳои маҳсулоти гирифташуда аз хусусиятҳои моли омехташуда фарқи намоён надошта бошад.

Ҳолатҳои махсуси истеҳсол

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Лавозимот, қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобҳое, ки барои истифодаи мошин, таҷҳизот, дастгоҳ ё воситаи нақлиёт заруранд бояд маҳсули ҳамон кишваре ба ҳасоб раванд, ки мошину таҷҳизот, дастгоҳ ё воситаи нақлиёт ба он мансубанд, ба шарте ки якҷоя бо онҳо ворид гардида, ба таври муқаррарӣ фурӯхта шаванд ва аз рӯи навъу миқдор ба таҷҳизоти стандартии онҳо мувофиқ бошанд.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Маснуоти насбнашуда ё ҷудокардашудае, ки бинобар сабабҳои нақлиётӣ ё истеҳсолӣ воридоти онҳо имконнопазир мебошад, бо зиёда аз ду даста ворид карда мешаванд ва тибқи дархости воридкунанда барои мақсадҳои муайян намудани истеҳсол бояд ҳамчун маснуоти ягона баррасӣ шавад.

9. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо мақсади муайян намудани макони истеҳсол, бастабандӣ бояд маҳсули кишваре ҳисобида шавад, ки мол дар дохили он ҷойгир шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории миллии кишвари воридот алоҳида декларатсия кардани онро бо максадхои тарифгузорӣ талаб менамояд; дар ин ҳолат истеҳсоли макони он бояд алоҳида аз истеҳсоли мол муайян карда шавад.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бо мақсади муайян намудани макони истеҳсол дар ҳолатҳое, ки бастабандӣ маҳсули кишвари истеҳсолкардаи мол ҳисобида мешавад, бояд танҳо он бастабандие ба назар гирифта шавад, ки мол дар он ба таври чакана фурӯхта мешавад, хусусан ҳангоми истифодаи усули ҳиссаи фоизӣ.

11.Стандарт

Бо мақсади муайян намудани макони истеҳсоли мол макони истеҳсоли энергия, таҷҳизот, мошину асбобҳои барои истеҳсол ё коркарди мол истифодашаванда ба назар гирифта намешавад.

Қоидаи интиқоли мустақим

12. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳои пешбинӣ гардидани муқаррароте, ки интиқоли мустақими молро аз кишвари истеҳсолкардаи он талаб менамояд, бахусус аз рӯи сабабҳои ҷуғрофӣ (масалан, нисбат ба кишварҳое, ки роҳи баҳрӣ надоранд), инчунин нисбат ба моле, ки таҳти назорати гумрукӣ дар кишварҳои сеюм ҷойгиранд (масалан, нисбат ба моле, ки дар ярмаркаҳо ё намоишгоҳҳо ба тамошо гузошта шуда ё дар анборҳои гумрукӣ ҷойгир карда шудааст), бояд ба вайрон кардани ин қоидаҳо иҷозат дода шавад. Иттилоот дар бораи қоидаҳои макони истеҳсол

13. Стандарт

Тағйирот дар қоидаҳои макони истеҳсол ё тартиби титбиқи онҳо танҳо пас аз огоҳкунии зарурӣ, ки ба шахсони манфиатдор имкони шинос шуданро ба муқаррароти нав ҳам дар бозорҳои содиротӣ ва ҳам дар кишварҳои молрасон медиҳад, эътибор пайдо мекунанд.

БОБИ 2. Тасдиқи ҳуҷҷатии истеҳсол

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F2. «сертификати макони истеҳсол» ҳуҷҷати дорои шакли муайяне мебошад, ки молро ҳаммонанд намуда, дар он мақоми ҳокимият ё мақоми ваколатдори додани он сертификат комилан тасдиқ менамояд, ки моли сертификатшуда дар кишвари муайян истеҳсол шудааст. Ин сертификат метавонад инчунин декларатсияи тайёркунанда, истеҳсолкунанда, таҳвилгар, содиркунанда ё шахси дигари салоҳиятдорро дар бар гирад:

E2./F3. «декларатсияи шаҳодати макони истеҳсол» маънои «декларатсияи макони истеҳсол»-ро дорад, ки аз ҷониби мақоми ҳокимият ё мақоми барои ин ваколатдошта шаҳодат дода шудааст;

E3./F4. «декларатсияи дар бораи макони истеҳсол» маънои қайди дахлдорро оид ба истеҳсоли мол дорад, ки дар робита бо содироти он аз тарафи тайёркунанда, истеҳсолкунанда, таҳвилгар, содиркунанда ё шахси дигари салоҳиятдор дар ҳисобномаи тиҷоратӣ ё ҳама гуна ҳуҷҷати дигари марбут ба ин мол сабт карда шудааст;

E4./F5. «тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол» маънои сертификати истеҳсол, декларатсияи шаҳодат „. истеҳсол ё декларатсияи макони истеҳсолро дорад;

E5./F1. «сертификати номгӯи минтақавӣ» маънои сертификатеро дорад, ки мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи мақоми ҳокимият ё мақоми ваколатдор ба расмият даровarda шуда, тасдиқ менамояд, ки моли дар он тавсифёфта ба ноҳияи муайян, ки номгӯй шудааст, мувофиқат мекунад (масалан. шампон, портвейн, панири Пармезан).

Принсип

1. Стандарт

Талаб намудан, мураттаб сохтан ва аз рӯи ҳуҷҷат тасдиқ намудани макони истеҳсоли мол, ки бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди қобили татбиқ бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешаванд.

Талаб намудани тасдиқи ҳуҷҷатии истеҳсол

2. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол бояд танҳо дар ҳолатҳо талаб карда шавад, ки агар он барои татбиқи боҷҳои имтиёзнок, тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ ё тиҷоратие, ки бо тартиби яктарафа ё мувофиқи созишномаҳои дутарафа ё бисёртарафа анҷом дода мешаванд ё тадбирҳое, ки бо мақсади таъмини саломатии аҳолӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ анҷом дода мешаванд, зарур бошад.

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол набояд дар ҳолатҳои зерин талаб карда шавад:

a) моле, ки бо миқдори начандон калон ба унвони шахсони хусусӣ фиристода мешавад ё дар бағоҷи мусофирон интиқол меёбад, ба шарте ки чунин воридот хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта, арзиши умумии моли воридшаванда аз 100 доллари ИМА зиёд набошад;

ӣ) миқдори моли таъиноти тиҷоратӣ, ки арзиши умумии он аз 60 доллари ИМА бошад, зиёд набошад;

c) моле, ки ба он иҷозати муваққатӣ дода шуда буд:

d) моле, ки таҳти назорати транзитии гумрукӣ интиқол дода мешавад:

e) моле, ки ба он сертификати номгӯи минтақавӣ дода шудааст, инчунин моли муайяни махсус зимни шартҳое, ки бояд аз тарафи кишварҳои молрасон мувофиқи созишномаҳои дутарафа ва бисёртарафаи мурбут ба ин мол риоя гарданд ва дар ин ҳолат тасдиқи ҳуҷҷатӣ талаб карда намешавад.

Ҳангоми дар як вақт фиристодани якчанд миқдори молҳои дар бандҳои (а) ва (ӣ) номбаршуда бо ҳамон услуб, ба ҳамон як борқабулкунанда ва борирсолкунанда арзиши умумӣ баробари арзиши умумии миқдори моли мазкур ба ҳисоб меравад.

4. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Вақте ки қоидаҳои марбут ба талаб намудани пешниҳоди тасдиқи ҳуҷҷатии макони истеҳсол бо тартиби яктарафа муқаррар гардида бошанд. онҳо бояд лоақал ҳар 3 сол барои тасдиқи он, ки онҳо бо назардошти тағийрёбии шароити иқтисодӣ ва тиҷоратие, ки дар давраи мавҷудияти онҳо қабул шуда буданд, ҳамон тавр боқӣ мемонанд, аз нав дида баромада шаванд.

5. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Пешниҳоди тасдиқи ҳуҷҷатии макони истеҳсол аз мақомоти салоҳиятдори кишвари истеҳсолкунанда бояд танҳо дар ҳолатҳое талаб карда шавад, ки хадамоти гумруки кишвари воридот барои шубҳа дар қаллобӣ асос дошта бошад.

Арзкунӣ ва шакли навъҳои мухталифи тасдиқи ҳуҷҷатии истеҳсол

Сертификати макони истеҳсол

Шакл ва мазмун

6. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Ҳангоми аз нав дида баромадани шаклҳои амалкунанда ё омодасозии шаклҳои нави сертификатҳои макони истеҳсол Тарафҳои Аҳдкунанда бояд намунаи бланкаи дар Замимаи I ҳамин Боб овардашударо мувофиқи эзоҳоти Замимаи II ва бо назардошти қоидаҳои Замимаи III истифода баранд.

Тарафҳои Аҳдкунандае, ки бланкаҳои сертификатҳои макони истеҳсоли худро бо намунаи бланки Замимаи I ҳамин Боб мувофиқ намудаанд, бояд дар ин хусус Котиби генералии Шӯроро огоҳ созанд.

Забонҳои истифодашаванда

7. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Бланкаҳои сертификати макони истеҳсол бояд ба забони (забонҳои) интихобкардаи кишвари содирот ва агар ин забон на англисӣ бошаду на франсавӣ, инчунин ба забонҳои англисию франсавӣ низ чоп карда шаванд.

8. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолатҳое, ки сертификати истеҳсол бо забоне ба расмият дароварда шавад, ки он забони кишвари воридотӣ набошад, хадамоти гумруки ин кишвар тибқи қоидаи умумӣ, набояд тарҷумаи маълумоти дар сертификати истеҳсол овардашавандаро талаб намояд.

Мақомоти ҳокимият ва мақомоти дигаре, ки барои додани сертификати макони истеҳсол ваколатдор карда шудаанд.

9. Стандарт

Тарафҳои Аҳдкунандае, ки Боби мазкурро қабул менамоянд, мақоми ҳокимият ё мақомоти дигари барои додани сертификати макони истеҳсол ваколатдоршударо ё дар огоҳиномаи худ оид ба қабул ё баъди он нишон мекунанд.

10. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Дар ҳолате, ки мол бевосита аз кишвари макони истеҳсол ворид намегардад, балки тавассути қаламрави кишвари сеюм равон карда мешавад, бояд барасмиятдарории сертификатҳои макони истеҳсол аз тарафи мақомоти ҳокимият ё мақоми барои додани чунин сертификатҳо ваколатдоршудаи ин кишвар, дар асоси сертификати макони истеҳсол, ки қаблан дар кишвари макони истеҳсоли мол дода шуда буд, иҷозат дода шавад.

11. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Мақоми ҳокимият ё мақоме, ки барои додани сертификатҳои макони истеҳсол ваколатдор шудаанд, бояд аризаҳо ё нусхаҳои муқоисавии сертификатҳои додаашонро на камтар аз 2 сол нигоҳ доранд.

ӣ) Дигар тасдиқи ҳуҷҷатӣ ба ғайр аз сертификати истеҳсол

12. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Агар тасдиқи ҳуҷҷатии макони истеҳсол талаб карда шавад. декларатсия дар бораи макони истеҳсол бояд дар ҳолатҳои зерин қабул шавад:

а) моле, ки бо миқдори начандон калон ба унвонии шахсони хусусӣ чунин воридот хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта, арзиши умумии моли воридшаванда 500 долларп ИМА зиёд набошад:

ӣ) миқдори моли таъиноти тиҷоратӣ, ки арзиши умумии онҳо 300 доллари ИМА зиёд набошад.

Ҳангоми дар як вақт фиристодани якчанд миқдори молҳои дар бандҳои (а) ва (ӣ) номбаршуда бо ҳамон услуб, ба ҳамон як борқабулкунанда ва борирсолкунанда арзиши умумӣ баробари арзиши умумии ин миқдори мол ба ҳисоб меравад.

Муҷозот

13. Стандарт

Муқаррароте пешбинӣ кардан лозим аст, ки он бо мақсади гирифтани тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол, нисбат ба ҳама гуна шахсе, ки ҳуҷҷати дорои маълумоти нодурустро тайёр мекунад ё барои тайёр кардани он амр медиҳад, татбиқ намудани муҷозотро муайян намояд.

ЗАМИМАИ I

ЗАМИМАИ II

Эзоҳ

1. Андозаи сертификат бояд ба андозаи формати байналмилалии 130 А4. (210ч297 мм. 8.27ч11.69 дюма) баробар бошад. Бланк бояд ҳошияи болоии 10мм ва ҳошияи чапи 20мм дошта бошад, ки барои дӯхтан монда шудааст. Баландии фосила бояд 4.24 мм (1/6 дюма) каратӣ, аммо паҳнои фосила бошад, бояд 2. 54 мм (1/10 дуюм) карат бошад. Ҷойгиршавии мавод бояд ба формуляр-намунаи ЭСК, ки дар Замимаи 1 оварда шудааст, мувофиқат кунад. Вайронкунии ночизи андозаи сутунҳо ва ғайра раво мебошад, агар ин бо сабабҳои муайян дар кишваре, ки сертификатро додааст лозим бошад, ба монандн мавҷудияти системаҳое, ки аз системаи метрӣ тафовут доранд, хусусиятҳои системаҳои миллии қабулгардидаи ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳоказо

2. Дар ҳолатҳое, ки барасмиятдарории дархостҳоро оид ба додани сертификати макони истеҳсолро пешнибӣ намудан лозим меояд, бланки дархост ва бланки сертификат бояд барои таъмини дар як вақт пур кардани онҳо ба ҳамдигар мувофиқ бошанд.

3.Кишварҳо метавонанд барои пешгирӣ намудани сохтакориҳо стандарти вазни як метри мураббаъи коғазро муқаррар кунанд ва гилошикунониро исиафода баранд.

4. Барои маълумоти истифодабарандагон қоидаҳои барасмиятдарории сертификати макони истеҳсолро дар тарафи дигари сертификат чоп кардан мумкин аст.

5. Дар ҳолати пешниҳод кардани дархостҳо барои анҷом додани назорати post facto мутобиқи созишномаҳо оид ба мусоидати мутақобилаи маъмурӣ, дар тарафи дигари сертификат метавонад ҷой монда шавад.

6. Мулоҳизаҳои зерин ба сутунҳои бланки намунавӣ дахл доранд:

Сутуни №1: Истилоҳи «содиркунанда» метавонад бо истилоҳоти «борирсолкунанда», «истеҳсолкунанда», «таҳвилгар» ва ҳоказо иваз карда шавад.

Сутуни №2: Бояд танҳо як нусхаи аслии сертификат дар бораи макони истеҳсол мавҷуд бошад, ки бо ибораи «матни асл» ишора шуда, дар паҳлӯи номи ҳуҷҷат зикр мегардад. Агар сертификати макони истеҳсол ба ивази нусхаи аслии гумшуда дода шавад, он додашуда бо ибораи «Нусхаи дуюм» ишора шуда, дар паҳлӯи номи ҳуҷҷат зикр мегардад. Дар нусхаҳои матни асл ё нусхаи дуюм бояд калимаи «Нусха» сабт шуда бошад.

Ин сутун ҳамчунин барои зикр намудани номи (логотип, аломат ва ғайра) мақоми диҳандаи сертификат таъин гардидааст ва дар он бояд барои мақсадҳои дигари расмӣ ҷой монда шавад.

Сутуни №3: Маълумоти дар ин сутун нишондодашуда метавонад бо навиштаҷоти «дархост карда шавад» ва эҳтимолан бо кишвари таъинот иваз гардад.

Сутуни №4: Ин сутун метавонад барои иттилооти иловагӣ оид ба воситаи нақлиёт, хатсайр ва ғайра истифода гардида, ҳамчунин метавонад масалан бо хоҳиши мақоми диҳандаи сертификат дохил карда шавад.

Сутуни №5: Агар зикр кардани «рақами маҳсулот» зарур бошад, он метавонад дар ҳошия ё дар аввали ҳар сатри ин сутун зикр гардад. Сутунчаи «нишон ва рақамгузорӣ» метавонад аз сутунчаи «Миқдор ва намуди бастабандиҳо» ва «Тавсифи мол» бо хати амудӣ ҷудо карда шавад. Агар чунин хати амудӣ истифода нашавад маълумот бояд бо фосилаҳои кофӣ аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд. Тавсифи мол метавонад бо мушоиати рамзи истифодашавандаи молии Системаи ҳамоҳангшуда дар қисми чапи сутунча зикр карда шавад. Маълумот оид ба меъёри макони истеҳсол ҳангоми зарурат дар сутуни мазкур нишон дода шуда, бояд аз иттилооти боқимонда бо хати амудӣ ҷудо карда шаванд.

Сутуни №6: Одатан, зикр намудани вазни ғайри холис бояд барои ҳаммонандсозии мол кофӣ бошад.

Сутуни №7: Ин сутун барои дохил кардани ҳама гуна маълумоти иловагӣ, ки метавонанд талаб карда шаванд, ба монанди андоза ё барои ишора ба ҳуҷҷатҳои дигар (масалан, ҳисобномаҳои тиҷоратӣ) холӣ гузошта мешавад.

Сутунҳои №6 ва 7: Нишондиҳандаҳои миқдории дигаре, ки воридкунанда метавонад барои осон намудани ҳаммонандсозӣ зикр кунад, метавонад мутобиқан ба сутунҳои №6 ё №7 дохил карда шаванд.

Сутуни №8: Ин сутун эҳтиётан барои маълумот оид ба тасдиқи сертификат аз ҷониби мақоми ваколатдор (навиштаҷоти тасдиқкунанда, мӯҳрҳо, сана, маҳалли додан ва ғ.) нигоҳ дошта мешавад.

Тасвияҳои саҳеҳи матнҳо ва ғ. ба салоҳдиди мақоме, ки сертификатро додааст, вогузор карда мешаванд; тасвияи дар бланкаи намунавӣ истифодашуда танҳо ҳамчун мисол хизмат мекунад. Сутуни мазкур метавонад инчунин барои аризаи имзокардашудаи воридкунанда (ё таҳвилгар, ё истеҳсолкунанда) истифода бурда шавад.

ЗАМИМАИ III

Қоидаҳои барасмиятдарории сертификати макони истеҳсол

Қоидаҳои барасмиятдарории сертификатҳои макони истеҳсол (ва ҷои истифода, инчунин дархостҳо оид ба чунин сертификатҳо) бо назардошти эзоҳҳои қаблан овардашуда ба салоҳдиди мақомоти миллии ҳокимият вогузошта мешаванд. Бо вуҷуди ин, метавонад зарурати таъмини риояи муқарраротӣ зерин ба миён ояд:

1. Бланкҳо метавонанд бо ҳар тарз пур карда шаванд, ба шарте ки маълумоти воридшуда покнашаванда ва сарех бошанд.

2. Поккунӣ ва ислоҳ дар сертификатҳо (ё дархостҳо) иҷозат дода намешавад. Барои ворид намудани ҳама гуна тағйирот маълумоти нодурустро хат зада, иловаҳои заруриро дохил кардан лозим аст. Чунин тағйирот бояд аз ҷониби шахси онҳоро дохилнамуда тасдиқ гардида, мақоми ҳокимият ё мақом ба он шаҳодат диҳад.

3. Ҳама гуна сутунҳои пурнокарда барои пешгирӣ имконияти ба он ворид намудани иловаҳои минбаъда бояд хат кашида шаванд.

4. Баҳри иҷрои талаботи тиҷорати содиротӣ илова ба нусхаи асл метавонад як ё якчанд нусхаҳои дигар ба расмият дароварда шавад.

## БОБИ 3. САНҶИШИ ТАСДИҚИ ҲУҶҶАТИИ МАКОНИ ИСТЕҲСОЛ

Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Боби мазкур:

E1./F1. «сертификати макони истеҳсол» маънои ҳуҷҷати шакли муайянеро дошта молро ҳаммонанд мекунад ва дар он мақоми ҳокимият ё мақоми ваколатдор тасдиқ менамояд, ки моли мансуби ин сертификат дар кишвари муайян истеҳсол карда шудааст. Сертификат инчунин метавонад декларатсияи истеҳсолкунанда, таҳвилгар, содиркунанда ё шахси дигари салоҳиятдорро низ дар бар гирад;

E2./F2. «декларатсияи шаҳодатдодашудаи макони истеҳсол» маънои «декларатсияи макони истеҳсол»-ро дорад, ки аз ҷониби мақоми ҳокимият ё мақоми ваколатдор шаҳодат дода шудааст;

E3./F3. «декларатсияи макони истеҳсол» маънои қайди дахлдорро оид ба истеҳсоли мол дорад, ки дар робита бо содироти он аз тарафи истеҳсолкунанда, таҳвилгар, содиркунанда ё шахси дигари салоҳиятдор дар ҳисобномаи тиҷоратӣ ё ҳама гуна ҳуҷҷати дигари марбут ба ин мол сабт карда шудааст;

E4./F4. «тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол» маънои сертификати макони истеҳсол, декларатсияи шаҳодатдодашудаи макони истеҳсол ё декларатсияи макони истеҳсолро дорад.

Принсип

1. Стандарт

Мусоидати маъмурӣ дар санҷиши тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол бо муқаррароти Боби мазкур ва то ҳадди татбиқ, бо муқаррароти Замимаи асосӣ танзим карда мешавад.

Принсипи мутақобила

2. Стандарт

Мақоми салоҳиятдори Тарафи Аҳдкунанда, ки барои гузаронидани санҷиш дархост гирифтааст, ӯҳдадор нест, ки онро иҷро намояд, агар мақоми салоҳиятдори ҳокимияти дархостнамудаи Тарафи Аҳдкунанда ва Тарафҳои Аҳдкунанда бо ҳам ҷой иваз мекарданд, қобилияти чунин мусоидатро надоштанд.

Дархостҳо барои гузаронидани санҷиш

3. Тавсия оид ба татбиқи амалӣ

Маъмурияти гумрукии Тарафи Аҳдкунандае, ки Боби мазкурро қабул намудааст, метавонад ба мақоми салоҳиятдори тарафи дигари аҳдкунандае, ки низ Боби мазкурро қабул карда, тасдиқи ҳуҷҷатии макони истеҳсол дар қаламрави он ба расмият даровардa шудааст, бо дархост оид ба гузаронидани санҷиш чунин тасдиқ муроҷиат намояд:

а) агар барои шубҳаи аслӣ будани ин ҳуҷҷат асосҳои кофӣ мавҷуд бошанд;

й) агар барои шубҳаи дақиқ будани маълумоти дар он зикршуда асосҳои кофӣ мавҷуд бошанд:

с) дар асоси интихоб.

4. Стандарт

Дархостхо барои гузаронидани санҷиши тасодуфӣ, ки дар Тавсия оид ба татбиқи амалии 3 (с) пешбинӣ гардидаанд, бояд дастурро оид ба ин масъала дар бар гирифта, барои таъмини мувофиқати назорат зарурбуда то ҳадди ақал расонида шаванд.

5. Стандарт

Дархостҳо барои гузаронидани санҷиш:

а) сабабҳои шубҳа доштани маъмурияти гумрукии дархост фиристода барои аслӣ будани ҳуҷҷати пешниҳодшуда ё дақиқ будани малумоти дар ҳуҷҷат овардашуда зикр карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дархостҳо барои гузаронидани санҷиш тасодуфӣ фиристода мешаванд:

й) ҳангоми зарурат қоидаҳои муайянкунии макони истеҳсол нисбат ба моли дар кишвари воридот мавриди истифодашаванда ва ҳама гуна иттилооти иловагие, ки ин кишвар дархост мекунад, нишон дода мешавад;

с) ба ҳуҷҷати тасдиқи макони истеҳсол ё нусхаи он, ки бояд мавриди санҷиш қарор дода шаванд, инчунин ҳангоми зарурат ҳама гуна ҳуҷҷатҳои дигаре, ки метавонанд санҷишро осон гардонанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

6. Стандарт

Ҳар мақоми салоҳиятдоре, ки бораи гузаронидани санҷиш аз Тарафи Аҳдкунандаи Боби мазкур дархост гирифтааст, баъди мустақилона гузаронидани санҷишҳо ва баъди тафтишоти зарурии дигар мақомоти ваколатдори маъмурии ҳокимият, ба дархост ҷавоб медиҳад.

7. Стандарт

Мақоме, ки барои гузаронидани санҷиш дархост гирифтааст, ба саволҳои маъмурияти гумрукии дархостро фиристода ҷавоб медиҳад ва ҳама гуна иттилооти дигареро, ки марбут ба дархостнома меҳисобад, пешниҳод мекунад.

8. Стандарт

Ба дархостҳо оид ба гузаронидани санҷиш бояд дар мӯҳлати муқаррарғардида, ки аз шаш моҳ зиёд намебошад, ҷавоб дода шавад. Агар мақоми дархост гирифта дар давоми шаш моҳ ҷавоб дода натавонад, дар ин хусус маъмурияти гумрукиеро, ки дархостномаро фиристодааст, хабардор мекунад.

9. Стандарт

Дархостҳо оид ба гузаронидани санҷиш бояд дар давоми мӯҳлати муқарраргардида фиристода шаванд, ки он ба истисноӣ ҳолатҳои фавқулодда, набояд аз як соли пас аз санаи пешниҳоди ҳуҷҷат ба мақоми гумруки Тарафи Аҳдкунанда, ки дархостнома фиристодааст, зиёд бошад.

Барориши мол

10. Стандарт

Дархост оид ба гузаронидани санҷиш барои барориши мол монеъ намешавад, агар ин мол мавриди мамнӯъияту маҳдудиятҳои воридотӣ қарор нагирифта бошад ва ба қаллобӣ будани он шубҳа вуҷуд надошта бошад.

Муқаррароти дигар

11. Стандарт

Ҳама гуна маълумоте, ки мутобиқи муқаррароти Боби мазкур дода мешаванд, ҳамчун маълумоти махфӣ баррасӣ гардида, танҳо барои мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешаванд.

12. Стандарт

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои санҷиш тасдиқи ҳуҷҷати макони истеҳсол, ки мақомоти салоҳиятдори ҳокимият ё мақомоти ваколатдор додааст, аз ҷониби ҳамин ҳокимият ё мақомот дар давоми мӯҳлати лозимӣ нигаҳдорӣ мешаванд, ки он бояд на камтар аз ду соли пас аз санаи додани тасдиқи ҳуҷҷатӣ бошад.

13. Стандарт

Тарафҳои Аҳдкунандаи Боби мазкурро қабулкарда мақомоти ҳокимиятро, ки барои гирифтани дархостҳо оид ба гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошанд, муайян намуда, суроғаи онҳоро ба Котиби генералии Шӯро хабар медиҳанд ва ӯ ин иттилоотро ба Тарафҳои Аҳдкунандаи дигар, ки Боби мазкурро қабул намудаанд, мерасонад.

Котиби генералии Шӯрои ҳамкории гумрукӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳамин матн нусхаи аслии матни аслӣ буда барои нигаҳдорӣ ба бойгонии Шӯрои ҳамкории гумрукӣ супорида шудааст.